ДИЛОШӮБ



# САДОИ ОШНО

Аё, ӯи дӯст, ёде ор моро,
Шунав боре "Садои ошно"-ро.
Даруни нома ҷо гашта дили ман,
Бихон лафзи пур аз меҳру вафоро.

Kitob q
muddat

Oldin
miqd

**ДИЛОШЎБ**

# САДОИ ОШНО

**Шеърҳо**



"MANORAT"
Самарқанд – 2024

OSNOV TADBIRKORLIK
VA PEDAGOGIKA
INSTITUTI ARM

УЎК: 894.3
КБК: 83.3 Тад

Ч 96

Дилошўб (Ўғилой Чўрабоева), Садои ошно (шеърҳо) – Самарқанд: «Маҳорат». –176 саҳ.

Дар ин маҷмуа шеърҳои шоираи дилошно Ўғилой Чўрабоева, ки солҳои охир бо тахаллуси Дилошўб эҷод мекунад, гирд омадааст. Эҳтиром ба забони модарӣ, дўст доштани Ватан ва дўстию одамгарӣ мавзўи асосии шеърҳои ўст. Дардномаҳои ў дарди инсоният аст. Аз марги фарзандону дўстон ба гиря меояд. Гиряҳояш шеър мешавад. Ба ҳамаи ин нигоҳ накарда Дилошўб шоираи хушбин аст.

ISBN: 978-9910-9259-4-8

© Дилошўб, 2024
© «МАҲОРАТ», 2024

# ВАТАН ҶОНУ ЗАБОН ИМОН





DENOV TADBIRKORLIK VA PEDAGOGIKA INSTITUTI ARM
№ 2267

## ӮЗБЕКИСТОН

Чанд сатре баҳри ту хонам, Ватан,
Сарзаминам, шӯҳрату шонам, Ватан.
Мағзи ҷонам, марзи имонам, Ватан.
Дардҳоро гашта дармонам, Ватан
Ай биҳиштам, Ӯзбекистонам, Ватан.

Модарӣ, парвонасон андар барам,
Ман зи меҳри ту ҳаловат мебарам.
Аз ту обод аст ин бому дарам,
Дар бари ту нест армонам, Ватан,
Ай биҳиштам, Ӯзбекистонам, Ватан.

Ту Самарқанду Бухорои манӣ,
Тошкандӣ, зеби дунёи манӣ.
Тирмизи ман, асли маънои манӣ,
Ту Амую ҳам Зарафшонам, Ватан,
Ай биҳиштам, Ӯзбекистонам, Ватан.

Ман ба ҳар як гӯшаат дил додаам,
Баҳри ҳифзат ҷони худ бинҳодаам.
Доимо бар хизматат омодаам,
Баҳри ту бодо фидо ҷонам, Ватан,
Ай биҳиштам, Ӯзбекистонам, Ватан.





## МУЛКИ АҶДОДӢ

Ӯзбекистон, мулки аҷдодии ман,
Манбаи хушбахтию шодии ман.
Эй диёри номдор андар ҷаҳон,
Дӯст медорам туро аз мағзи ҷон.
Ҳам падар, ҳам модари зорам туӣ,
Қуввати дил, ёвару ёрам туӣ.
Дар фазои беканорат доимо,
Мурғи бахтам мекунад парвозҳо.
Эй ватан, хокат ба чашмам тӯтиё,
Он қадар меҳрат ба дил бигрифта ҷо.
Дӯст дорам мардуми поки туро.
Ҳар қадам, ҳар зарраи хоки туро.
Кишварам, овозаи дунё туӣ,
Нури чашму қуввати дилҳо туӣ.
Эй ватан, поянда монӣ то абад,
Ҳақ туро дорад нигаҳ аз чашми бад.

## ИФТИХОРИ МАН

Ватан сабзу хуррам баҳори ман аст,
Ватан мояи ифтихори ман аст.
Дар оғӯши гармаш расидам ба авҷ,
Ватан қуввату ҳам мадори ман аст.
Чу модар азизу муқаддас бувад,
Ватан марзи номусу ори ман аст.
Дар олам набошад диёре чу ӯ,
Зи бигзаштагон ёдгори ман аст.
Ҳама мардумонаш хирад парварем,
Хирад ҳастии рӯзгори ман аст.
Аё Ӯзбекистон, фидоят шавам,
Зи оромият бахт ёри ман аст.
Абадзинда, ҷовиду сарсабз бош,
Туро ҳифз кардан шиори ман аст.

## РЕГИСТОН

Ҳар гаҳе сӯйи Бухоро меравам,
Ман ба шаҳри зеби дунё меравам,
Чун ба Регистон ҳаме монам қадам,
Дар дилам пайдо шавад боз ин алам,
Гӯиё мебинам устод Айниро,
Нолааш бар гӯши ман бидҳад садо.
Хун бирезад аз тани мискини ӯ,
Тарс не дар дидаи ҳақбини ӯ.
Баҳри мо ҷонаш бинмонда дар гарав,
Мекашад ӯ тарҳи як дунёи нав.
То ҷаҳолатро бирӯбад аз ҷаҳон,
Нав бигардад он ҳама давру замон.
Бо қалам ифшо кунад рози ниҳон.
Парда бардорад зи рӯи ҷоҳилон.
Дар Сиёвушгирд – он Арки амир
Дидаам ман нақшҳои беназир.
Он яке – симои устоди сухан,
Чӯби ҷаллодон фигораш карда тан.
Аз бадан ҷорӣ шуда дарёи хун,
Гашта Регистон чу баҳри лолагун.
Ашк аз чашмони ман гардад равон,
Нафратам ояд аз он давру замон...
Бар Сиёвушгирд оянд одамон,
Аз тамоми гӯшаи рӯйи ҷаҳон.
Бо замони кӯҳна гашта ошно,
Ёд меоранд устод Айниро.
Он, ки моро боз аз нав зинда кард,
Номи тоҷик дар ҷаҳон поянда кард.
Дар Бухорои кӯҳан, ҳам навҷавон,
Ҳайкале бояд ба Айнӣ ҷовидон.





## ВАТАН

Ту ҳастию вуҷуди ман, Ватан!
Ту шеъру ҳам суруди ман, Ватан!
Ҳамеша дӯст дорамат зи мағз-мағз,
Чу ҷонӣ дар вуҷуди ман, Ватан!
Ҳар он макон, ки лафзи Рӯдакӣ баҷост,
Ту Зарфишону Кешрӯди ман, Ватан.
Ба ҷисми хунчакон ба кӯҳҳо ниҳон,
Гузаштагон, набуду буди ман, Ватан.
Ту Фалғарӣ, ту Хутанӣ, ту Қошғар,
Ту Форсу Деҳлӣ – тору пуди ман, Ватан.
Ба ҳар куҷо ба дӯстӣ сухан кунанд,
Ту зодгоҳӣ дар вуҷуди ман, Ватан.
Ту Марву Шош будию Насаф,
Ту манбаи суруди ман, Ватан.
Зи ҳар даре суруди Борвар шунав,
Чу ҳастӣ бору буди ман, Ватан.

*30 июли соли 2021*

## ШАМСИ ДУРАХШОН

Чаманистону гулистон – ватанам,
Марз бар ҳастию имон – ватанам.
Дилам аз шавқ ба гардун бирасад,
Туӣ он шамси дурахшон – ватанам

Дидаам шаҳр ва деҳоти дигар,
Ҳама зебою шукуфон яксар.
Ба ман аз мулки ҷаҳон бошӣ бех,
Деҳаам, гарчи заифӣ ба назар.

## МАНАМ ОН МУРҒАКЕ

Манам он мурғаке, болу парам нест,
Ҳавои зиндагонӣ бар сарам нест.

Бигардам ҳамчу моҳӣ рӯйи олам,
Нишон аз рӯду аз баҳру барам нест.

Ба мактабхона дорам рафтуомад,
Ба лафзи худ китобу дафтарам нест.

Замоне фахр мекардам зи шодӣ,
Ба фарзандам забони модарам нест.

Хиҷолат мекашам ҳар лаҳза аз он,
Ки манзил дораму бому дарам нест.

Ба сӯйи мардумон рӯй орам аз қаҳр,
Чаро лафзи дарӣ тоҷи сарам нест?

Зи беақлӣ ба оташ мениҳандаш,
Яке фарди адолатпарварам нест.

Аё мардум, раҳоед аз ҷаҳолат,
Забон чун нест, бахт андар барам нест.

*1 феврали соли 2014*





## ШАБИ ҚАДР

Имшаб шаби Қадр аст, вале қадр надорам,
Ҷуз як дили савдоию пурдард надорам.

Дигар набувад ҳоҷати зистан, чӣ дареғо,
Зеро ки ба ҷуз як нафаси сард надорам.

Ҷону дили дороии ман ғайри забон нест,
Бар марги забон як каси ҳамдард надорам.

Гаштан натавонам ба чунин ҳолати ночор,
Андар бари худ як нафари мард надорам.

Эй бор Худо, маънии зистан дигарам нест,
Ҳоло нафасе ғайри хасу гард надорам.

## ҒАЗАЛИ НОТАМОМ

Эй ҳамнафасон, қалби маро шод намоед,
Як лаҳзаяке аз қафас озод намоед.

Атрофи маро зоғу заған карда иҳота,
Ин гулшанаки сӯхта обод намоед.

Не гушнаву не ташнаву не зори либосам,
Бар ҳоли дилам нолаву фарёд намоед.

Дар пеши назар мемирад ин кӯҳна забонам,
Эй мардуми ҷоҳил зи куҳан ёд намоед.

## ЗАБОНИ МОДАРӢ

Биёед, то забонро зинда дорем,
Ки бар ояндагон исонд н-орем.

Забон дар назъи ҷон аст, ҳамзабонон,
Варо бар хонадони хеш орем.

Чӣ мегӯем фардо бар Худованд,
Агар инъоми ӯро хуш надорем.

Забони модарӣ – лафзи биҳиштӣ,
Биёед, ҳурматаш бар ҷо биёрем.

Иваз кардан нашояд ҳаргиз ӯро,
Ба ҳар як ҳарфи ӯ ҳайкал гузорем.

Дар олам ҳеҷ кас амсоли мо нест,
Ба ин беэътиборие, ки дорем.

Забони модарӣ чун шири модар,
Агар иззат накардем, хору зорем.

Ба мисли лӯлиёни дарбадар пас,
Миёни мардумон қадре надорем.

Накарда туф ба рӯйи шири модар,
Забони модарира пос дорем.





# ДАР ЁДИ ДӮСТ



## ШУКРОНА

Нолаҳои зори мо бар Ҳақ
Шукри беинтиҳо, расид имрўз.
Боз гашт роҳҳои дарбаста,
Субҳи иқболи мо дамид имрўз.

Меравем сўйи дўст бо шодӣ,
Ў биёяд намуда боз оғўш.
Ғам зи дилҳои мо бурун ояд,
Гардам аз бодаи дўстӣ сархуш.

## БУНЁДГАРИ СУЛҲ
*Ба Эмомалӣ Раҳмон*

Эй дўст, биё, чашм ба роҳат нигарон аст.
Дар рўйи раҳат лола чу қолин дамон аст.

Дерест зи дидори рухат дур бимондем,
Ҳоло чӣ фараҳбахшу дигаргуна замон аст.

Он қувваи аҳриманӣ дар зери замин шуд,
Ҳурмуз ба сад дам-дамаву зўру тавон аст.

Дар ҳар қадамат сад гулу райҳон бифишонем,
Ту мурғи ҳумоиву ҳумо зеби ҷаҳон аст.

Бунёдгари сулҳ, Эмомалии Раҳмон,
Ташрифи ту бар кишвари мо қуввати ҷон аст.

Ҳаргиз нарасад чашм ба ҳамбастагии мо,
Ин воқеаи хуш ба ҳар пиру ҷавон аст.





## САДОИ ДЎСТ

Дилшод мешавам, шунавам гар садои дўст,
Мерақсам аз фараҳ ба савту навои дўст.
Чун қалби пур зи ҳасратам мирад зи дарду ғам,
Гўё ки ҷон бубахшадам меҳру сафои дўст.
Дар рўзҳои неку бад гашта чу ёри ман,
Лутфу карам ва ҳиммату дасти дуои дўст.
Гўянд, дўст он бувад, ҳангоми сахтиҳо,
Ҷони азизи хеш намояд фидои дўст.
Ман ҳозирам, то бикунам ҷону дил фидо,
Ҳар соатеву ҳар дақиқа аз барои дўст.

*3 июни соли 2019*

## БА ДУШАНБЕ

Ман ёд кардаам туро, эй шаҳри гулбасар,
Эй он, ки дар ҷавониам будӣ ту ҳамсафар.

Ҳоло ба сўйи пойҳои бемадори худ,
Ҳам пайкари заифу қалби беқарори худ,

Карда нигоҳ, андаке ношод мешавам,
Аз аҷзу дард маскани фарёд мешавам.

Гар қувва бахшадам Худо, бар сўйи ту равам,
Пас чанд рўз бо фараҳ меҳмони ту шавам.

Ёрони меҳрубон агар оянд он замон,
Бикшода боли худ парам аз шодӣ сўяшон.

Ҳарчанд қалби хастаро дигар мадор нест,
Афсўс, дар вуҷуди ман сабру қарор нест.

Эй шаҳри шаҳрҳо, Душанбеи нозанин,
Бигзор, монӣ то абад поянда дар замин.

## ШАҲРИ ГУЛҲО

Ассалом эй шаҳри зебо, шаҳри гулҳои баҳор,
Эй Душанбе, эй арўси нозанини ин диёр.
Боз мемонам қадам дар кўчаҳоят бо виқор,
Дар вуҷудам мехурўшад ҳисси фахру ифтихор.
Як замоне дар бари ту зиндагонӣ доштам,
Рўзи неке андар айёми ҷавонӣ доштам.
Шод будам доимо бо дўстони бовафо,
Аз фурўғи илму ирфон ёфтам нуру сафо.
Бар ту ман аз Ўзбекистонам салом овардаам.
Пораи қалбам ба рамзи эҳтиром овардаам.
Омадам, то ки бибўсам зарраи хоки туро,
То бишинам як даме бо дўстони бовафо,
Эй Душанбе, хонаю уммедгоҳи тоҷикон,
Чун арўси нозанин бошӣ ҳамеша ҷовидон!

## БИЁ
*(Ба дугона ва шарикдарсам Зебуннисо)*

Эй дўст, сўйи хонаам чун меҳмон биё,
Дарҳои мо кушода, эй меҳрубон, биё.
Дерест дидани туро месозам орзу,
Зебои зеби маҷлисам, хезу давон биё.
Ёди ту ҳаст, дар бари он шаҳри чун биҳишт
Бигзашт солҳои мо, рўзу шабон биё.
Дарбон, ки раҳмгин шуда, дарвоза боз шуд,
Дигар чӣ ҷойи истиҳола, биё, шодмон биё.
Ман ғарқи баҳри ғуссаам, дасти маро бигир,
Дармони ҷони ман бишав, бар мағзи ҷон биё.
Ҳамроҳи худ биёвар он ёрони бовафо,
То ғам зи ман гурезад, эй рўҳи равон, биё.
Пайғоми ту кифоя не, ай қуввати дилам,
Боз о, ки мунтазири ту ин остон, биё.





## МАШҲУРИ ДУНЁЙ
*(Ба дўст ва шарикдарсам нависанда Абдурофеъ Рабиев)*

Ба ҳоли ту дилам сўзад ҳаме аз изтироби беш,
Ту танҳой миёни хонаат бо дардҳои хеш.

Худо он қадр бинмуд имтиҳонат, менамой сабр,
Агарчи дидаӣ дар зиндагонӣ борҳо сад ҷабр.

Дугоникҳои навзодат ҳаме рафтанд аз дунё,
Сипас Давлатназар ҳам тарк гуфт ин олами зебо.

Сухангў – Шамсия бо он ҷаҳон гардид пайваста,
Арўси бовафоят дар ғами фарзанд шуд хаста.

Ҳама падруд гуфтанд ин ҷаҳону мондаӣ танҳо,
Қалам ҳамроҳу ҳамрози ту монда рўи ин дунё.

Худоро шукр гўӣ бо Фарангису Маҳастият
Ва ҳам фарзандҳошон, маънию мазмуни ҳастият.

Аё эй ҳамсабақ, гарчи даруни хона танҳоӣ,
Ба филму бо китоби беши худ машҳури дунёӣ.

Худоё, умри Саъдӣ бахш, ўро меҳрубонӣ кун,
Танаш бедарду рўҳаш тоза, умраш ҷовидонӣ кун!

## ҶУФТИ ҲАМБОЛ

*(Барои Озарахш ва Фарзона)*

Ба шумоён ҳавасам меояд,
Ки чӣ сон ҳамнафасу ҳамболед.
Шуда як ҷуфти муносиб умре,
Зи ғами ишқ шумо кай нолед?

Ба шумо ҳасрату армоне не,
Кӯр гарданд ҳасудони шумо!
Боз сад сол чу бо ҳам бошед,
Ҷовидонӣ буда даврони шумо.

Дӯст дорам ҳамаи гуфтаатон,
Мисли як чашма дамад аз дили кӯҳ.
Гӯиё Сиру Зарафшон бо ҳам,
Бахш созанд ба мо кувваю рӯҳ.

Булбулони чаманистони адаб,
Эй азизони дилу дидаи мо,
Ҷовидон монед дар маснади ишқ,
Шаҳд бодо ҳама дам коми шумо!

## ПАЁМ

Саломи ман расад ба дӯстони ман,
Ки номашон бувад сафои ҷони ман.
Тамоми хушу ёдҳо ба сӯяшон,
Шавад, ки бинам аз қариб рӯяшон.
Ғами ҷудоӣ хаста кардаву маро,
Садо кунам барояшон зи дуриҳо;
– Ҷадал кунед, то шавем ҳамдаме,
Ба рӯйи ҳам нигаҳ кунем як даме.
Чу умр мисли об ҳаст даргузар,
Шавем сер аз ҷамоли якдигар.





## БАРОИ НИЛУФАР ВОҲИДОВА

Нилуфарҷон, Илоҳо, ҳар куҷой, дар амон бошӣ,
Замоне бар ватан баргардию бас шодмон бошӣ.
Хаёлоту гумонро дур кун аз худ, расад рӯзе,
Либоси шодӣ андар тан миёни дӯстон бошӣ.
Машав навмед асло, з-он ки ин кирдори шайтон аст,
Бихоҳам, дар паноҳи подшоҳи осмон бошӣ.

*13 августи соли 2020*

## БАРОИ ГУЛНАЗАР

Аз даҳр бирафт марди эҷодгаре,
Он шоири миллатеву он хушназаре,
Ҳар гаҳ ки суруди миллиро гӯш кунам,
Сад нола кунам барои он Гулназаре...

*14 августи соли 2020*

## БА ДӮСТ

Дилам сӯзад ба ҳоли ту, бародар,
Ки қалбатро харошад дарди ҳиҷрон.
Шавад кай боз ин дарҳои баста?
Биёӣ бар ватан шодону хандон.

*21.06.2021*

## ИЛОВА БА ШЕЪРИ САФАР АБДУЛЛО ДАР БОРАИ ПАДАРАШ

Ту баскӣ ҳастӣ ҷон андар тани ман,
Басо дар ҳасрати ҷон гиря кардам.
Манам дур аз туву роҳ аст баста,
Зи дарди сахти ҳиҷрон гиря кардам,
Худовандо, нигаҳ дорӣ падарро,
Бубин чун абру борон гиря кардам

*Соли 2021*



DENOV TADBIRKORLIK
VA PEDAGOGIKA
INSTITUTI ARM
№ 2267

## МУНОҶОТ

*Барои бародари мӯҳтарам*
*Сафар Абдулло*

Худовандо, ту раҳмону раҳимӣ,
Барои бандагони худ ҳалимӣ.
Ягона меҳрубонию салимӣ,
Туӣ танҳо, ба лутфу ҳам каримӣ.

Аё бахшандаи файзеву эҳсон,
Бародарҷони моро деҳ дармон.

Сафар он пури Абдуллои шоир,
Бувад инсони пурфазлеву нодир.
Забони миллаташро пос дорад,
Ба ҳифзи он ба ҳар размест қодир.

Аё Қодир Худои файзу эҳсон,
Бародарҷони моро деҳ дармон.

Зи айёми ҷавонӣ оварам ёд,
Буда шогирд пеши чанд устод.
Сафаралию ҳам садҳои дигар,
Сабақ омӯхтем мо хурраму шод.

Аё Яздони пок, бахшандаи ҷон,
Бародарҷони моро деҳ дармон.

Сафарҷон баски инсони шариф аст,
Ғазалхон шоиру таъбаш латиф аст.
Ба чанде дард дорад қалби покаш,
Кунун бемору худ андак заиф аст.

Ба ҷисми нозукаш бахшой дармон,
Дареғ асло надораш файзу эҳсон!

ВАЗОРАТИ ТАРБИЯИ ... ИНСТИТУТИ ... № 2267





Худоё, бахш ӯро умри афзун,
Ҳама дардаш зи сина соз берун.
Рухи зарди варо бинмой гулгун,
Намоӣ зиндагиашро дигаргун.

Ҳама рӯзу шабон пурсам зи Яздон,
Бародарҷони моро деҳ дармон!

*5 апрели соли 2022*

## БА ШОИРА МАҒФИРАТ ЮСУФӢ

Аё хоҳари шоирам, гӯш дор,
Ту хушбахти олам, туӣ номдор.

Ғаму кулфататро ба берун бирон,
Мағӯ бори дигар зи дарди гарон.

Чу ҳар шеъри ту ҳаст фарзанди ту
Ва ҳам ҷону дил, решапайванди ту.

Ба ҳар сатри онон намо ифтихор,
Ки фардо бимонад зи ту ёдгор.

Дар олам яке зоғи бедоғ ку?
Ба ҳар як қадам гулшану боғ ку?

Ҳама дард дорему андӯҳу ғам,
Бувад чашми мо ҳар гаҳе пур зи нам.

Вале сабру тоқат ба мо гашта ёр,
Ҳамин аст қонуни ин рӯзгор.

*8 апрели соли 2022*

# НАВБАҲОР АСТ...







## ФАСЛИ ГУЛБАСАР

Хуш омадӣ, биё.
Эй фасли гулбасар.
Аз диданат шавам
Масруру шодтар.

Дашту даман пур аз
Гулҳою сабзаҳо,
Булбул ба шохи гул
Хуш медиҳад садо.

Шамс аст зарфишон
Дар авҷи осмон,
Бахшида сад фараҳ
Боди сабо вазон.

Сарсабз ин ҷаҳон,
Ин мулку ин макон
Дар боғ пар кашанд
Шодона булбулон.

Эй кош умри мо
Бошад пур аз сафо.
Ғамро бишӯяд ин.
Борони пурсахо.

Доим кунад баланд
Парвоз мурғи бахт,
Бодо насиби мо
Даврону тоҷу тахт.

## БАРХЕЗ БАҲОР ОМАД

Эй булбули шӯрида, бархез, баҳор омад,
Эй нури дилу дида, бархез, баҳор омад
Эй лолаи хуниндил, ин хоби гарон то кай?
Чун мавҷ хурушида бархез, баҳор омад.
Тундар ба фиғон омад, шӯре ба миён омад.
Эй олами хобида, бархез, баҳор омад.
Шуд сабз замин то арш, об аз рухи гул шорид,
Эй барги хазондида, бархез, баҳор омад.
Як хандазанон хуршед дар чарх намоён шуд,
Эй олами фарсуда, бархез, баҳор омад.
Ҳар рӯзи зимистонат пур гашт зи афғонат,
Эй қалби бичӯшида, бархез, баҳор омад.
Ин замзамаро сар кун, гӯши фалакат кар кун,
Эй мурғи қафасдида, бархез, баҳор омад.

## НАВБАҲОР

Чӣ хушо, фасли навбаҳор омад,
Хабар аз рӯзи васли ёр омад.
Гулу сабза нишаста бар дар бар,
Зебу зиннат яке ҳазор омад.
Бод ларзида, сабза рақсида,
З-осмон ашк шашқатор омад.
Офтоб аз сари ҳаёи беш,
Рух намуда, пурхумор омад,
Дашт дорад либоси рангоранг,
Ёри гулпӯш пеши ёр омад.
Аҷаб, аз дидани чунин манзар
Ба дилам шавқи бешумор омад.
Бигузор, умр ҷовидон бошад,
Зи вуҷудам чунин шиор омад.





## БАҲОР ОМАДА

Боз баҳор омада,
Мавсими кор омада,
Дар дили дашту даман
Лола қатор омада.

Булбули шӯридасар
Нола кунад бештар,
Аз чамани гулбасар
Савти ҳазор омада.

Вақт ғанимат шумар,
Умр бувад даргузар.
Шодӣ намо бештар,
Бин, ки баҳор омада!

## ШОД БОШ!

Шод бош, эй дили ман, фасли баҳорон омад,
Бӯйи гулҳо зи чаман, муждаи даврон омад.
Раъд меғурраду аз барқ дурахшон шаби тор,
Шуста ғамҳои дилам, шир-шири борон омад.
Домани кӯҳу даман сабзқабо ин соат,
Фасли гул бар ватанам чанд ба меҳмон омад.
Дӯш аз сардии дай як дили ғамнокам буд,
Шукр, бори дигаре бар тани ман ҷон омад.
Ҳама ҷо сабзаву гулпӯшу тарабобод аст,
Нағмаи мурғи саҳаргаҳ зи гулистон омад.
Боз дар ҷӯшу хурӯш аст Ниҳонруд ин дам,
Ғулғул андохта чун Сиру Зарафшон омад.

*17 феврали соли 2022*

## ОРЗУ

Боз ҳам навбаҳор меояд,
Фасли деринтизор меояд.
Тоза гардад замин аз барф,
Чамани лолазор меояд.
Офтоб аз само кунад ҷилва,
Гӯйӣ, зебо нигор меояд.
Абри найсон чу ошиқи гирён,
Ашки ӯ шашқатор меояд.
Сабзу зебо шуда замину замон,
Дами авҷу барор меояд.
Дили ман аз қафас бурун гашта,
Шодиро интизор меояд.

*16 январи соли 2023*

## ҒАЗАЛИ НАВРӮЗ

Эй олами бас бедор, Наврӯз муборак бод,
Гул омада ҷойи хор, Наврӯз муборак бод.
Ин боғи хазонгашта, кӯҳу дамону пушта,
Гардид зи нав гулзор, Наврӯз муборак бод.
Гулғунча фаровон шуд, олам чаманистон шуд,
Шодӣ шуда моро ёр, Наврӯз муборак бод.
Булбул ба фиғон омад, шӯре ба миён омад,
Гаҳ масту гаҳе хушёр, Наврӯз муборак бод.
Хуршед чу дар ханда, абр аст пароканда,
Гирёну ба ҳоли зор, Наврӯз муборак бод.
Борони баҳороин, як дам бари ман биншин,
Шӯй ашки рухам такрор, Наврӯз муборак бод.
Наврӯз муборак бод, хушрӯз муборак бод,
Бар марду зани олам ин рӯз муборак бод.

*11 марти соли 2023*





# ДАРДЕ, КИ БАР ҶОН КОРА КАРД



**Салом, субҳи босафо,**
**Салом, мардумони мо.**
**Зи кулли дарду ранҷҳо,**
**Паноҳ деҳ бар мо Худо!**

## МУНОҶОТИ АВВАЛ

Эй Худои меҳрубон, қалби маро пурғам макун,
Рӯзгорамро сиёҳу дидаам пурнам макун.
Деҳ ту бар кулли беморон шифои комиле,
Тинҷию осудагиро дар ҷаҳон барҳам макун.
Ҳар яки моро ба сад уммед ҷон бахшидаӣ,
Дур дор аз шарри шайтон, ту ба он ҳамдам макун.
Хуб донам, имтиҳон омода кардӣ баҳри мо,
Ҳеҷ гаҳ дар пеши нокас бандаро сархам макун.
Ай Худо, дасти дуо дорам ба сӯят бо умед,
Раҳм кун бар бандаат, маҳруми Исодам макун.
Илтиҷо дорам, гуноҳи мо фақиронро бубахш,
Меҳри худ кам лаҳзае аз ҳеҷ як одам макун.

*4 апрели соли 2020*

## МУНОҶОТИ ДУЮМ

Эй ҳокими само, раҳме ба мо намо,
Яздони поки мо, раҳме ба мо намо.
Мо бандагони ту, шармандагони ту,
Дорем илтиҷо, раҳме ба мо намо.
Ин дарду ранҷро аз ин замин бубар,
Бахшандаи даво, раҳме ба мо намо.
Ҳар насли одамӣ бо бешию камӣ,
Бархест бо дуо, раҳме ба мо намо.
Шуд саҷдагоҳи ту, қурбони роҳи ту,
Буту калисиё, раҳме ба мо намо.
Донӣ, ки гум шуда симои одамӣ,
Инсофу адли мо, раҳме ба мо намо.
Номусу ору нанг карда ба ҳам диранг,
Ин қалбҳо чу санг, раҳме ба мо намо.
Меҳру муҳаббате, инсофу шафқате,
Ёбем аз куҷо, раҳме ба мо намо.
Бахшанда ҷон туӣ, шоҳи ҷаҳон туӣ,
Бишнав садои мо, раҳме ба мо намо.

5 апрели соли 2020





## ҒАЗАЛИ АНДӮҲ

Қуфл бикшой, азизо, дили ман танг шуда,
Гиряву нолаи ман бо дусад оҳанг шуда.
Чанд рӯзест, нигоҳам ба дару девор аст,
Рӯйи чун ғунчаи ман сард ва беранг шуда.
Тифлакон ба нигаҳи меҳр ба сӯям нигаранд,
Дасти имдод надорам, дили ман санг шуда.
Ҳар гаҳе дида бидӯзам ба само бо сад умед,
Раҳм бинмой, Худоё, нафасам танг шуда.
Қуфл аз ин дару дарвоза бадар кун, ё Раб,
Ғаму шодӣ ба нифоқ омада, дар ҷанг шуда.
Сабр аз ман биравад, ҳамчу ғизоли ваҳшӣ,
Ҳама офоқ зи хуни ҷигарам ранг шуда.
Кош аз ғайб расад дасти наҷоте ба сарам,
Рӯйи дунё чу пур аз хору хасу ҷанг шуда.

*24 апрели соли 2020*

## ШЕЪРИ ТАҚЛИДӢ

Ҳоло, ки куруност, биё, хона нишинем,
Гунҷишк барин дар бари як лона нишинем.
Беш аз маҳу чандест, ки ӯ дар ватани мост,
Ӯро напазирем, чу бегона нишинем.
Аз номи бадаш карда ҳазар дур биронем,
Пас мисли шаҳе дар бари кошона нишинем.
Ин хонашинӣ хаста намудааст дили мо,
Уммед ба дидор чу ҷонона нишинем.
Бо занги телефон дили ёрон бинавозем,
Бишнида садо, хурраму шодона нишинем.
Бар хурдакакон шеър бихонему тарона,
Бо хондани сад қиссаву афсона нишинем.
Ёрони азизам, ҳамаи ин абадӣ нест,
Берун биравему ба тарабхона нишинем.

*21 апрели соли 2020*

## МАРО ДИГАР КУҶО ҒАМЕ?

Агар дубора зиндагӣ ба роҳи худ равон шавад,
Балою офате, ки ҳаст, аз замин ниҳон шавад.
Зи савту тори доира пур аз хушӣ ҷаҳон шавад,
Чу мурғи бахти мо зи нав ба сӯйи осмон шавад.
Маро дигар куҷо ғаме, куҷо ғаме, куҷо ғаме?

Бурун равам зи хонаву ба дуриҳо сафар кунам,
Кушода болҳои хеш бар само назар кунам.
Либоси ғам дар ин замон дигар зи тан бадар кунам,
Ба базми бахту шодиёна дӯстро хабар кунам,
Маро дигар куҷо ғаме, куҷо ғаме, куҷо ғаме?

Чу зоти пок бишнавад ба лаҳзае садои ман,
Ба кулли хастагони худ шифо диҳад Худои ман.
Дигар ба арш кай расад фиғону оҳҳои ман,
Ва з-ин зиёда бахту тахт кай бувад барои ман?
Маро дигар куҷо ғаме, куҷо ғаме, куҷо ғаме?

*22 апрели соли 2020*

## РАҲМ КУН БАР ҲОЛИ МАН

Эй Худои меҳрубонам, раҳм кун бар ҳоли мо,
Боз моро бахш шодию бидеҳ иқболи мо.
Хаста шуд дилҳо зи ғам, дидори ёронро намой,
Бе ҷамоли дӯст бад бошад кунун аҳволи мо.
Меравaнд аз даҳр ёрон, хонаи ӯ кай равем?
Одаму одамгарӣ кам шуд, бубин ин ҳоли мо.
Холиқо, хуб имтиҳон кардӣ тамоми мардумон,
Роҳ бикшо, ки ба ғурбат пур шуда ин соли мо.
Раҳм кун бар ҳоли беморон, ғарибонро навоз,
Қалби моро шод бинмо, нек гардон фоли мо,
Мо ҳама бар қудрати ту лолу ҳайрон мондаем,
Чун алифе кош созӣ қадди мисли доли мо.
Мебарам дасти дуо сӯят, ибодат мекунам,
Бахш сад ҷурму гуноҳро, нек кун аҳволи мо.

*4 майи соли 2020*





## БОВАРАМ НЕСТ

Боварам нест, ки мардум ҳама хобанд ҳанӯз,
Офтоб шӯъла занад, бе табу тобанд ҳанӯз.
Ман, ки як мурғаки бедораму дур аз манзил,
Ҷашмҳоям, ба масал, шишаи обанд ҳанӯз,
Мардум аз хонашинӣ хаставу дилгир шуда,
Қалбҳо аз ғаму ташвиш харобанд ҳанӯз.
Рӯз поидаву моҳ, сол кунун мепоянд,
Кай равад дард, ки дар ранҷу азобанд ҳанӯз.
Ай Худованд, кунӣ мушкили моро осон,
Ба маризон бинамо, дида пуробанд ҳанӯз.
Ҳама он дард шавад пок зи рӯйи олам,
Одамон ғарқи ғаму сина кабобанд ҳанӯз.

*18 июли соли 2020*

## ДУО КУНЕМ

Бародарон, дуо кунем, дуо кунем,
Ба сӯйи Офаридгор садо кунем:
– Ту раҳм кун ба ҳоли мо, Худои мо,
Паи наҷоти хештан чиҳо кунем?
Наход ки зиёд буд гуноҳи мо,
Ба хастагон ба чӣ раҳе даво кунем?
Табибҳо шуданд хаставу низор,
Бигӯ, дигар зи хизматаш раҳо кунем.
Нигар, на тӯю тантана, на шодиҳо,
Фақат зи ғам фиғону нолаҳо кунем.
Дареғ дорӣ шафқатат кунун зи мо,
Барои шустани гуноҳ чиҳо кунем?
Бародарон, бародарони ин ҷаҳон,
Ба меҳр боз қалбу дидаҳо кунем!
Чу дар гузашта ёри ҳамдигар шавем,
Муҳаббате ба ёру ошно кунем.
Халос то шавем аз ин болою дард,
Ба илтиҷо нигоҳ бар само кунем.
Бародарон, бародарон, дуо кунем,
Ба Холиқам ҳазор илтиҷо кунем.

*28 июли соли 2020*

## РАФТ ОН ҶОНУ ҶИГАР

*Барои бародарам Умаралӣ, ки рӯзи*
*21 июни соли 2021 аз олам гузашт*

Эй Худоё, раҳм кун бар ҳоли ман,
Андаке беҳтар намо аҳволи ман.
Зор андар гӯшае хобидаам,
Рост бинмо қомати чун доли ман.
Рафт он ҷону ҷигар аз хонамон,
Гашт холӣ ин дили беҳоли ман.
Ҳам бародар, ҳам падар буд ӯ маро,
Дарду ғам зам гашт дар ин соли ман.
Он қадар хизмат бароям карда буд,
Ман нагардондам, вои ҳоли ман.
Чанд рӯзе қувватам деҳ, эй Худо!
Сураҳо хонад забони лоли ман.

*22 июли соли 2021*

## ШУКРОНА

Шукр, зиндагӣ зи нав сар шуд,
Ҳама ҷо равшану мунаввар шуд.
Офтоби гурезпо омад,
Фасли сармо гарм, нармтар шуд.
Понздаҳ рӯзи сахти мо бигзашт,
Рӯзгори наве зи дигар шуд.
Эй Худо, шукри беҳаде, ки пур
Оламе зи шамси Ховар шуд.

*феврали соли 2021*





## НОМАҲО БА ҲУРМУЗДИ ЭРОНӢ

Туро зи дур модарона дӯст медорам,
Тамоми рӯз ҳам шабона дӯст медорам.

Шавад, ки як даме канори ман бошӣ,
Ба меҳру лутфи бекарона дӯст медорам.

Гумон кунам, ки рафтаи ман омада аз нав,
Туро ба ҷон Диловарона дӯст медорам.

Илоҳӣ роҳҳои мо шавад зи хорҳо орӣ,
Бубинамат, ки мушфиқона дӯст медорам.

Азизу ҳамзабони ман, ду чашм дар роҳам,
Биё-биё, чу дар фасона дӯст медорам.

*8 маи соли 2020*

### Ба Ҳурмузд Ризоӣ

Эй мурғи мусофир, зи дару хона гузар кун,
Чун ошиқӣ, бар манзили ҷонона сафар кун.

Аз дилшудагон қоидаи ёрӣ биомӯз,
Бо меҳру вафо бар рухи ӯ боз назар кун.

Аз даст надеҳ фурсату имконияти хуб,
Эронинисар, он моҳи тоҷик ба бар кун.

Донӣ, ки туро роҳ зи андоза дароз аст,
Барбанд миён маҳкаму заҳмат паси сар кун.

Эй гулписарам, бод Худо пушту паноҳат,
Бо дасти дуо нек ба оянда назар кун.

*26 апрели соли 2020*

## ИЛТИҶО

Худоё, аз хатар Ҳурмузди дилҷӯро нигаҳ дорӣ,
Бародар, хоҳараш, ҳам модари ӯро нигаҳ дорӣ.
Бирон аз мулки Эрон он куруно, дарди мушкилро,
Тамоми рӯйи олам, мардуми онро нигоҳ дорӣ.

***

Бигзор, мо бубинем дидори ҳамдигарро,
Ҳурзмузд пеш гирад бар мулки мо сафарро.
Мо холаву хоҳарзод шинем дар бари ҳам,
Баҳраш тахия созам боре палови хуштаъм.
Ӯ шахси навҷавон аст, раҳмаш бикун, Худоё,
Боре қадам гузорад бар хоки Ӯзбекистон.
Ӯро насиб гардон ёру арӯси зебо,
Дар тӯйи ӯ бирақсем бо шодмониҳо мо.

## РУБОИҲО

*Аз номи Ҳурмузд Ризоӣ ба*
*духтари тоҷик Меҳрангез*

Эй духтари тоҷик, гирифтори туям,
Бо қимати ҷони худ харидори туям.
Фурсат бирасад, ба хостории биравам,
Бовар бинамой, бовафо ёри туям.

***

Ман бачаи эронӣ, ту аз мулки Ҳисор,
Ҳар ду шудаем ба ҳамдигар ошиқи зор.
Эй кош, муроди мо бигардад ҳосил,
Ту дилбари ман шавию бошам ба ту ёр.

***

Эрони маро ту ин қадар дур магӯ,
Ишқи ту ба ман нагашт манзур магӯ.
Ҷони дили мо ба ҳамдигар наздик аст,
Аз баҳри Худо, ту ҳарфи ночӯр магӯ.

*26 апрели соли 2020*





# ДАРДНОМАҲО

## ҲАМСАФАРАМ РАФТ

*Марсия барои Абдулло Раҳмон*

Сад ҳайф, ки аз рӯйи ҷаҳон ҳамсафарам рафт,
Оне, ки азизам буда, ҳоло зи барам рафт.
Фарзанди падар гар набуд ӯ, буд беҳ аз он,
Ҳаммаслаку ҳамсоламу ҳам тоҷи сарам рафт.
Раҳгум задаам, нест маро роҳи баромад,
Он машъали тобонаму он роҳбарам рафт.
Он қадр дилам сӯзаду он қадр кашам дард,
Гӯйи, ки азизе ва табибе зи сарам рафт.
Ашкам шуда дарёи Ниҳонрӯд ба амсол,
Торик ҷаҳон шуд, чу шамсу қамарам рафт.
**Дар шоҳраҳи шеър буд устод ба амсол,**
Бе ӯ чӣ пароканда бувад шеъри тарам, рафт.
**Он шоири ширинсухан Абдуллаҳи Раҳмон**
Аз олами дун дӯш зи пеши назарам рафт.

*6 марти соли 2020*

**Шеъре, ки барои Абдуллои Раҳмон**
**рӯзи 14 январи соли 2020**
**навишта шуд.**

Нарав, нарав ки бе ту ҳама хор мешавем,
Ба шеъри дилнишини дарӣ зор мешавем.
Нарав, ки мавҷи Варорӯд қатъ хоҳад шуд,
Харобу хаставу дилмондаву абгор мешавем.
Аё бародари пурмеҳру пурсаховати мо,
Набошӣ гар, ғарибу бекасу ночор мешавем.
Худои меҳрубон диҳад шифо ба дарди танат,
Бимон, бимон, ки бе ту дилафгор мешавем.

## ТУ БОЯД НАМИРӢ

*Барои Санавбар*

Ту бояд намирӣ, азиз дили ман,
Туӣ шамъи рахшони ҳар маҳфили ман.
Ту ҳастию ман зинда андар ҷаҳонам,
Набошӣ, дигар такя бар кӣ бимонам?
Киро хоҳари ҷонии худ бихонам,
Ба кӣ гӯям ин қиссаву достонам?!
Ба ҳангоми сахтӣ киро ёр гирам?
Сиҳат шав, азизам, ки ман ҳам бимирам.
Санавбар, суруди туро ёд кардам,
Садоҳои ту мерабуданд, дардам.
Кунун бистарии, аё хоҳари ҷон,
Бидон, дард ҳоло туро ҳаст меҳмон.
Илоҳо, сиҳат ёбию зинда монӣ,
Ту ҳоло ҷавонӣ, ту ҳоло ҷавонӣ.

*25 апрели соли 2020*
*рӯзи 29.12.2021 вафот кард.*

## САЙРИ ХАЁЛ

Як рӯз бар суроғи ту шодона меравам,
Дар рӯйи дасти мардумон шоҳона меравам.
Аз дур мекунам садо: – Эй ҷону дил, биё!
Пас нимашаб ба хонаат пинҳона меравам.
Он гоҳ дида модарат бархез, эй писар,
Бар пешвози ман баро, фарзона меравам.
Эй кош, зинда бинамат дар кунҷи он мазор,
Ай шамъ, сӯйи ту чу як парвона меравам.
Мегӯямат, азизи ман, бигрехтӣ чаро?
Умрам хазон шуд, бубин, ғамхона меравам.
Пас рӯҳи хастаи маро оғӯш кун ба меҳр,
Аз дори бевафо ба он кошона меравам.

*10 июли соли 2020*





## РАФТӢ

*Ба марги Ҳофизи маҳбуб Баҳром Ғафурӣ*

Азизу мухлисони худ ба ғам пайвастию рафтӣ,
Ба рӯйи мо дари нуру сафоро бастию рафтӣ.
Намебинем дигар рӯйи саҳна чеҳраи зебот,
Дили садҳо, ҳазорон дӯстон бишкастию рафтӣ.
Надонам, аз куҷо ин феҷеа омад зи дунболат,
Ту бо он навҷавонӣ маргро дил бастию рафтӣ.
Магар раҳме накардӣ бар падар, ҳам тифлакони худ,
Ба рӯйи аспи чӯбин бесадо биншастию рафтӣ.
Ҳаводорони Сурхонии ту дар нолаву оҳанг,
Ки аз ин бевафо дунё чу сайде растиву рафтӣ.
Илоҳо, хонаи укбои ту пурнуртар бодо,
Ба қалби пурғамам теғи ҷафоро хастию рафтӣ.

*8 август*

## БЕЧОРАГӢ

Бахри як фарзанди беморам гадой мекунам,
Дӯш бо бегонагон ҳам ошной мекунам.
Чун писарҷони азизам рафт бар зери замин,
Чор сол аст бахри ӯ навҳасарой мекунам.

Духтарам бемор шуд, буду бисотам бохтам,
Ҳар чӣ буд, савдо задам, то пайсаеро ёфтам.
Хонаҳо холӣ шуданду монд устунҳо ба ҷо,
Духтарам аз ҷой хест, ӯро зи дигар ёфтам.

Духтари дигар маро маҳкуми дарди ҷигар аст,
Ранги зарду рӯзи сахташ ҳоли ӯро довар аст.
Дӯстон, ҳиммат кунедаш, ки равад бар мулки Ҳинд,
Ёрии аҳли сахо аз бахри ӯ болу пар аст.

*16 январи соли 2021*

## МАРСИЯ

*(дар сӯгворши Фирдавс аз деҳаи Тоҷикон)*

Оҳ, омад бар сарам рӯзи қазо, эй дӯстон,
Осмон бар сар фурӯ рафт, офтобам ноаён.
Чун шунидам, ки писарҷонам – мадору қувватам,
Рафтааст бо сад алам дур аз ватан, дур аз макон.

Орзуҳои дилаш буданд беҳадду ҳисоб,
Доимо буд аз паи хубию хайру ҳам савоб.
Бо ҳазор уммеду заҳмат соҳиби мошин бишуд,
Лек боре ҳам наронда, орзуяш шуд сароб.

Хона кард, аммо ба он боре нагардид меҳмон,
Он азобу ранҷҳо танҳо ба Ҳақ бошад аён.
Бо ду кӯдак наварӯсаш зору ҳайрон мондааст,
Бар сари мо – волидон шуд чаппа гӯё осмон.

Ин замон “Фирдавсҷонам!” гуфта ҷавлон мезанам,
Бо дили садпора хунро аз ду чашмон мезанам.
Оҳ, фарзанди азизам, кош медидам туро,
Дуди оҳам мерасад бар осмон, ҷон меканам.

Эй Худо, аз ҷаннатат ҷо кун мусофирбачаро,
Номуроду ломаконрафта муҳоҷирбачамро.
Баски шайтон гиря дорад дар чунин рӯзи ҷазо,
Деҳ ту моро сабр, беморем дар мотамсаро.

Ҳеҷ касро мисли ман овораи дунё макун,
“Во балам”- гӯе магардон, бесару савдо макун.
Мисли Идрисҷону Руxсора ҷудое аз падар,
Ҳамчу Руxшона ҷудо аз ёри беҳамто макун.

***феврал соли 2021***





## ҒАЗАЛИ НОТАМОМ

Тарсам, ки бимирам, ту хабардор набошӣ,
Чун дар бари ман мӯнису ғамхор набошӣ.

Чандест, ки кардӣ сафари Ҳинд, азизо!
Танҳову ғарибам, ту чаро ёр набошӣ?

Ҳар соату ҳар дам кунам аз сидқ дуоят,
Эй бор Худо, кош дар озор набошӣ...

## ҒАМ

Ба ин дунё намеғунҷам, Худоё,
Ки духтарҷони ман бемор гашта.
Шабу рӯзам бувад торики торик,
Дилам аз зиндагӣ безор гашта.

Бигӯям, кош ҷонамро ситонад,
Худоям, то набинам доғи ӯро.
Ман аз ғамончунон дилгир ҳастам,
Ҳанӯз дарди писар бошад ба дилҳо.

Худовандо, гуноҳи ман чӣ бошад?
Ки дардаш синаамро ошён аст.
Ситон ҷони маро, гар лозим ояд,
Варо бигзор, ӯ ҳоло ҷавон аст.

## БАРОИ САНГИ МАЗОРИ ХОҲАРЗОДАИ З. ШОКИРОВА – НИГИНА

Аё хоҳар, рӯҳат шод бодо,
Макону манзилат обод бодо.
Арӯси то таги чодар нарафта,
Зи маргат то қиёмат ёд бодо.

## МАРСИЯ

*(Навҳаи Сурайё Қосимова бар писараш Эмомалӣ, ки соли 2017 аз бемории саратон фавтидааст)*

Дӯстон, абри сиёҳе гашт бар ман ҳамлавар,
Дарди бедармон рабуд аз ҷисми ман ҷону ҷигар.
Навҷавон Эмомалиям рафт аз олам бадар,
Дар ғамаш дилпора ҳастам, хун бирезад аз ҷигар.

Муштро бар сар зада сад бор гӯям во балам,
Аз ҷаҳон рафтӣ ҷаро, Эмомалиҷонам балам!

Эй балам, аз дарди ту ин ҷисму ҷонам даргирифт,
Ҳастиям оташ гирифту устухонам даргирифт.
Гаштаам девона, ин рӯҳи равонам даргирифт,
Ҳам замину ҳам замону осмонам даргирифт.

Бо ҳазорон гиряву зорию сад дарду алам,
Номат орам бар забон, Эмомалиҷонам балам!

Илтиҷо кардам, Худоё, раҳм бар ҳолаш намо,
Бахш дармону халосаш кун зи дарди бедаво.
Гиряҳову зориҳоям рафт бар боди фано,
Аз ҷӣ бар ҷони ҷавонаш маргро дидӣ раво.

Хун бинолам, аз ғамат, эй нури чашмонам балам,
Навҷавони нозанин, Эмомалиҷонам балам.

Ман туро чун марди майдон парваридам бо ҳавас,
Дида китфу бозувонат шод гаштам ҳар нафас.
Орзуҳои дилам рафтанд ҳоло барабас,
Дар ду олам мисли ман пурғам мабодо ҳеҷ кас.

Об гаштам, эй писарҷон, дар ғамат монанди шамъ,
Хубрӯ, ширинсухан, Эмомалиҷонам балам.





Илтиҷо дорам, Худоё, ҷойи ӯ ҷаннат намо,
Орзуҳояш бимонда андар ин дори фано.
Дар ғами ӯ хун бигиряд кулли хешу ақрабо,
Модари бечораам, кун баҳри ман сабре ато.

То қиёмат мекашам аз марги ту сад дарду ғам,
Қуввати дил, нури чашм, Эмомалиҷонам балам.

*11 майи соли 2021*

## СУРУДИ ВОПАСИН

Рӯзе бимирам аз қазо, эй дӯстон, ёдам кунед,
Чун рӯҳ монам дар само, эй дӯстон, ёдам кунед.
Хоҳам-нахоҳам меравам, бар хок пинҳон мешавам,
Шодам намуда бо дуо, эй дӯстон, ёдам кунед.
То шод монад то абад, он рӯҳи саргардони ман,
Гӯед як ҳамду сано, эй дӯстон, ёдам кунед.
Ҳоло ки садри маҳфилам, рӯзе равам сарманзилам,
Сад роз андар ин дилам, эй дӯстон, ёдам кунед.
Гӯед, ӯ як банда буд, пеши Худо шарманда буд,
Аз зиндагӣ дил канда буд, эй дӯстон, ёдам кунед.
Гар неку гар бад кардаам, ё лутф беҳад кардаам,
Бахшед ин ҷурми маро, эй дӯстон, ёдам кунед.

*27.05.2021*

## ИЛТИҶО

Зи Худо бихоҳам инро, ба баҳор рафта бошам,
Рухи худ ба ашк шӯям, пайи кор рафта бошам.
Дили зори синаамро чӣ касе шифо намояд,
Пайи дафъи доғҳояш ба мазор рафта бошам.
Чу бирафт он бародар зи барам фишонда доман,
Мани бекасеву бекӯ ба чӣ кор рафта бошам.
Шудаам ба сели ашкам ба мисоли моҳие ғарқ,
Ту бигӯй, моҳидорам, ба шикор рафта бошам.

## НОЛАИ МОДАР

*Барои Сайёра аз деҳаи Дуоба*

Ту кучоӣ, Эътиборам,
Ба раҳат ба чашми чорам.
Чу бирафтӣ аз бари ман,
Шабу рӯз гиря дорам.

Ту будӣ азизи ҷонам,
Будӣ зеби хонадонам.
Ҳама ҷо сиёҳ бе ту,
Сари худ куҷо бимонам?

Ақаллан накардаӣ ёд,
Ту зи кӯдакони навзод.
Ба ду чашми чор ҳастанд,
Ба фиғону доду фарёд.

Чу ба сӯзишу гудозаш,
Сари сахти худ чӣ созам?
Чу дугоникон бубинам,
Ба кадом шева нозам?

Ту куҷоӣ, Эътиборам,
Ки зи нола беқарорам.
Зи Худои қодири худ,
Ҳама сабр интизорам.

## БАРОИ САНАВБАР

Маро дар кӯйи танҳоӣ чаро андохтӣ, хоҳар?
Дили озурдаамро пора-пора сохтӣ, хоҳар.
Умедам буд, ки то охир шавӣ ёру мададгорам,
Вале пӯшида чашмонат маро нашнохтӣ, хоҳар.
Мусаллам, нури чашму қуввате дар ҷисми ман будӣ,
Бирафтӣ аз ҷаҳону ҷони худро бохтӣ, хоҳар.
Илоҳо, хонаи уқбои ту пурнуртар бодо,
Бинолам то қиёмат, ваҳ, чӣ шӯр андохтӣ, хоҳар.

*5 июли соли 2019*





## МЕРАВАМ

Рӯзе аз ин дунёи дун бо қалби нолон меравам,
Сад алвидоъ гуфта зи дил хотирпарешон меравам.
Боре ба ҳар сӯ бингарам, ҳамчун нишони хайрбод,
Пӯшида чашмони сиёҳ бе оху афғон меравам.
Эй дӯстон, аз баҳри ман як ҷойро ҳозир кунед,
Пазмони чандинсолаам, назди писарҷон меравам.
Ҳамсоя бошад боядо он хонаи уқбои ман,
То сер гардам аз рухаш, ба пойи гардон меравам.
Эй кош, бошам дар бараш, оғӯш гирам як даме,
Дар орзуи диданаш бе нури чашмон меравам.
Монед дар паҳлӯйи ӯ ҷисми ба ғам оғуштаам,
Пас бингаредам, ки чӣ сон бе дарду армон меравам.

*2 декабри соли 2021*

## ДИДАНИ ДИДОР

Боз ҳам нимашабу танҳоӣ,
Нигоҳам дӯхта бар авҷи само,
З-осмон рӯйи туро меҷӯям,
Ай маҳи гумшуда аз дидаи мо.

Ҳама дам наъра занам аз ғами беш,
–Ту куҷоӣ? Ту куҷоӣ? Ту куҷо?
Мани маҳзуну парешону ҳақир,
Ҷӯйи ашкам бинамоям дарё.

Хуб донам, ки наоӣ дигар.
Писарам, рафтаӣ бар боди фано,
Боз андар бадали ҷони азиз,
Хоҳаме дидани дидори туро.

*13 августи соли 2019*

## МОДАРАМ

*Барои Лоиқ Бобоҷонов аз ноҳияи Сариосиё, ки 15 рӯз пеш аз тӯйи домодиаш модараш вафот кард.*

Аё, эй модари бечораи ман,
Дар ин дунёи дун овораи ман.
Куҷо рафтӣ, накардӣ ёди фарзанд,
Чаро гаштӣ ҷудо аз хешу пайванд?
Ба сад уммед кардӣ тӯй барпо,
Ки то бинӣ камоли умри манро.
Арӯси нозанин ояд ба наздат,
Ба ту аз сидқи дил бинмуда хизмат.
Вале, ҳайҳот, рафтӣ ту раҳи дур,
Накарда бо азизон хайру маъзур.
Ту рафтию ҷавонӣ аз барам рафт,
Шукӯҳи зиндагонӣ аз барам рафт.
Бароям тӯй як рӯзи қазо буд,
Ки ҷисми ту зи ҷони ман ҷудо буд.
Куҷо он ҷомаи домодии ман,
Ки дӯхтӣ баҳри рӯзи шодии ман?
Зи нав як рӯз меорам арӯсам,
Агарчи ин дам аз доғат бисӯзам.
Вале бе ту надорад завқ ин сур,
Чу ҳастӣ ин дам аз чашмони ман дур.
Худоё, рӯҳи модар шод бинмой,
Даруни манзилаш обод бинмой.
Навиштам номаро, модар, ба номат,
Фаромӯшам нагардӣ то қиёмат.

*24 июни соли 2022*





## КОШ...

Кош дар рӯйи ду дастони ту ҷон медодам,
Дили савдоии худро ба нишон медодам.
Гарчӣ бегонаӣ, ман моли касони дигарам,
Гунаҳам зам шуда бар суду зиён медодам.
Оҳ, андар ҳаваси рӯйи маҳат пир шудам,
Ба рухат чашм ҳамедӯхта ҷон медодам,
Чу малоик ба барам ою ситон ҷони маро,
Ҷон чӣ бошад, ба ту ин рӯҳи равон медодам.

## САБР БИФРИСТ

Хуфта дар хок бубин ин гули пажмурдаи ман,
Ай Худо, сабр магир аз дили озурдаи ман.
Ҳама бар сайри чаман рафтаву афсӯс, нигар,
Хун чакад аз бадани хаставу ҳам мурдаи ман.
Хокдон, синаи ту кош бикобам дамаке,
То намояд зи қазо ҳастии афсурдаи ман.
Кош ҷон биспураму дар бари ӯ ҷой гирам,
Сер гардад зи ҷамолаш дили озурдаи ман.
Қодиро, дарди фироқаш ба фиғон оварда,
Сабр бифрист ба ин пайкари ниммурдаи ман.

*13 июли соли 2022*

## НИДО

Ман имшаб то саҳар бедор будам,
Ба роҳат бо ду чашми чор будам.
Чаро ту н-омадӣ андар бари ман,
Ба дасти хеш бардорӣ сари ман.
Ман, охир, оҷизу бемуттакоям,
Гирифторе ба дарди бедавоям.
Писарҷонам, туро ман ёд кардам,
Зи ҳаҷрат ҷони худ барбод кардам.
Даруни зулмати шабҳои торам,
Писарҷонам, туро ман интизорам.

*9 ноябри соли 2019*

## ДОҒИ ФАРЗАНДОН

*Ба хотири ду бародари номурод аз деҳаи*
*Чорбоғи ноҳияи Сариосиё*

Худовандо, бидеҳ сабру карорам,
Ки ин бадбахтӣ рӯйи коғаз орам.
Дилам пур аз ғаму ҳолам табоҳ аст,
Даруни синаам маҷмӯи оҳ аст.
Нависам сатрҳо ба дасти ларзон,
Ба васфи ду бародар – номуродон.
Яке Қудрат, ки бисту ду баҳорон,
Бизиста шоду хуррам байни ёрон.
Буда ҳам коргар, ҳам донишомӯз,
Ба меҳнат тай намуда ҳар шабу рӯз.
Фаёзи навҷавони бистсола,
Ки аз ҳаҷраш шудам пуроҳу нола.
Муҳоҷир гашт андар шаҳри Маскав,
Биомӯзад то ки дониши нав.
Бубинед хоҳиши арзу саморо,
Биовард инчунин дарду балоро.
Бародарҳо фитода зери мошин,
Заминро гӯиё гардида парчин.
Яке аввал, дуюмаш дигар он рӯз,
Бирафта аз ҷаҳон бо оҳи пурсӯз.
Миёни сад ҷавонро хам намуданд,
Ту гӯйӣ, ин ҷаҳон пурғам намуданд.
Арӯси Қудрати ноком ҳайрон,
Надида рӯйи шодӣ, гашт сарсон.
Падар, ҳам модари бечораи ӯ,
Даруни баҳри ғам овораи ӯ.
Зи ҳаҷри ду писар девона гаштанд,
Миёни мардумон афсона гаштанд.
Ба деҳи Чорбоғ он навҷавонон,
Ба як-ду соате гардида меҳмон.





Видоъ гуфтанд бо ёру рафиқон,
Ба модар ҳам падар, кулли азизон.
Худоё сарф кун борони раҳмат,
Чунин рӯзи бадеро кас набинад.
Нагиряд модаре аз доғи фарзанд,
Ҷудо манмо, Худо, моро зи пайванд.
Худоё сабр деҳ бар модари зор,
Ба хоҳарҳо, ки гашта сахт ночор.
Падарро ту аз ин ғурбат раҳо кун,
Ба як лаҳза ба шодӣ ошно кун.
Раҳо кун дӯстонашро зи заҳмат,
Ба ин ду навҷавон ҷо деҳ зи ҷаннат.

*3 феврали соли 2023*

## МУНОҶОТ

Эй Худо, ғубор аз дил лаҳзае парешон кун,
Шодиҳо барои ман як дақиқа арзон кун.
Ғам фишорад ин сина ҳамчу дуд пуркина,
Боз кун дари дилро, мурғакаш парафшон кун.
Чист, гӯ гуноҳи ман, то самост оҳи ман,
Ин чароғи хомӯшам, як даме фурӯзон кун.
Роҳи хеш кардам гум, дур гаштам аз мардум,
Ғуссаро бирон аз дил, шодиро фаровон кун.
Солҳои тӯлонӣ ранҷ дидам арзонӣ,
То раҳо шавам аз ғам, қалбро чароғон кун.
Фасли босафо омад, мурғи хушадо омад,
Кулбаи фақиратро пур зи лола, райҳон кун.
Раҳм кун ба фарзандам, зинда дор дилбандам,
Дард аз вуҷудаш гир, дар қатори ёрон кун.
Қодиро, ба сад уммед рӯйи сӯят овардам,
Шод кун дили моро, ғуссаро гурезон кун.

***29 марти соли 2023***

## ҒАЗАЛИ ДАРД

Бахшой Худо, хастаю афтода набошам,
Овораю саргаштаи ҳар ҷода набошам.
Хун аст дилам аз ғами ин зиндагии талх,
Ё марҳамате соз, ки ғамбода набошам.
Ҳайронам аз он, ки гунаҳам чист ба пешат?
Ё пеши худат бар, чу озода набошам.
Ҳар лаҳза чу мум об шавад нахли умедам,
Тоқат накунам, сархуши ҳар бода набошам.
Гир ҷони маро дар бадали ҷони ҷавонаш,
Дигар ҳаваси дидани ин ҷода набошам.
Фарзанди азизу дилу ҷонам бикашад дард,
Ман чора надорам, хушие дода набошам.
Умеди ман аз туст, Худоё, мададаш кун,
Аз дард раҳонаш, ки сарафтода набошам.

*24 апрели соли 2023*

## ИЛТИҶО

Эй Худои меҳрубон, қалби маро ханҷар мазан,
Дар сабурӣ борҳо санҷидаӣ, дигар мазан.
Рафт он ҷону дилам, ман зинда дар рӯйи замин,
Пурқаноат шав, азизо, даст бар ахтар мазан.
Чанд моҳе духтарам дарди гароне мекашад,
Ҷони ман бистону аммо ту варо囲 наштар мазан.
Ҳафт соле як дами хушро надидам, сад дареғ,
Теғи ғам бар ин тани мискини мо дигар мазан.
Мардумон аз навбаҳору бӯйи гул лаззат баранд,
Меваи фасли баҳорамро ба хушку тар мазан.
Як даме оромӣ овар зиндагии тирароро,
Қасди худ дигар ба сӯйи хонаву ин дар мазан.
Ҷони ширинам ҷавону меваҳояш хом низ,
Пас гузораш, зинда монад, ҷисми ӯро сар мазан.
Борҳо сӯят намудам илтиҷо, Парвардигор,
Ҷони ман бистон, рӯ бар духтарам дигар мазан.

*6 маи соли 2023*





## НАЁМАД

Сарсабз баҳор омаду он ёр наёмад,
Бар боғи ҳаётам гули бехор наёмад.
Сад шом саҳар шуд, ҳама ҷо гашт мунаввар,
Нуре ба дил аз дидаи бедор наёмад.
Садранг шуда кӯҳу даман, сабза дамида,
Як акси садо аз паси девор наёмад.
Ҳарчанд ба роҳаш гулу райҳон бифишонам,
Аз ҷониби ӯ ғайри хасу хор наёмад.
Гуфтам, ки Худоё, нафасе зинда бисозаш,
Ин зориям асло ба дилаш кор наёмад.
Чун хонаи ӯро набувад равзанаву дар,
Дар рӯйи раҳаш зораму ночор, наёмад.
Гуфтам, чи шавад, дар шафаташ ҷон бисупорам,
Он молики ҷон аз пайи куштор наёмад.

## ФАРЁД

Ҷигар пораву қалби ман хаста гашта,
Дари шодӣ бар рӯйи ман баста гашта.
Ба кунҷи қафас мурғи побаста бошам,
Аз ин кӯҳи ғам кош вораста бошам.
Писарҷони хубу азизам, Диловар,
Маро пеши худ бар, маро пеши худ бар!

Худоё, мабодо гирӣ ҷони манро,
Равам то ки аз бевафо рӯйи дунё,
Ба сӯйи мазори хомӯшон гирам раҳ,
Ба фарёду ово занам ин садоро:
Писарҷони хубу азизам, Диловар,
Маро пеши худ бар, маро пеши худ бар!

## БА ДИЛОВАР

Диловарҷони ман, ҳоло куҷоӣ?
Шавад рўзе, ки ту аз дар дароӣ.
Бубинӣ як назар аҳволи зорам,
Надорам қуввату рафта мадорам.
Ба вақти пириям кардӣ маро зор,
Ки дар роҳат шуда чашмони ман чор.
Биё, ё ки бубар бо худ маро ҳам,
Дигар ҷойи гурез аз ғам надорам.
Ту будӣ такягоҳам вақти пирӣ,
Чаро рафтӣ маро партофта дурӣ?
Намебинам ду абрўи камонат,
Рухи зебову китфу бозувонат.
Ду дасти меҳнатият зери хок аст,
Дилам аз ҳасратат садпора, чок аст.
Надорам тоқати доғи ҷудоӣ,
Чӣ мешуд, як даме пешам биёӣ?

## БА ЁДИ ПИСАРАМ

Ман ин ҷо ашк мерезам ба ёди хандаҳои ту,
**Ба пешам дар хиҷолат мондааст ин абру ҳам борон.**
**Зи қалбам лолаҳо мечинаму меафканам бар раҳ,**
Ки ин ҷо як замоне гашта будӣ роҳро гардон.

Ба девору дару дарвоза сад раҳ дида медўзам,
Надида нақши дастони туро, сад бор месўзам.

Ба саҳро меравам, он ҷо, ки аз айёми хурдият.
Сарак мечидӣ бо ёронату гаҳ подабон будӣ.
Ту бо он ҷисми хурдат, эй писарҷони азизи ман,
Саробон будию як умр моро меҳрубон будӣ.

Дар айёми ҷавонӣ тарк гуфтӣ зиндагониро
Ба рўйи ман бубастӣ ту нишоту шодмониро.





## ХОҲАРИ ҶОН

*Барои шоира Зебуннисо Шокирова,*
*ки рўзи 2-апрели соли 2017 моро тарк гуфт*

Бо ҳама лаҳни хушу табъи равон,
Зери ин хок чаро гаштӣ ниҳон?

Ғами фарзанд маро кофӣ буд,
Ҳасратат мекушадам, хоҳари ҷон!

Ҷигарам аз ғами ту шуд пора,
Вой бар ҳоли мани бечора...

## РАФТ ОРЗУ БА ХОК

*Армони шоири марҳум Ҳазраткул Муродзода*

Деҳи ман, як пораи хокат насиби ман нашуд,
Дар дами охир ҳавои ту қариби ман нашуд.
Аблаҳе он гулшани ободро вайрона кард,
Мардуматро хору зор, бемазилу бечора кард.
Сўйи чўлистон равон гаштем, гуфта алвидоъ,
Кўҳҳои сарбаланду обҳои софро.
Дидагирён, синабирён, ашк аз миҷгон чакон,
Дар замини шўрхокаш сохта ҷою макон.
Ҳар замон дар ҳасратат дил хаставу бечора буд,
Ризқ ҷўён мардумат бар ҳар тараф овора буд.
Шукри даврон, рўзгори мо хушу обод шуд.
Андаке дилҳои мо аз зиндагонӣ шод шуд.
Лек, эй деҳи азизам, будӣ андар ёди ман,
Ёди ту ғамро рабуд аз хотири ношоди ман.
Солҳои сол кардам диданатро орзу,
Зери хок овардаам он орзуи рўйи ту.

## ҶОЙИ ТУ ҶАННАТ

*Ба ёди муаллима Ҳикоят Холова*

Муаллим, тоҷи сар будӣ ту моро,
Азизу муътабар будӣ ту моро.
Ҳамеша сила бинмуда сари мо,
Чу модар, ҳам падар будӣ ту моро.
Ба сӯят медавидем аз дили шод,
Чу хуршеди саҳар будӣ ту моро.
Ба мо ҳарфу рақамҳо ёд дода
Сабақгӯ, роҳбар будӣ ту моро.
Ба ту меҳри дили мо буд зиёда,
Зи ҳар кас беҳтар будӣ ту моро.
Ҳазор афсӯс, рафтӣ аз бари мо,
Ҷаҳон торик бинмудӣ ту моро.
Мисоли мурғакони бепару бол
Миёни роҳ афкандӣ ту моро.
Муаллима - Ҳикоят ҷойи ту ҷаннат,
Мудом пеши назар будӣ ту моро!

## ДАРЕҒИ ГУЛПИСАРҲОИ ШАҲИДАМ

*(Навҳаи Беҳзод барои кӯдакони номуродаш, ки субҳи рӯзи 19-августи соли 2018 аз садамаи автомобилӣ ба ҳалокат расиданд)*

Фалак бар қалби ман зад ханҷари тез,
Ҷигар садпора гашту дида хунрез.
Ду нахли боғам андар зери хок аст,
Дилам аз дарду ғам садпора, чок аст.
Ба вақти нимашаб омад балое,
Дучорам гашт дарди бедавое.
Будем он лаҳзаҳо мо шоду хурсанд,
Бидида Тошканду ҳам Самарқанд,
Равон будем сӯйи хонаи худ,
Писарҳо ҳар ду дар оғӯши мо буд.





Зи шодӣ бол мезад Мустафоям,
Низомиддини ман-нуру сафоям.
Ману Шаҳноза ҳам хурсанд будем,
Ба ҷони якдигар пайванд будем.
Ба ногаҳ омад ин рӯзи қиёмат,
Ба сарҳо рехт борони фалокат.
Тамоми ақлу ҳушам рафт аз сар,
Надорам ёд аз аҳвол дигар.
Парида аз тиреза тифлаконам,
Шаҳиди Карбало гашта ба як дам.
Ҳам он ронандаву ду марди дигар,
Шуда ғарқоби хун, беҷон яксар.
Ману Шаҳноза садҳо зарб хӯрда,
Ба амри Ҳақ бимондастем зинда.
Кунун чун зиндадаргӯрем ҳар ду,
Зи доғу ҳасрати тифлони дилҷӯ,
Куҷо шуд мағзи ҷонам – Мустафоям,
Низомиддини шӯху бебаҳоям.
Китобу дафтараш паҳну парешон,
Намебинам ҷамоли Мустафоҷон.
Низомиддини шӯху шеърдонро,
Намеёбам дигар аз рӯйи дунё.
Зи ҳиҷрон гаштаам бадтар зи Маҷнун,
Нидоҳо мерасад аз қалби пурхун.
Миёни ин замин ман хору зорам,
Худоё, сабр деҳ, тоқат надорам.
Хазон гардид ҳар ду нахли боғам,
Расида то фалак ин дарду доғам.
Дареғи гулписарҳои шаҳидам,
Гули нози зи олам нопадидам...

## ҒАЗАЛИ ҲИҶРОН

Гуфтам, ки писарҷони азизам ба куҷо рафт?
Гуфто, ки азизи дили ту пеши Худо рафт.
Гуфтам, ки чаро аз бари ман, аз бари мо рафт?
Гуфто, ки Худо хост ҳаминро, ки ба ҷо рафт?
– Пас бахри чӣ моро ба бари хеш нахонад?
– Ин амри илоҳист ва бо амри Худо рафт.
– Ман кай битавонам нафасе бе рухи моҳаш?
– Бинмой сабурӣ, ки вай аз банду бало рафт.
Гуфтам, ба раҳи омаданаш дида бидӯзам?
– Не-не, макун ин, ӯ батамом аз бари мо рафт,
– Оё бирасад рӯз, ки оғӯш бигирам?
– То рӯзи қазо сабр, ки фориғ зи гуноҳ рафт.
Дорам талабе, ки бирасад рӯзи қиёмат,
Хокистарам аз оташи ҳаҷраш ба само рафт.

## ГУЛИ ҲАСРАТ

*Ба ёди дугона ва шарикдарсам Зӯҳро Фаёзова*

Аё Зӯҳро, ман андар ин дили шаб ёди ту кардам,
Нафас андар гӯлу печид, боз афзуда ин дардам.

Гумон кардам, ки дил аз сина берун гашт, пурхун шуд.
Замин аз сели ашкам шуд чаман, сад лола гулгун шуд.

Дилам мехост, бошӣ дар қатори дӯстон бо мо,
Аққалан чанд лаҳза менамудӣ дидаатро во.

Аз он рӯзе, шунидам аз гузаштат, сахт маҳзунам,
Бароят ашк мерезам, зи ҳаҷри ту ҷигархунам...

Ҳамоно ёд меорам замони навҷавониро,
Ки аз бар кардаем андарзҳои зиндагониро.





Вале бо амри қисмат бар сар омад ин парешонӣ,
Надида якдигарро солҳо будем армонӣ.

Ҳамон рӯз орзуи диданат бахшид болу пар,
Ба сӯят меларидам, то бигирам як даме дар бар.

Вале, эй Зӯҳрои ман, туро дигар намебинам,
Хаёлан аз мазорат сад гули ҳасрат ҳамечинам.

## НИГОҲ

Аз даруни чорчӯба сӯйи ман,
Бо дили пурмеҳр месозӣ нигоҳ.
Кош берун мешудӣ аз он қафас,
Дур мекардиям аз ҳоли табоҳ.

Гарчи аз ин сурати беҷону тан
Ҳеч гаҳ н-ояд садои ошно,
Ғарқ гардида ба дарёи ҷунун
Ҳар замон аз қалби ман ояд садо.

– Эй азизи дил, гуноҳи ман чӣ буд,
Ки маро аз хеш дур андохтӣ?
Бар ҷаҳони дигаре кардӣ сафар,
Оташе бар ҷисми ман афрӯхтӣ.

Ту кунун осудаи дар хокдон,
Ман надорам сабру оромӣ дигар.
Ё биё, бинмой рӯйи хешро,
Ё маро бар он макони худ бубар.

Аз даруни чорчӯба сӯйи ман
Бингариву гӯйӣ, бесабрӣ чаро?
Мерасад рӯзи ҷазо, мебиниям,
Ман ҳам аз ҷон ёд кардастам туро.

## ЗОДРӮЗИ ӮСТ

Бирав, ба бодҳо бигӯ, шунав, ки зодрӯзи ӯст,
Ба мурғи хушнаво бигӯ, шунав, ки зодрӯзи ӯст.

Ба хоки сард ҳам бигӯ, ки гарм гирадаш канор,
Ба боғи лолаҳо бигӯ, шунав, ки зодрӯзи ӯст.

Чу нест ӯ дар ин ҷаҳон миёни ёру дӯстон,
Ба марги пурҷафо бигӯ, шунав, ки зодрӯзи ӯст.

Ба ёд оварам варо хамӯшу зору бесадо,
Ба дарди бедаво бигӯ, шунав, ки зодрӯзи ӯст.

Худои ман варо зи ман ҷудо намуд, сад алам,
Ба умри бевафо бигӯ, шунав, ки зодрӯзи ӯст.

*15 октябри соли 2020*

## БОРИ ХИҶОЛАТ

Шаби ман рӯз шуду бедорам,
Боз дар нола дили афгорам.
Мевазад боди зимистон, э воҳ!
Гӯри вайрони варо ёд орам.

Гарчи ҳар қадр насиҳат созам,
Ман ба худ, то наравад овозам.
Боз ин қалби дусадпораи ман,
Нашавад лаҳзаяке дамсозам.

Эй Худо, кошки шоир будам,
Васфи ӯ кардаву меосудам.
Боз ин қалби дусадпораи ман,
Нашавад лаҳзаяке дамсозам.





Оҳ, сад дод аз ин умри гарон,
Гузарад бо аламу бо армон.
Ман чӣ сон шод шавам, дар дили хок,
Хоб кардаст маро ҷону ҷаҳон.

Мекашам бори хиҷолат ҳама дам,
Ҳар гаҳе шиква ба Яздон бибарам.
Бо ҳама ҳусни ҷавонӣ он гул,
Рафту ман зинда ба рӯйи олам.

*15 октябри соли 2022*

## ДАРДҚАТРАҲО

Духтарҷонам, очаякат пир шудай,
Аз дасти ғаму ғурбата дилгир шудай.
Аз марги Диловару ғами духтарҳош,
Бандии миёни симу занҷир шудай.

***

Бар сӯяки осмон нигоҳе кардам,
Сад гиря зи чашмони сиёҳе кардам.
Гуфтам, ки Худо, оҳи моро бишнав,
Дар даргаҳи ту, гӯ, чӣ гуноҳе кардам?

***

Эй Бор Худо, ба ту тавалло дорам,
Бахшой шифо ба духтари беморам.
Шаш сол шудай хун аз ҷигар мерезам,
Гир ҷони маро, ки ман аз он безорам.

*14 апреди соли 2022*

## МЕҲМОН

Писарам, эй ту маро ҷону ҷаҳон,
Хез акнун ту аз ин хоби гарон.

Диданат омадааст духтаракат,
Зи само шӯълавар он ахтаракат.

Ӯ, ки аз Маскави дур омадааст,
Бо дили пур зи сурур омадааст.

Чанд гаҳ хонаи мо меҳмон аст,
Падарашро чӣ қадар пазмон аст.

Хезу бо меҳр бигираш оғӯш,
Сухани тифлаки худ бинмо гӯш.

То ки аз дидани ту шод шавад,
Зи ҳама дарду ғам озод шавад.

Гӯй, Зарринаи ман, ҳолат чист?
Дур мондӣ зи ман, аҳволат чист?

Ман, ки дар ҳолати ноҳинҷорам,
Ба чӣ роҳе дили ӯ бардорам?

Худ биёву нафасе бо ӯ мон,
То намонад ба дилаш ҳеҷ армон.





## МУСОФИР

Надидаам, шунидаам сифоти ӯ,
Ки буда порсову бас худойҷӯ.
Арӯси нозанину модари азиз,
Кушодчеҳра будаву фариштахӯ.

Ҷамол гашта ошиқи ҷамоли ӯ,
Мудом будааст дар хаёли ӯ,
Дари муҳаббаташ кушода бо ҳавас.
Хароб гашта дар ғами висоли ӯ.

Зи Доғистон буда арӯси нозанин,
Шуданд дар мусофират ба ҳам қарин.
Никоҳ кардаву гирифта бар занӣ,
Ки то шавад тамоми умр ҳамнишин.

Ниҳояте бигашта ёри якдигар
Ва низ соҳиби аҷиб гулписар.
Ба сӯи манзили Ҷамол омаданд
Гирифта ҳар ду дастҳои якдигар.

Амина тифли дигаре буд интизор,
Шуданд боз ҳардушон писарчадор.
Дари фараҳ ба рӯяшон кушода гашт,
Гирифта тифлакони хеш бар канор.

Ба бахти ин ду чашми бад магар расид,
Аминаро аҷал бикард нопадид.
Ҷамол субҳу шом мекунад наво,
Накарда сабр ба чунин ғами шадид.

Шабу саҳар нишаста пеши қабри ӯ,
Ба оби дидагони хеш шуста рӯ;
– Мусофири азизи ман, куҷо шудӣ?
Бихез, ки ман омадам суроғи ту.

Вале зи хоки сард нест як садо,
Намекунад суроғ он писарчаҳо.
Ба хоб рафтааст, хоби то абад,
Сафар намуда ӯ ба сӯйи дуриҳо...

Илоҳӣ, ҳеч кас чу ӯ мабод,
Ки умри навҷавониаш бибурда бод.
Мусофире ба хоки дигарон шуда,
Аминаи фариштаҳӯи зиндаёд.

## СӮХТАМ

Сӯхтам дар ёди фарзанд, устухонам даргирифт,
Дар ғами як навҷавон рӯйи ҷаҳонам даргирифт.

Борҳо гуфтам ба худ, чуз сабр дигар чора нест,
Бо чӣ роҳе чора созам, ошёнам даргирифт.

Нола кардам, эй Худо, раҳме намо бар ҳоли ман,
Заррае парво накард ӯ, хонумонам даргирифт.

Хонаашро нест роҳе, на тиреза, на даре,
Бар умеди диданаш рӯҳи равонам даргирифт.

Ҳар шабу ҳар рӯз андар ҳасрати рӯйи гулаш
Рафт хоб аз чашми ман, тобу тавонам даргирифт.

Кош аз оху фиғонам зинда мешуд лаҳзае,
Ҳасрато, дар орзуяш ҷисму ҷонам даргирифт.





## ГӮЕД, ҲОЛИ Ӯ ЧИСТ?

Эй барқҳои рахшон, гӯед, ҳоли ӯ чист?
Гулҳои чеҳрахандон, гӯед, ҳоли ӯ чист?
Ӯ дар замини сард аст, дар зери чангу гард аст.
Ғам дар дилам хурӯшон, гӯед ҳоли ӯ чист?
Ман мӯканону гирён, бар роҳи ӯ нигорон,
Аз ғусса медиҳам ҷон, гӯед, ҳоли ӯ чист?
Боз омада баҳорон, олам шуда гулафшон,
Моем чашмгирён, гӯед ҳоли ӯ чист?
Ӯро набуд ҳамто, пурзӯру ҳам тавоно,
Марде буд ӯ зи мардон, гӯед, ҳоли ӯ чист?
Дастони меҳнатиро оё намуд пинҳон?
Буд як ҷавони хандон, гӯед ҳоли ӯ чист?
Ман модари ғарибам, дидан нашуд насибам,
Беҳоламу парешон, гӯед, ҳоли ӯ чист?
Бе ӯ ҷаҳон чи холист, умрам ҷудо зи маънист,
Бе ӯ будан на осон, гӯед, ҳоли ӯ чист?

## ФОҶИА

Ё хоҳиши Илоҳист, ё сӯхта ҷабинам,
Ин фоҷиа сар омад, дигар варо набинам.

Ман монда рӯйи олам, ӯ хаставу ҳалок аст
Бо ин ҳама ҷавонӣ вай андаруни хок аст!

Бишнидани садояш кай мешавад муяссар,
Оё расад замоне, ки бинамаш зи дигар?

Рӯйи гулам хазон шуд аз ашки дидагонам
Сабрам бидеҳ, Худоё, то ғуссаро биронам.

## ХАЗОНИ ГУЛ

*Ба Зулхумор, ки 11-апрели соли 2019 аз олам гузашт*

Дар баҳор омад хазон, он гул бирафт аз боғҳо,
Зулхумори чун парӣ афканд дарду доғҳо.

Олиҳа, хушсурату дарёдилу ширинсухан,
Соддадил, меҳнатқарину меҳрубон бар марду зан.

Умри ӯ шуд сарф андар хизмати халқу ватан,
Ҳеч гаҳ кӯшиш накард аз баҳри нафси хештан.

Зиндагӣ мекард ӯ бо дардҳои дигарон,
Буд ӯ мушкилкушои бандҳои дигарон.

Лек бар дарди худаш дармон наҷуста Зулхумор,
Хоҳари ҷон, дар фироқат гиря дорам зор-зор.

## САБРАМ БИДЕҲ, ХУДОЁ

*Барои Сафия Ниёзова*

Баҳорон бо дили ман ҳамнафас шуд,
Дилам гирёну холӣ аз ҳавас шуд.

Само пурабр чун ғамҳои қалбам,
Ба чашмам лолаҳо чун хору хас шуд.

Ба худ гуфтам, баҳор омад ба сад ноз,
Дилам гуфто, ки нозат барабас шуд.

Худоё, ту бидеҳ сабри ҷамилам,
Ки зебо хоҳарам андар қафас шуд.

Ба ӯ аз ҷаннатат ҷое ато кун,
Бубин, ки хоҳараш бе кӯю кас шуд.





## ТАНҲОӢ

Ҳаво сарду ғуборолуду аз ғамҳои ман беш аст,
Надорам шахси наздике, ҳама андар ғами хеш аст.
Замоне шод будам, аз камоли тифлакони худ,
Надонистам, ки хориҳову ин бадбахтӣ дар пеш аст.
Будам мағрур, дил маъвои шодиву сурури буд,
Куҷо донам, ки тақдирам дар ин олам бадандеш аст.
Кунун дар кунҷи танҳоӣ нишаста бо дили бирён,
Навиштан сатрҳои ғам маро оину ҳам кеш аст.
Барои ризқу рӯзӣ рафтаву бас нотавон гаштанд,
Азоби дидаи онон мисоли ҳоли дарвеш аст.
Худоё, сабри комил деҳ ба ҳар як тору пуди ман,
Вуҷудам дар ғами он ду муҳоҷир пораву реш аст.

*9.07.2023*

## БА ДӮСТ

Биё, эй дӯст, дардамро даво кун,
Маро аз кунҷи танҳоӣ раҳо кун.
Диламро ғам фишорад ҳар шабу рӯз,
Ба шавқу шодӣ як дам ошно кун.
Ба роҳаш бингарам бо дидаи чор,
Ба сарвақтам намеояд, дуо кун.
Чӣ сон то манзилаш раҳ гирам, охир,
Нигаҳ сӯйи мани бе дасту по кун.
Ба марги хеш розӣ гаштаам ман,
Ба паҳлӯяш маро як лаҳза ҷо кун.
Ба ӯ гӯям: "Гурезон гаштан аз чист?
Биё як дам, нигоҳе сӯйи мо кун.
Дару дарвозаатро нек бикшой,
Ба қалби хастаи ман хуш наво кун.
Ки як моҳ аст, оромӣ надорам,
Ба оғӯшат бигиру кам ҷафо кун."
Биё, эй дӯст, пеши пот мирам,
Маро бо манзили ӯ ошно кун.

*8.07.2023*

## ДАР НИМАРОҲИ УМР

Чу рафтӣ аз барам, бо хеш гӯё бурдаӣ ҷонам,
Сияҳрӯз аз ғами ҳиҷрон, намонда дигар имконам,
Ба мисли мурдае афтода андар нимароҳи умр,
На ҷон дорам, на тан дорам, чунон ҳам сустпаймонам.
Ту-ку дар хоби нозӣ андаруни хонаи укбо,
Манам рӯйи замин, гум карда роҳи хеш, ҳайронам.
Гаҳе бо худ бигӯям, ханҷаре бояд, кушам худро,
Ки дигар сабру тоқат нест, осон биспурам ҷонам.
Худоё, маргам осон соз, сабрам меравад ҳар дам,
Ки ҳоло дар фироқи ду гули хушкида нолонам.
Дигар маънӣ надорад зиндагӣ, бояд равам аз даҳр,
Бихобам дар миёни тифлакони монда ҳайронам...

*29.06.2023*

## ПАЙДО НАШУД ЗЕБО

Дар олам моҳи нав пайдо шуду пайдо нашуд Зебо,
Аз ин дунёи дун гум гашт яксар он гули раъно...

Зи ҷойи хоби ӯ холӣ шуда болину ҳам бистар,
Даруни синаам шӯре ба по шуд з-ин ҳама ғавғо.

Куҷо рафтӣ азизу нури чашмам, духтари ҷонам?
Чаро мондӣ ту се фарзанди худро дар ҷаҳон танҳо?

Диловар, гуфтию ашкат равон шуд аз дилу дида,
Магар пазмон шудӣ он додари гумгаштаи худро?

Аё Зебуннисо, дил об шуд аз дурии рӯят,
Бинолам то қиёмат дар ғамат, эй шамъи маҳфилҳо!..

*12.06.2023*





## ШЕРИ БУХОРО РАФТ

*Дар сӯгворӣи Асад Гулзода*

Дар Бухорои куҳан дигар наёбам шеъри ноб,
Пас аз ин кӣ гӯядам ҳарфи хуше бо лафзи боб?

Дар миёни ин қадар як мардуми гумкардараҳ,
Шеър мегуфт он Асад бо тоҷикӣ баҳри савоб.

Он гули танҳои фасли навбаҳорон, сад дареғ,
Дӯш рафт аз олами дун, ҳоли дил карда хароб.

Сад дареғи шоиру сад ҳайфи он шеъри дарӣ,
Дар Бухоро нур мебахшид мисли офтоб...

*30.05.2023*

## ФАРЁДРАСАМ НЕСТ

Сад ҳайф, ки дар руйи ҷаҳон ҳамнафасам нест,
Як ёри азизи дилу фарёдрасам нест.
Ҳарчанд зи доройи олам ҳама дорам,
Афсӯс, ки қадри ҳама чун хору хасам нест.
Ёрон чу бирафтанд пайи зиндагии хеш,
Имрӯз ба ҷуз оху фиғони ҷарасам нест.
Бигзашт замоне, ки будам оташи сӯзон,
Андӯҳам аз он аст, ки ҷуз барабасам нест.
Ку дӯст, ки бинҳад ба сарам дасти муҳаббат,
Ин лаҳза чу уммед аз он рӯзи пасам нест.
Хоҳам, ки бигӯям ба касе рози дили хеш,
Фарёд кунам пеши Худо, ҳеҷ касам нест.
Гӯё ки гурезон шудаву тарк намуданд
Ёрони азизам, дигар имдодрасам нест.
Он рӯз, ки аз ғам дили зорам бишавад хок,
Ҷуз мушти дуо ҳадя, ки дигар ҳавасам нест.

## ПАЙҒОМ

Эй субҳи босафо,
Эй ҳадяи Худо,
Пайғоми ман бубар,
Бар нури дидаҳо.

Бинӣ Диловарам,
Тобанда ахтарам,
Аз ман салом гӯй
Бар шамси ховарам.

Зебуннисои ман,
Моҳи самои ман,
Дар зери хоки сард
Бигрифта ҷойи ман.

Вай бори раҳмат аст,
Пурсабру тоқат аст.
Дар хонаи наваш
Оё бароҳат аст?!

Аз ман салом гӯй,
Арзи паём гӯй.
Бо шабнами саҳар
Рӯйҳояшон бишӯй!

*18.06.2023*





## ИЛТИҶО

Аз дур намоён аст,
Сарманзили тифлонам.
Мебинаму месӯзам,
Аз ҷисм равад ҷонам.

Эй кош, будӣ наздик
Он манзили хомӯшон,
Мерафтаму мехуфтам
Андар шафати онон.

Афсӯс, надорад ҷон
Поҳои равони ман.
Сад ҳайф, ки гашта пир
Ин зӯру тавони ман.

Бо ин ҳама ранҷурӣ
Ман зинда дар ин дунё.
Он ду гули зебоям
Бо хоки сиёҳ якто.

Сабрам бишикастӣ, воҳ!
Дар ҳасрати гулҳоям.
Дар рӯйи замин имрӯз
Ман тоқаву танҳоям.

Раҳме бинамо боре,
Эй ҳокими ҷони ман.
Наздики азизон бар
Ин ҷисми хазони ман .

*4.08.2023*

## МАШАВ ҒАМГИН

*Ба набераам Сиёвуш, ки донишҷӯ нашуд...*

Сиёвушам, азизу ҷони бибӣ,
Чаро ғам меҳурӣ аз нобарорӣ?
Қадам бо сад умеде монда будӣ,
Кунун аз қисмати худ шиква дорӣ.

Ту шояд он дами иҷрои пурсиш,
Ба ёд оварда будӣ модари зор,
Ки ҷони худ фидо баҳри шумо кард,
Кашид аз баҳратон ӯ ранҷи бисёр.

Парешон гашт шояд фикрҳоят,
Муаллим сӯзиши қалбат чӣ донад?
Ту чанде пеш модар бой додӣ,
Шудӣ маҳрум аз рӯҳи равонат...

Чӣ донад, ки миёни ҳамсафонат,
Ҳамеша пешсаф будию доно.
Вале бемодарӣ додат азият,
Парешон хотири ту гашта ҳоло...

Азизам, ғам маҳӯр аз нобарорӣ,
Ҳанӯз оянда дар пеш аст, донӣ.
Мукаммал мешавӣ то соли дигар,
Ту бояд боз ҳам беҳтар бихонӣ.

Аҷоиб бебарор ин сол гардид,
Чунин тақдири бад шуд ҳосили мо.
Ба замми фавти модар, орзуҳо
Ба куллӣ тарк карда манзили мо.

Сиёвуш, эй писарҷони азизам,
Машав ғамгин, агар модар надорӣ.
Тағои меҳрубону холаҳоят
Бигирад дасти ту бо дӯстдорӣ.





## РАФТӢ

Маро дар кӯраи оташ чаро партофтӣ, рафтӣ?
Зи пазмонӣ ба сӯйи додарат биштофтӣ, рафтӣ.
Ту бо ёру рафиқон ҳамдаму пайванди ҷон будӣ,
Зи кулли ошноён пас чаро рӯ тофтӣ, рафтӣ?
Зи дарди бедавои худ кашидӣ ранҷҳо бисёр,
Магар аз олами дигар шифое кофтӣ, рафтӣ?
Накарда раҳм бар фарзандҳову модари пират,
Даруни хоки сарде роҳатеро ёфтӣ, рафтӣ.
Магар аз қисмати талхат гурезон гаштию охир,
Аё Зебуннисо, ҳоли хуше дарёфтӣ, рафтӣ?

## МАРАВ, АЙ БАҲОРОН!

Марав, ай баҳорон, ки ман бе ту хорам,
Ҳама рӯзу ҳар шаб ба рӯйи ту зорам.
Туӣ рӯзи бахтам, туӣ тоҷу тахтам,
Вале гилаҳое ба дил аз ту дорам.
Туӣ рӯзи мавлуди ман, ай баҳорон
Ва ҳам рӯзи дардам, ба қаҳрам ҳазорон.
Рабудӣ дилу ҷону нури ду чашмам,
Зи ту дар фиғонам, бубахш, ай баҳорон!
Насими фараҳбахш дил мерабояд,
Ба чашми ман олам чӣ зебо намояд.
Саҳар булбули зор бо сад навое,
Ба шохе нишаста чӣ хуш месарояд.
Ту айбе надорӣ, баҳори гулафшон,
Гунаҳкор тақдири толеи вайрон.
Марав ҷойи дигар, бимон дар бари ман,
Аё фасли гупӯши ман, ай баҳорон!

*4.05.2018*

## САБР БИФРИСТ...

Хуфта дар хок, бубин, он гули пажмурдаи ман,
Ай Худо, сабр магир аз дили озурдаи ман.

Ҳама бар сайри чаман рафтаву афсӯс, нигар,
Хун чакад аз бадани хаставу ҳам мурдаи ман.

Хокдон, синаи ту кош бикобам дамаке,
То намояд зи қазо ҳастии афсурдаи ман.

Кош, ҷон биспураму дар бари ӯ ҷо гирам,
Сер гардад зи ҷамолаш дили озурдаи ман.

Қодиро, дарди фироқаш ба фиғон оварда,
Сабр бифрист, ба ин пайкари ниммурдаи ман.

*13 июли 2022*

## ДАРДНОМА

Сад коҳиши ҷон дорам,
Сад оҳу фиғон дорам.
Андар талаби рӯяш
Шӯре ба миён дорам.

Ку он гули бехорам?
Дар рӯйи раҳаш зорам.
Пажмурдаи гулзорам,
Сад дарди ниҳон дорам.





# ГАР НОЗАСО БИГУФТААМ, САД БОР УЗР, УЗР...



## ИЛТИҶО

Ай сабз борон,
Ай дурру марҷон,
Ай оби раҳмат,
Бахшандаи ҷон.

Рӯ сӯйи мо кун,
Савту наво кун,
Аз дурии дур
Ёрам садо кун.

Аз рӯйи одат
Боре биёяд,
Як ҳарфи ширин
Баҳрам сарояд

Эй раъди ғуррон,
Эй барқи тобон,
Арзам расонед
Бар манзили он.

Боре зи шафқат
Дастам бигирад,
Ин қалби оҷиз
Бе ӯ бимирад.

Эй жолаву барф,
Гӯед ин ҳарф,
Як лаҳзаи умр
Моро кунад сарф.

Ай моҳи тобон,
Шамъи шабистон,
Истораборон,
Шамси дурахшон.





Ман тирарӯзам,
Аз ғам бисӯзам.
Бе ӯ бимонда
Ин чанд рӯзам.

Бо қалби нолон,
Бо чашми гирён,
Дар рӯи роҳаш
Охир диҳам ҷон.

Шафқат намояд,
Аз дар дарояд.
Афсонаи нав
Баҳрам сарояд.

## РЕЗ, БОРОН!

Рез борон, рез борон,
Хоки моро без борон.
Ҳафтае шуд мехӯрӯшӣ,
Бо фишори тез, борон.

Роҳҳо, дарёчаҳо шуд,
Тирагун чун шаб ҳаво шуд.
Рӯзгори мо сиёҳ шуд.
Ин қадар настез, борон.

Офтоби оламоро
Қаҳр карду рафт гӯё.
Сард гашта хонаи мо,
Бас, бирав, бигрез борон!

## БАРФ

Эй барф, эй файзи Худо, сад узр, ноҷо омадӣ,
Ё баҳри озори баҳор, ё маҳви гулҳо омадӣ?
Хам гашт шохи ҳар дарахт аз гармии бозори ту,
Шуд сабзаву гул нопадид, чун захми дилҳо омадӣ!

*11 апрели соли 2020*

## МАГӮ

Зи хароботи дилам пеши касон лом магӯ,
Хабаре чанд зи бадкории айём магӯ.

Чу ман имрӯз зи савдозадае беш наям,
Ба касон аз ману аз ин дили ноком магӯ.

Кош дар даври сари ту шудаме парвона,
Зи мани ғамзадаву сӯхтаандом магӯ.

Чӣ бигӯӣ, ту бикун аз сари андеша сухан,
Лек ин ҳолати зорам ба гуландом магӯ.

Бирасон чанд паёме, ки нагардад хаста,
Зи сияҳрӯзии ин ёфтаанҷом магӯ.

*9 феврали соли 2020*





## ҶУДО МАКУН

Маро ҷудо макун зи ман,
Сарам ҷудо накун зи тан.
Ки нисфи ман ба як тараф
Ва дигаре дар ин ватан.

Замин яке, замон яке,
Раҳи бародарон яке,
Чу гӯшт, ҳамчу нохунем,
Ватан яке, забон яке.

Замини ман, замони ман,
Биҳишти ҷовидони ман,
Яке бимонда он тараф
Ва дигаре дар ин ватан.

Танам дар ин ватан чаро,
Чун нест ақли сар маро?
Дунима карданат зи чист?
Чу бисмиле миёни роҳ?

Чаро кашида симхор,
Фишонда чангу ҳам ғубор,
Дили маро сияҳ кунӣ,
Би мисли шомҳои тор.

Чаро ҷудо куни маро,
Зи дӯстони бовафо.
Зи хоҳарони меҳрубон,
Бародарони пурсахо.

Бикан ту симхорро
Ва дур кун ғуборро.
Ба қалб рахнаҳо назан.
Ба бод деҳ қарорро.

Ту ҳокими замони ман,
Масӯз ошёни ман.
Маро зи ман ҷудо макун,
Дупора аст ҷони ман.

*11.06.2012*

## АРЗИ ФАЪОЛОН

Эй роҳбари ноҳия,
Мо аз шумо норозӣ.
Ҳар пагоҳу ҳар бегоҳ,
Коратон маҷлисбозӣ.

Баҳсу талош мекунед,
Бо худию бегона.
Пахтаҳои саҳроро
Кӣ мекунад ягона?

Вақти чинаки пахта,
Маҷлис ороед шабҳо.
Шинем то соати ду,
Кӣ меравад ба саҳро?

Бо чашмони хоболуд,
Бо каллаҳои вазнин,
Шитобем аз пайи кор,
Эҳ, чӣ хел рӯзи сангин!

Зимистону тобистон,
Овораед бо ҷанҷол.
Бо ин аҳвол, ҳокимҷон,
Ҳосил рӯёндан маҳол.

Пахта надорад забон,
"Соҳибонам ку?"-гӯяд.
Аз сафсаттаи бисёр,
Магар ҳосил мерӯяд?

Рӯ оварда ба саҳро,
Намоед он ҷо сӯҳбат.
Нашви пахтаро дида,
Диҳед он гоҳ маслиҳат.

Ҳам худу ҳам моёнро,
Дигар надиҳед азоб.
Ки аз ин маҷлисбозӣ,
Хурду калон шуд қимоб.

*3.04.2012*





## БА СОЛИ НАВИ 2013

Соли нав соли тозабунёд аст,
Соли "Рӯзгори обод" аст.
Хона обод, зиндагӣ обод,
Мулк обод қалби моён шод.
Бахри ободиҳо ҷадал созем,
Бар биҳишт ин ватан бадал созем.
Соли нав шодкомӣ афзун бод,
Ҳама аз зиндагонӣ мамнун бод.
Баҳраманд аз ҳавои истиқлол,
Бишнавем мо навои истиқлол.
Бахту иқбол бар шумоён ёр,
Хонаободию барори кор.

*26.12.2012*

## САРОБ

Бинишастӣ нафасе дар бари ман,
Гӯиё бӯйи баҳор овардӣ.
Зи ниҳоли ишқи чандинсола,
Ҳадя бар ошиқи зор овардӣ.

Ваҳ, чӣ сон чашм ба сӯят кардам,
Ваҳ, чӣ сон даст ба мӯят кардам.
Чашми худ молидам, оё хоб аст
Ва нигоҳ бар сару рӯят кардам.

Лек рафтӣ чу насим аз пешам,
Бинишастӣ бари зебои дигар.
Ба ҳамон чашм, ки афсунам кард,
Дида медӯхт дилорои дигар...

*Соли 1995*

## ИЛТИҶО

Эй гули наврустаи боғи дилам,
Нест боре дар канорат манзилам.

Дар хаёли рӯйи ту бигзашт умр,
Моҳии беоб андар соҳилам.

Ман намедонам гуноҳи ман чӣ буд,
Хори ҳиҷрон руст ҷойи ҳосилам.

Як каломи хуш набишнидам, дареғ,
Бо такопӯ қатъ гашта маҳфилам.

Он қадар аз дарди ҳиҷрон сӯхтам,
Зард аз оташ шавад сарманзилам.

Эй Худоё, боз чанде зинда дор,
То бубинам мазраи беҳосилам.

*11 майи соли 2020*





## ҒАЗАЛИ ИШҚ
*(Аз номи ошиқон)*

Чашм дар роҳи ту чор аст, ёр, медонӣ магар?
Рӯйи роҳат интизор аст, ёр, медонӣ магар?
Бо ҳама бадхоҳиҳову таънаву афсунгарӣ,
Ҷони ман баҳрат нисор аст, ёр, медонӣ магар?
Дар биёбони фироқат роҳи худ гум кардаам,
Сад шутурро дард бор аст, ёр, медонӣ магар?
Мекунӣ зебопарастӣ бо парирӯён мудом,
Қалби ман пеши ту хор аст, ёр, медонӣ магар?
Гар кушоям дафтари дил, нолаҳояш бишнавӣ,
Бартар аз савти ҳазор аст, ёр, медонӣ магар?
Гоҳ мегӯям, ки тарки ишқу ҷони худ кунам,
Хоҳиши ман бебарор аст, ёр, медонӣ магар?

*15 майи соли 2020*

## ҶАВОБ

Ин шаҳр шаҳри шукӯҳу шаҳомат аст,
Он ки сияҳ бикунад, пурнадомат аст.
Гар фаҳш бошаду тороҷи нангу ор,
Он хоси мо набувад, шарру бидъат аст.
Домони поки мо нашуд олуда ҳеҷ гоҳ,
Ҳам шаъну обрӯ ба мо фарзи қисмат аст.
Кай по ниҳем ба он раҳи пургуноҳ мо,
Зеро ки тозаву покизагӣ бар мо асолат аст.
Эй хастадил, мафикан санг сӯйи мо,
Ҳар он чӣ туро гуфтаам, айни ҳақиқат аст.

*25.05.2020*

## ШИКВА

Абр бар рўзгори ман монад,
Барқ бар ҳоли зори ман монад.
Чу ситезад ба сўйи ман жола,
Ба дили беқарори ман монад.

Дод, сад дод, ҳоли ман танг аст,
Зиндагиям чӣ сарду беранг аст.
Хоҳам аз хок пораи ноне,
Нон андар гулўи ман санг аст.

Аз чунин зиндагӣ чӣ дилгирам,
Кош дар хокдони ў мирам.
Мисли хокистар аст ин ҷисмам,
Дар ғами навҷавон кунун пирам!

*10 июни соли 2020*

## ИН ҶАҲОН

Ин ҷаҳонам ба ҷав намеарзад,
Бо умед зиндагонӣ бояд кард.
Он қадар мекашем азоби беш,
Ҳар замон қалби мо фишорад дард.
Гоҳ хандону гоҳ гирёнем,
Гоҳ гармову гоҳ бошад сард.
Гоҳ доро шавему гаҳ ночор,
Зидди тақдир нест ҳеҷ набард.
Эй азизони ман, ҳазорон шукр,
Бо даме ҷисми мо нагардад сард.
Бо муҳаббат қадам ба зиндагӣ монем,
Ҳамагӣ хоҳиши Худо, чӣ бояд кард?

*21 июли соли 2020*





## ИД ОМАД

Ин чӣ хубе, иди Қурбон омада,
Баҳри хурсандии ёрон омада.
Гум шавад дарду бало аз ин ҷаҳон,
Бар наҷоти дардмандон омада.
Қулфи дилро боз созем як нафас,
Назди мо ў ҳамчу меҳмон омада.
Дар даруни хона шодиҳо кунем,
Ў ба табрикоти моён омада.
Мебарем дасти дуо сўйи фалак,
Шодиро ҳам вақту имкон омада.
Баски андар хонаи худ бандиям,
Бар наҷотам иди Қурбон омада!

*31 июли соли 2020*

## НОМАИ ИФТИХОР

Аз Бадахшону Зарафшонем мо,
Аз Ҳирот, аз шаҳри Теҳронем мо.
Аз Бухорои шарифу Тирмизем,
Аз Насаф ё аз Намангонем мо.
Зодаи як модарему як падар,
Аз Самарқанду Самангонем мо.
Ҳамзабону ҳамдилу ҳаммаслакем.
Як нишон аз аҳди Сомонем мо.
Гар мусулмон, ё насоро ё яҳуд,
Ёки ҳиндуем – инсонем мо.
Ин палидӣ, гар миёни мардумон,
Фарқ монем, ғайриинсонем мо.
Оғўши пурмеҳри мо боз аст, боз,
Интизори роҳи ёронем мо.
Бо диёри худ бисозем ифтихор,
Тоҷикони Ўзбекистонем мо.

*22 декабри соли 2020*

## БА МУҲОҶИРОНИ АЗИЗ

Оҳ! Бар ҳоли шумо ҷону танам месӯзад,
Ҷону тан? Гӯйӣ, тамоми баданам месӯзад.
Ончунон ғарқи азобед ҳама, медонам,
Ҷисми абгор ва ҳар раг зи танам месӯзад.

Ҷою манзил ба шумо пушти дари ҳар хона,
Ё вагон, ё сари раҳ, ё ки ягон таҳхона.
Бистари нарми шумо аст замин ё хиште,
Беҳтарин ҷой шуморост қаровулхона.

Кор ҷӯед, ки то пайсае пайдо гардад,
Фарқ не, хизмати вазнин чӣ хубе ё бад.
Гоҳ бар бешарафе бандаву хизматгоред,
Гоҳ заҳмат, ки кашидед, бар бод равад.

Ҳар яке соҳиби касбу ҳунари дилхоҳед,
Яке духтур, муаллим, дигаре тарроҳед.
Нестед лоиқи таҳқир, ки ҳоло шунавед,
Зиндагии хушу пурфайз басо мехоҳед.

Ними нон – роҳати ҷон аст, биёед ба ватан,
Мунтазир аст шуморо ҳама ин боғу чаман.
Падару модару фарзанду занон чашм ба роҳ,
Ҳеч чизе на азиз аст, ба ҷуз хокӣ ватан.

*17 феврали соли 2021*





## ПАДАР

*(Аз номи Хурсаной Халилова)*

Падар, бар ҷисми моён ҷон шумоед,
Ба тан кувват, ба дил дармон шумоед.
Набинед ҳеҷ гаҳ дигар ғамеро,
Фараҳафзо яке инсон шумоед.

Падарҷон, баҳри мо кардед хизмат,
Ки то гардем шахсони баиззат.
Аё, эй ҷонсупор, марди баҳиммат,
Аз ин давлат кунун бинед роҳат.

Ба фарзандони худ таълим додед,
Дари илму ҳунар моро кушодед.
Ба ду писар ва шаш гулдухтари худ,
Сабақ аз мактаби олӣ бидодед.

Шумо имрӯз марди солдоред,
Набера ҳам абер бисёр доред.
Нигина решаи ҷони шумо бурд,
Барои мондаҳо шукре гузоред.

Падарҷон, пурдилу пурдида бошед,
Зи рӯзи неки худ болида бошед.
Чу шамъе нур пошед бар сари мо
Ва ҳам сад соли дигар зинда бошед.

*7.06.2021*

## БА ДӮСТОН

Эй Худо, мурувватро бахри мо кун арзонӣ,
Ҷамъи анҷуман бошем бо ҳама парешонӣ.
Чун ятимаки бекас модаре куҷо дорем,
Гоҳ-гаҳ сухан гӯем ошкору пинҳонӣ.
Мо на мактабе дорем ҳам на меҳрубон устод,
То ки ӯ бигӯяд чанд дарс аз сухандонӣ.
Хӯшаҳои мо хоманд, норасида бар анҷом,
Бингарем ҳар манзил даст бурда пешонӣ,
Тоҷики бурунмарзӣ хонда дигарон моро,
Аз Насаф, Самарқандем, ҳам Бухорию Сурхонӣ.
Ҳеҷ гоҳ насозед айб шеърҳои нокисро,
Мо гиёҳи худрӯем, нест ранҷи деҳқонӣ.
Эй бародарон, бошем ҷамъ, ҷамъи як маҳфил,
Шеъри форсӣ гӯем, бо русуми инсонӣ.

*25.06.2021*

## ИЗҲОР

Ҳар кӣ моро дӯст дорад, шод бод,
Хонааш дар ду ҷаҳон обод бод.
Ҳар кӣ андозад ҷудоӣ байни мо,
Рӯзгораш пасту нообод бод.
Мақсади мо – ҳамдилӣ, ҳамбастагӣ,
Аз ниёгон ин насиҳат ёд бод.
Ҳеҷ гоҳе манзили манро мапурс,
Қалби ту бо лафзи хубам шод бод.
Тоҷикам, тоҷе ба сар бинҳодаам,
Бар ту он тоҷи Каёнӣ ёд бод.
Байни мардум то ба кай хат мекашем?
Ту фалонҷоӣ бигӯем, дод, бод!
Гар фарангам, рус ё ки ӯзбекам,
Фарқ ку, он фикри бад барбод бод.
Зодагони Одам астему Ҳаво,
Қалби мо аз душманӣ озод бод!

*3 августи соли 2021*





## БА АБЛАҲОН

Ту зарафшонӣ, бадахшонӣ магӯ,
Ё бурунмарзии сурхонӣ магӯ.
Ту биё, оғӯш бикшоем ба ҳам,
Чун бародарҳо нишинем рӯ ба рӯ.
Душманонро шод кардан аблаҳист,
Эй маҳалбози касифи шумрӯ!

## НИШОНА АСТ

Ҳоло маро манзили гарм ошёна аст,
Фардо надонам, ки бароям чӣ хона аст.
Мағрур аз ҳавою ҳавас мезанам қадам,
Гуфтори ман ҳамеша шеъру тарона аст.
Имрӯз дасту пой маро кор мекунад,
"Пирам" бигуфтанам, ки шояд баҳона аст.
Дар ҷисми ман мадори ҳазорон гирифта ҷо,
Ин аз ғурури тоҷикии ман як нишона аст.
Рӯзе агарчи хок шавам бо сари баланд,
Шодам, ки лафзи порсиям ҷовидона аст.

*19 ноябри соли 2021*

## ҚАҲР

Ман тарк мекунам дигар ин файзбоғҳо,
Хомӯш карда ҳар замон чашму чароғҳо.
Будам агарчи бо шумо наздику ҳамнафас,
Аз сина шуста борҳо ин дарду доғҳо.
Аммо кунун чу хастаам, ин қалби реш-реш,
Дигар наxоҳаме, ки кунандам суроғҳо.
Андар назар ҳамчу шаби тор ин замон,
Парвоз карда сӯйи ман калхоту зоғҳо.
Гар нозасо бигуфтаам, сад бор узр, узр,
Дигар намезанам қадам ман сӯйи боғҳо!

*26 ноябри соли 2021*

## ЗИНДА БОШЕМ КОШ ТО СОЛИ ДИГАР

Ай умеди тоза, ай нури басар,
Дӯстони дилкашу соҳибхунар.
Мебарам дасти дуо сӯйи қамар,
Зинда бошем, кош то соли дигар.

Осмон, ай шамс, ай маҳтоби ман,
Меваҳои аз самар шодоби ман,
Нурҳои дидаи пуроби ман,
Зинда бошем, кош то соли дигар.

Дилбари бар дуриҳо маҳкуми ман,
Ҳамдами аз васлҳо маҳруми ман,
Ай ҳама мардум зи марзу буми ман,
Зинда бошем, кош то соли дигар.

Нури аз чашмони ман афтода дур,
Эй ғамаш дар гараданам марҷону дурр,
Мебарам дасти дуо сӯи қубур,
Зинда бошем, кош то соли дигар.

Ай ҳама ёрони мағзи ҷони ман,
Марҳаме бар дарди бедармони ман,
Рафт аз даст он ҳама имкони ман,
Зинда бошем, кош то соли дигар.

То бичинем мевае аз боғҳо,
То бишӯем аз ҷигарҳо, доғҳо,
Шодкомиҳо шавад моро насиб,
Зинда бошем, кош то соли дигар.

*Соли 2020*





## СУБҲАТ БА ХАЙР

Эй азизу тоҷи сар, субҳат ба хайр,
Эй дилу ҷону ҷигар, субҳат ба хайр.
Рӯзҳоят пур бигардад аз фарах,
Эй рафиқи хушназар, субҳат ба хайр.
Зиндагӣ ҳамвора, пур аз шодӣ нест,
Шод бош, эй гулбасар, субҳат ба хайр.
Нест хушбахте дар олам ғайри мо,
То шавӣ хушбахттар, субҳат ба хайр.
Хоҳамо, бошӣ шукуфон рӯзу шаб,
Эй гули шому саҳар, субҳат ба хайр.
Тинҷию осудагӣ гардад насиб,
Бар ҳама аҳли башар, субҳат ба хайр.

*31 январи соли 2022*

## УМРИ МАН БИГЗАШТ

Умри ман бигзашт андар ин бари симхорҳо,
Дур аз наздику пайванду азизу ёрҳо.
Дил ҳаме хоҳад, равад, шодӣ кунад бо дӯстон,
Марзбон пуркина асту хашм созад борҳо.
Кошки дидорбинӣ мешудӣ бар ман насиб,
Қуввате дар по намонда, гаштанам душворҳо.
Ҳар замоне як паёми нохуше гар бишнавам
Андаруни хона созам нолаю афгорҳо.
Дӯстони рафтаамро бо дуо ёд оварам,
Дар ҷигар маъво гирифта теғҳову хорҳо.
Бошад он рӯзе, ки ин марзи ҷудоӣ бишканад,
Бишканад сад ормону гум шавад озорҳо.

*10 феврали соли 2012*

## МЕГУЗАРАД

Умр бо ҳар гуна ранг мегузарад,
Гоҳ бо сулҳу ба ҷанг мегузарад.

Шодиҳо то худи гардун бибарад,
Гаҳ дил аз ғам шуда танг мегузарад.

Он даме ки ҳама андар бари мост,
Хуб, бо сад гуна ранг мегузарад.

Лек аз сӯзу фироқи ёрон,
Ба сарам рехта санг, мегузарад.

Гоҳ таҳсин намоем якро,
Гоҳ бо дӯғу даранг мегузарад.

Гоҳ тӯй аст, ҳама мерақсем,
Рӯзи мотам бо чӣ ранг мегузарад.

Дил қавӣ дошт бибояд, эй дӯст,
В-арна чун рӯбаҳи ланг мегузарад.

Сабру тоқат ва таҳаммул бояд,
Зиндагӣ дар дами чанг мегузарад.

*22 феврали соли 2022*





## ҲИҶРОН

Ту танҳоию ман танҳо,
Бинолам дар дили шабҳо.
Ту аз бечорагӣ нолию
Ман аз чораи беҷо.

Худо моро ҷудо карда,
Ба дурӣ ошно карда,
Надонам, чист айби ман,
Ба ҳиҷрон мубтало карда.

Шаби ялдо, шаби ялдо,
Ман аз ту дур, ту аз ман.
Чашам захри ҷудоиҳо,
Хазонам андар ин гулшан.

Нафас андар гулӯ мирад,
Чӣ сон созам яке чора?
Зи ҳаҷри ишқи сӯзонат,
Манам як умр бечора.

Ту танҳоию ман танҳо,
Бинолам дар дили шабҳо.
Ту аз бечорагӣ нолию
Ман аз чораи беҷо.

*Апрели соли 2022*

## ШУКРОНА

Ба даргоҳат, Худоё, шукри беҳад,
Ҳазорон офарин бар номи некат.

Раҳо кардӣ зи кулфатҳо ту моро,
Дубора умр додӣ, умри зебо.

Ба мо бахти навера чӯр кардӣ,
Ҳама хавфу хатарро дур кардӣ.

Ба гӯши мо расида ҳарфи нохуш,
Дили мо аз тапидан гашт хомӯш.

Ки ногаҳ боз шуд як бурҷи сарбанд,
Раҳо шуд Тӯпаланг аз кундаву банд.

Ба моён бахти бад таҳдид мекард,
Ҳазорон мушкиле таввлид мекард.

Ҳама аз тарси ҷон ҳар сӯ давиданд,
Ба сӯйи кӯҳу саҳроҳо расиданд.

Зи дида гашт ҷорӣ абру борон,
Ба мисли рӯзҳои навбаҳорон.

Ҳама дар тарси ҷони хеш будем,
Парешону басо дилреш будем.

Ҳазорон шукр, сарбанд аст обод,
Дили мо боз гашта хурраму шод.

*23 июни соли 2022*





## МЕГУЗАРАД

Нарав, нарав, ки бе ту навбаҳор мегузарад,
Насими фораму савти ҳазор мегузарад.
Дил аз фараҳ куҷо ба завқ ояду рақсад,
Сафои умр бе ту заҳрвор мегузарад.
Заҳир гашта чеҳраи ман, гӯшае бишинам дӯш,
Ки зиндагӣ басо хору зор мегузарад.
Даме ки гиря кунад абр мисли дидаҳои ман,
Бубин, чӣ сон ашк шашқатор мегузарад.
Сабо, ба гӯши ӯ бубар зи сахтҷониям пайғом,
Бигӯ, ки ёри азизат зи дор мегузарад.
Насим, бӯйи хуш орӣ зи накҳати дилдор,
Хабар намо варо, зи ҷаҳон ёр мегузарад.
Баҳору сайри чаман бо ту дилрабо бошад,
Биё, ки умр бе ту ба як бор мегузарад.

*2 июли соли 2022*

## УМЕД

Зи Худо умедам ин аст, ки бидорадат саломат
Ва дуо кунам шабу рӯз, ҳама то дами қиёмат.

Ту ягона меҳрубонӣ, ба вуҷуди ман ту ҷонӣ,
Ту гули умед ҳастӣ, зи ҷавониям нишонӣ.

Зи хаёл кай тавонам, ки биронамат ба як дам,
Ҳама ин гуноҳ бошад, зи гуноҳ кай хӯрам ғам?

Туӣ қуввати дили ман, туӣ як хаёли зебо,
Ба Худо қасам, ки номат наравад зи ёдам асло.

*17 июни соли 2022*

## ИДИ ҚУРБОНАМ БИЁ

Ҷон ба қурбони ту бод, эй иди Қурбонам, биё,
Бар диёри ҷаннатосо, мулки Сурхонам биё.

Боиси шодии мардум ҳастиву пиру ҷавон,
Ҳар қадам болои дида, марҳами ҷонам, биё.

Тавбакоронро навоз аз ҳиммати болои худ,
Эй сафобахшанда, чандинрӯза меҳмонам, биё.

Гову молу ҳоли худро баҳри ту созем нисор,
Ҷону дилҳо ҳам фидо, эй иди Қурбонам, биё.

Кош аз рӯйи ҷаҳон гум гашта будӣ номи ҷанг,
Боиси ободии умри ҳар инсонам, биё.

Дӯстони мо "Ватан" гӯён ба ҷисми хунчакон,
Ҷон диҳанд, эй сулҳрӯзи ҳар як инсонам, биё.

Ному нанги ҷанг агар гум мешуд аз рӯйи ҷаҳон,
Бар ту мекардам фидо ин риштаи ҷонам, биё.

Чун надорам қудрати рафтан ба Байтуллоҳ агар,
Хонаи ман манзилат, дилдода меҳмонам, биё.

Ҳоҷиёнро дар паноҳи худ нигаҳ дорад Худо,
Ҳар яке бошанд сиҳат, нури ду чашмонам, биё.

Иди Қурбон, кулли эҳсон ҳадя аз баҳри ту бод,
Чашм бар роҳи туям, эй нури имонам, биё.

*3 июли соли 2022*





## БА МОДАР

Мо надонистем, ки модар ғанимат будааст,
Зиндагӣ андар бари вай кони роҳат будааст.

Сад ҳазор афсӯс, чун рӯзе бипӯшад чашми худ,
Баҳри мо – фарзандҳо рӯзи қиёмат будааст.

Они бо ман буданаш қадри варо нашнохтам,
Оҳ! Бе ӯ зиндагиям кулли заҳмат будааст.

Боре гар аз гуфтааш тобида бошам рӯйиро,
Ин ба шири софи ӯ навъе хиёнат будааст.

Гар ба номи нек зистам, доғ н-овардам ба ӯ,
Шукр, ин озодагӣ ҳам хуб иззат будааст.

Кошки боре бубинам рӯйи ӯ дар хоби худ,
Ин замон дар хоб дидан, ҳам чӣ давлат будааст.

Қодиро, деҳ аз биҳиштат ҷой кулли модарон,
Модарӣ – мардонагию бас ҷасорат будааст.

*12 августи соли 2022*

## БАДХОҲӢ ЧАРО?

Умри мо он қадр кӯтоҳ аст, бадхоҳӣ чаро?
Нисфи он бо нолаву оҳ аст, гумроҳӣ чаро?

Боядо бо шодиҳо гардад сипар ҳар лаҳзае,
Рашк, бадбинӣ, ҳасудӣ аҳлкӯтоҳӣ чаро?

Гоҳ бо пойи равон астему гоҳо бистарӣ,
Аз ғанимат будани ин умр н-огоҳӣ чаро?

Ҳар замоне, ки ба гӯшам мерасад овози ҷанг,
Гӯям, оромӣ бибояд, нолаву оҳе чаро?

Алвидоъ гӯем рӯзе ин ҳама обу замин,
Бо шаётин аз барои нафс ҳамроҳӣ чаро?

Он, ки молу мулк ҷамъ меоварад бо сад азоб,
Нафси ӯ қонеъ нахоҳад гашт, худхоҳӣ чаро?

Чашми дороён набинад ҳоли ночори ятим,
Дар ба рӯйи бенаво банданд, бадхоҳӣ чаро?

Нафси саркаш хешро бегона месозад, дареғ,
Додарон бо ҳамдигар ҷанганд, кӯтоҳӣ чаро?

Эй Худоё, бандагонатро бубахш инсофу дин,
Ин қадар баднафсию зиштию бадхоҳӣ чаро?

*22 ноябри соли 2022*





## ҲАСРАТИ МАРДИ ДОРО

Бо ҳама мақоми беш, молу мулку дорой,
Ҷуфт-ҷуфт мошинҳо, қудрату тавоной.
Ай Худо, намедонам, бандаи туям, ё нафс?

Оғиле пур аз ҳайвон, ҷумла ҳаст, ғайр аз ҷон,
Лек раҳм дар дил не, кай хурам ғами инсон?
Ай Худо, намедонам, бандаи туям, ё нафс?

Пур зи ноз дастурхон, шарбати гаронмоя,
Нони мо хӯрад ҳайвон, гушна аст ҳамсоя,
Ай Худо, намедонам, бандаи туям, ё нафс?

Одамияти ман нест, худнамою худхоҳам,
Аз ғами дили мардум гарчи хуб огоҳам,
Ай Худо, намедонам, бандаи туям, ё нафс?

Умри бевафои ман чун чароғи ларзон аст,
Гар равам аз ин дунё, молу мулк ҳайрон аст.
Ай Худо, намедонам, бандаи туям, ё нафс?

Қодиро, ба қалби ман меҳрро ато бинмо,
Дӯстдори ҳар инсон, бандаи Худо бинмо.
Бандаи ту бошам пас, на гадои молу нафс.

*28 декабри соли 2022*

## БА ХУДБИНУ ХУДПАРАСТОН

Эй мардуми ҷоҳил, ки худро бипарастед,
Боре ба Худованд дили хеш набастед.
Бо ин ҳама мағрурӣ, ки андоза надорад,
Ҳам номи Худо, ҳам дили мардум бишикастед.
Бо як амале, ки набувад лоиқи таъриф,
Занҷири ҳаёро ба тамомӣ бигусастед.
Худро бишуморида бас алломаи даврон,
Дар асл ба ҷуз як нафаре беш, кӣ ҳастед?
Хуб аст, агар чашм ба олам бикушоед,
Бинед, зи мардум назари хеш бубастед.
Беҳтар бувадо саҷда насозед ба он бут,
К-аз хеш сириштед ва онро бипарастед.

*21 январи соли 2023*

## ЁРИ МАН БОШАД

Худо кунад, ки ёр дар канори ман бошад,
Тасаллибахши қалби интизори ман бошад.

Худо кунад, ки навҷавону шодмон бошем,
Насими ишқ ҳусни навбаҳори ман бошад.

Ба оташ афканам он ранҷро зи бунёдаш,
Гуле чинам, ки мӯҷиби қарори ман бошад.

Арӯси сол чу меҳмон ба манзили ман шуд,
Чӣ бошадо, ки як даме ёр ёри ман бошад.

Гуноҳи ман ба ҷуз хаёл чизе нест,
Расад даме ки бахт созгори ман бошад.

*25 феврали соли 2023*





## ДАР ЁДИ ПАДАР

Падарам, падарҷони ширинам,
Нимашаб ёд аз шумо кардам.
Бо ҳама пирӣ мисли як кӯдак,
Ашк ҷорӣ зи дидаҳо кардам.

Як даме солҳои пешинро,
Бо муҳаббат ба ёд овардам.
Давраҳое, ки бо шумо будам,
Шоду масрур, кай будӣ дардам?

Сию як навбаҳори зеборо,
Бо шумо шод пушти сар кардам.
Солҳоест, то кунун аз ҳаҷр,
Ҳар замон рӯ зи ашк тар кардам.

Ин замон оҷизам паи тасвир,
Паҳлавонмарди деҳқон будед.
Бо ҳама мардумони деҳи худ,
Чун падар дӯш меҳрубон будед.

Одамон зи дуру ҳам наздик,
Бо шумо эҳтиром мекарданд.
Баҳри онон шумо тағо будед,
Бо муҳаббат калом мекарданд.

Гар нарафтаед худ бар ҷанг,
Аҳли деҳаро будаед сарвар.
Додаед мардумон паноҳ аз марг,
Чун падар гашта ёру ҳам ёвар.

Падарам, падарҷони ширинам,
Эй ягона ҳастиям дар ин дунё.
Чун бирафтед аз барам рӯзе,
Мондаам рӯйи ин замин танҳо.

*25 январи соли 2023*

## ХОҲИШ АЗ ДӮСТОН

Нагӯедам, ки ин шӯҳратпараст аст
Ва ёки нотавонбин асту паст аст.

Манам як мушти пар, аз деҳаи дур,
На савлат дораму на давлати зӯр.

Худо дода маро бар шеърият завқ,
Гаҳу ногаҳ нависам мисра бо шавқ.

Ба васфи он писар, ҷону ҷаҳонам,
Ки аз маргаш бисӯзад устухонам.

Кунам васфи Ватан, пайванди ҷонро,
Ватан – он маскани Сомониёнро.

Барои волидони меҳрубонам,
Ба васфи додарону хоҳаронам.

Сароям дӯстӣ, инсонгариро,
Дилу ҷонам – забони модариро.

Дилам хоҳад ҳама он гуфтаҳоям,
Расад бар мардумони рӯйи олам.

Вале бар шоирӣ даъво надорам,
Чаро, ки кам намояд иқтидорам.

*8 январи соли 2023*





## ВАЪДА

Зи муҳити ғуссаву ғам биравам ба ҷойи дигар,
Дили хастаам бихоҳад чаману ҳавои дигар.

Чу ман одамам, нахоҳам, ки асири дард бошам,
Биравам ба сӯйи шодӣ пайи ошнои дигар.

Зи фиғону оҳу воҳам дили дӯстон сияҳ шуд,
Наравам ба кӯйи шодӣ, ҳама муддаои дигар.

Чу мани шакастаҷоне дар ин ошён кам нест,
Накунам дигар фиғоне, набарам садои дигар.

*1 маи соли 2023*

## МАНАМ ОН МУРҒАКЕ...

Манам он мурғаке, болу парам нест,
Ҳавои зиндагонӣ бар сарам нест.
Бигардам ҳамчу моҳӣ рӯйи олам,
Нишон аз кӯлу аз баҳру барам нест.
Ба мактабхона дорам рафту омад,
Ба лафзи худ китобу дафтарам нест.
Замоне фахр мекардам зи шодӣ,
Ба фарзандон забони модарам нест.
Хиҷолат мекашам ҳар лаҳза аз он,
Ки манзил дораму бому дарам нест.
Ба сӯйи мардумон рӯ орам аз қаҳр,
Чаро лафзи дарӣ тоҷи сарам нест?
Зи беақлӣ ба оташ мениҳандаш,
Яке фарди адолатпарварам нест.
Аё мардум, раҳоед аз ҷаҳолат,
Забон чун нест, бахт андар барам нест.

## БАРОИ ЯК ШОИРИ МАҒРУР

Мо мисли шумо хӯшачини хони Худо не,
Донову тавонову сухандону бало не.
Ҳар он чӣ, ки дар майнаи мо ҳаст, бигӯем,
Ғайри сухани Ҳақ дигаре дар дили мо не.
Ҳарчанд гаҳе гуфтаи моро написандед,
Мо мисли шумо бандаи пуркибру ҳаво не.
Донем, басо заҳмату сад ранҷ кашидед,
Аз аҳли сафоед, касе мисли шумо не.
Аз худ бифишонед кунун кибру ҳаворо,
Ин дабдабаю ҳамҳама манзур ба мо не.
Дар пеши Худо шоҳу гадо аст баробар.
Мағрурӣ гуноҳ аст ва маъқули Худо не.
Нодонии маҳз аст зи худ рафтани ёрон.
Ин дарди гаронест, варо ҳеч даво не.

## ЁД НАКАРДӢ

Дар кунҷи харобот маро ёд накардӣ,
Бо бодаи айём дилам шод накардӣ.
Ман риндаму маҳбуби дили хеш биҷӯям,
Боре зи қафас бандаат озод накардӣ.
Ҳар гаҳ нигаронам сафари дуру дарозе,
Ай раҳбаладй ишқ, ту имдод накардӣ.
Бо ин ҳама қудрат, ки туро ҳаст, азизо,
Як зарра дили зори маро шод накардӣ.
Бо теғи ҷафо ҷони ман аз тан бирабудӣ,
Шарме зи ҷафокориву иснод накардӣ.
Мурғони ҳаво болу пари хеш фишонанд,
3-ин кунҷи хароби қафас озод накардӣ.
Дар ҳасрати як соати хуш чун равам аз даҳр,
Кай ранҷам, агар нолаву фарёд накардӣ.
Эй бор Худоё, биравам худ ба суроғат,
Чун баҳри халосӣ ту, ки иршод накардӣ.





## ХОБИ НОХУШ

Худоё, хоби нохуш дидам имшаб,
Ғамеро андар оғӯш дидам имшаб.
Миёни ҷанги оташбор худро
Зи ҷоми ғусса сархуш дидам имшаб.
Ба қадри шодмониҳо расидам,
Чароғи бахт хомӯш дидам имшаб.
Бародар тир бар додар фишонад,
Аҷаб рафтори нохуш дидам имшаб.
Бидидам даҳшати дунёи дигар,
Амониро фаромӯш дидам имшаб.
Худоё, дор арзон сулҳу ваҳдат,
Ки мардумро падаркуш дидам имшаб.

## МЕДОНАД

Ғамамро булбули саргаштаи гулзор медонад,
Азобу ранҷи ман хори сари девор медонад.
Маро дар маҷлиси хубон назар бар моҳтоб афтод,
Чӣ сон шӯриданамро шӯхи бадкирдор медонад.
Ба ранги заъфаронам бингарад ӯ шоду мастона,
Ба ҷон озурданамро он гули пурхор медонад.
Фалак ҷону дилам бирбуду ҷисм аз дард холӣ шуд,
Фиғону нолаамро кабки хушрафтор медонад.
Зада тири маломат аз каманди абрувони хеш,
Чунин озору дилозурданиро ёр медонад.
Дил аз хорӣ кунад зорӣ, ки манро марг мебояд,
Чӣ рӯзе мурданамро Холиқи Ҷаббор медонад.

## ЯК ЗАМОНЕ...

Як замоне зору нолон мешавам,
Чанд аз карда пушаймон мешавам.
Мерасад умрам ба поёни худаш,
Оқибат дар хок пинҳон мешавам.
Китфу бозуро дигар қувват намонд,
Дар миёни роҳ сарсон мешавам.
Дўстон дилгир гарданд оқибат,
Якkaву танҳо, парешон мешавам.
Чашмҳо бенуру поҳо бемадор,
Хор зери чархи гардон мешавам.
Шукр мегўям Худоро он замон,
Солдида баски инсон мешавам.

## БА МУРҒАКОНИ МУСОФИР

Он мурғи мусофир зи пешам ба куҷо рафт?
Ў қуввати дил, ёвари ман буд, чаро рафт?
Дар хоки ватан лолаву садбарг чаман шуд,
Бар манзили бегона куҷо, пеши киҳо рафт?
Ё кард назар бо нигаҳи меҳр ба дигар,
Ишқи ватан аз ин ҳама бар боди фано рафт?
Дар орзуи қаср бишуд лона фаромўш,
Ў мурғи ҳаво буд, магар сўйи ҳаво рафт?
Андар дили ёрон зада сад теғи балокаш,
Сўйи ватани ғайр ба сад савту наво рафт.
Эй мурғи мусофир, хати парвоз дигар кун,
То кас нагуморад, ки пайи сўзиши мо рафт.
Атри кафан аз хоки ватан орзу бояд,
Баргард, азизо, қадами ту ба хато рафт.





## МАН ОН ДЕВОНААМ...

Ман он девонаам, хуше надорам,
Саропо оташу чўше надорам.
Ба сурат зинда, аммо мурдарангам,
Сухан кай бишнавам, гўше надорам.
Гаҳе нолам зи дарду гоҳ хандам,
Ғамам, ки табъи хомўше надорам.
Дилам дар кўраи оташ бисўзад,
Миёни баҳр як нўше надорам.
Кунам бо худфиребӣ шомро субҳ,
Ба чуз ғурбат ҳамоғўше надорам.
Худоё, кори ман афтод мушкил,
Писар гум кардаам, хуше надорам.

## БИГЗОР, БИМИРАМ

Бигзор, бимирам ману бигзор, бимирам,
Як бор чаро? Як саду як бор бимирам.
Оромгаҳи мо шуда аз насли ҷавон пур,
Чӣ ҷойи аҷаб, гар мани бемор бимирам?
Шаб то ба саҳар дидаи ман хоб надорад,
Шояд ба дилу дидаи бедор бимирам.
Рўзе зи қазо косаи паймона шавад пур,
Бо тантанаву шодии бисёр бимирам.
Бояд ки бубинам рухи зебои Худоро,
Бодо, ки ман аз шодии дидор бимирам.
Ман ёри Худоям, дилам андар талаби ўст,
Бошад, ки басе дар талаби ёр бимирам.

## КАДОМ АСТ?

Эй ҳамсафарон, хонаи дилдор кадом аст?
Раҳгум задаем, он маҳи бедор кадом аст?
Мо манзили ӯро ҳамаи умр бикобем,
Раҳ бар тарафи он гули бехор кадом аст?
Хоки сари раҳ тӯшаву хуни ҷигар об аст,
Хушҳол аз он нашъаи дидор кадом аст?
Гардид асо сӯзану ғалбер кафи по,
Мо марди худоем, чу мо хор кадом аст?
Ҳар он чӣ зи дорони мо буд, фикандем,
Монандаи мо муфлису нодор кадом аст?
Дар гулшани дунё ҳама хандону шукуфон,
Дар қисмати мо он гули гулзор кадом аст?
Эй Қодири олам, бинамо раҳм ба моён,
Он субҳ, ки поёни шаби тор, кадом аст?

## КОР НАДОРЕМ

Мо бандаи хокӣ, ба касе кор надорем,
Чуз хоки сияҳ ҳеҷ харидор надорем.
Дар арсаи олам ба чуз аз пораи ноне,
Бар чизи дигар майл ба гуфтор надорем.
Донем, ки ҷуз хок қаноат накунонад.
Ин чашми сияҳро, раҳи бозор надорем.
Эй мардуми олам, зи чӣ ин хархашаю ҷанг?
Бар сулҳ магар ҳеҷ талабгор надорем?
На мӯру на море набарад ранҷ зи одам,
Ин аст раҳи мо, ба дигар кор надорем.





## НОЛА

Набошад хонаи моро ба ҷуз девор як роҳе,
Фақат мӯреву ё море, набошад ҳеҷ ҳамроҳе.
Ман андар давраи ёрон аҷаб хурсандӣ мекардам,
Аз ин аҳволи зорам ҳеҷ касро нест огоҳӣ.
Ба қадри рӯзгори хуш нарафтам, вой бар ҳолам!
Ман акнун медиҳам ҷуброни он пастиву гумроҳӣ.
Ду чашмам сӯйи шифт асту кунам андешаҳои хом,
Ки оё метавонам сӯйи ёрон ёфтан роҳе?
Нидо ояд, ки то рӯзи қиёмат дар чунин манзил,
Наояд баҳри тағйири намудам ҳеҷ тарроҳе.
Ман аз танҳоию дарди ҷудоӣ хок хоҳам шуд.
Шавад хокистарамро ҳамнаво сад нолаву оҳе!

## ҚОНУНИ ЗИНДАГӢ

Ҳоло чу аз чашми тарам нур меравад,
Аз бебаҳо хазинаи ман дурр меравад.
Бар роҳи тайнамудаам кардам назораҳо,
Ин олами ҷавонӣ зи ман дур меравад.
Будам чу лолаи кӯҳӣ назаррабо.
Барги хазонаму зи ман зӯр меравад.
Ҳарчанд дил чу даври ҷавонӣ ҳаметапад,
Танро мадор нест, зи дил шӯр меравад.
Эй кошки, бори дигар мебудам ҷавон,
Армонҳо аз ин дили ранҷур меравад.
Дирӯз пойҳои ман будаанд аҷаб равон,
Афтодаи миёни раҳам, зӯр меравад.
Чун булбуле ба тарфи чаман хушнаво будам,
Ҳоло садову замзама ноҷӯр меравад.
Чун акси хеш дар оина дидам аз қазо,
Гуфтам кӣ он, ки аз рухаш нур меравад?
Пирию нотавонӣ ҳама қонуни зиндагист,
Мурғи шубоб аз барам мағрур меравад.

## ОРЗУ

Ҳаме хоҳам, азизе дар дилу дар дидаҳо бошам,
Хазони рӯйи раҳ не, як гул аз аҳли сафо бошам.
Чу дар рӯйи замин ин чанд гоҳе байни ёронам,
Чунонам зиндагӣ бояд, ки пас дар ёдҳо бошам.
Намехоҳам биранҷонам касеро гуфта ноҷое,
Барои мардумон як одами дардошно бошам.
Зи ҷисми хеш шуста кибру худхоҳию мағрурӣ,
Ман он як зарраеву зодаи Одамато бошам.
Ҳама ғӯлу ғаширо аз вуҷудам дур кун, эй Ҳақ!
Набояд бандаи пур аз гунаҳ пеши Худо бошам.
Азизон, бигзарам рӯзе, маро бо неки ёд оред,
Бихоҳам ҳамчу инсони накӯ дар ёдҳо бошам.

## ҚАНОАТ КУН

Чу ҳоло зиндаам, пешам, биё, як лаҳза сӯҳбат кун
Бипурс аз ҳоли ман, чанде ба ин банда мурувват кун.
Мабодо бишнавӣ рӯзе, ки ман бигзаштаам аз даҳр.
Ба пеши қабри ман ою ду-се оят қироат кун.
Ба ёд овар маро бо некиҳо, бинмой рӯҳам шод.
Аз он, ки нестам дигар, бишину ашки ҳасрат кун.
Аё эй дӯст, он гаҳ бар сарат парвона хоҳам шуд.
Нигаҳ бинмо ба боло, рӯҳи манро хуб иззат кун.
Агар сарманзиламро як гули зебо надод оро,
Бичин аз зери по баргеву аз ёрон шикоят кун.
Ман он гаҳ мушти хокам, пеши ту ҳозир нахоҳам шуд,
Маранҷ асло, азизо, бар сукути ман қаноат кун.





## БО АЗМИ СУЛТОНӢ

Ба рухсори гули норам бирезад абру бороне,
Магар боз омада пеши ман он нохонда меҳмоне.
Бигуфтам, ки маё, эй ғам, дилам аз ту дар озор аст,
Дигар зистан бибояд бо дилу бо рӯҳи шодоне.
Гурезам сӯи шодиҳо, ки ёдашро нахоҳам кард,
Валекин аз гиребонам бигирад ҳамчу шайтоне.
Куҷо зӯру тавонам, ку дигар он ҷаҳду имконам?
Ба тираш афканам, ё сар занам бо азми султонӣ.

## ЭЙ ТАБИБО!

Эй табибо, дарди манро чора кун,
Раҳм бар ҳоли мани бечора кун.
Ҷонам аз тан мегурезад, ҳозико,
Нӯшдору бар тани садпора кун.
Нахли умр аз ташнагӣ гардад хазон,
Қатраи обе зи санги хора кун.
Осмон аз нолаам гирён шуда,
Оҳи сӯзонам гаҳе наззора кун,
Гоҳ дар худ, гоҳ бехуд мешавам,
Меҳрубониҳо ба ман ҳамвора кун.
Мешикофад синаро ғам ҳар замон
Шодмонӣ бахш, ғамро пора кун.
Он маликулмавт меҳмонам шуда,
Чанд соле ту варо овора кун.
Зиндагӣ ширину ҷон бошад азиз.
Дардро дар ҷисми ман садпора кун.
Эй табибо, кулли уммедам зи ту,
Лутф бинмо, дарди манро чора кун.

## ТАШНАИ ДИДОР

Ай боди сабо, ҳоли мани зор ту донӣ,
Аҳволи дилам зуд ба дилдор расонӣ.
Гӯяш, ки дигар нест яке сабру карораш,
Ҷонаш ба лаб омад, набувад зӯру тавоне.
Аз арши барин лаҳзаяке рӯй намояд,
Донам, ки ба ҷуз арш варо нест маконе,
Аллоҳи бузург, аз талабат рӯй натобам,
Ҳарчанд ки ман риндаму гум карда маконе.
Мардум пайи дидори ту созанд ибодат,
Аз риндии мо нест туро суду зиёне.
Бикшой саропардаву рӯ ҷониби мо кун,
Андар бари мо бош, ту бахшандаи ҷонӣ.
Ман ташна ба дидори туям, рӯ бинамой,
Ё ҷони азизам биситон, худ битавонӣ.

## ЗИНДА БОШЕМ!

Эй мардумони олам, бигзор, зинда бошем,
Бе дарду ранҷу беғам, бигзор, зинда бошем.
Танҳо ба Ҳақ аён аст, чанд рӯза умри моён,
Шодӣ намуда ҳар дам, бигзор, зинда бошем.
Баҳри чӣ мехурӯшем аз пушти молу сарват?
Шодӣ намуда бо ҳам, бигзор, зинда бошем.
Аз чӣ талош варзем баҳри зареву алмос?
Монанди ёру ҳамдам, бигзор, зинда бошем.
Миллатгарой аз чӣ, мо бандаи Худоем,
Оварда рӯй бо ҳам, бигзор, зинда бошем.
Одамато падар буд, Момоҳавост модар,
Моем насли одам, бигзор, зинда бошем.
Куштору тиру таркиш хоси диловарон не,
Бо дидаҳои бенам, бигзор, зинда бошем.
Эй мардумони олам, бошем ёру ҳамдам,
Ҳамбаста гашта бо ҳам, бигзор, зинда бошем!





## ДАРДИ МАН

Дарди ман азоби ҳиҷрон аст,
Он мисоли кандани ҷон аст.
Лаваҳо мебароянд аз қалбам,
Дарди ман ба сони вулқон аст.
Гарчи ҳар сония кунам афғон,
Марг аз ин сад бор осон аст.
Чист бар ҷароҳатам марҳам?
Он мисоли барқу тӯфон аст.
Нӯшдору маро бувад дидор,
Сад дареғ, ин ҳама на осон аст.

## ШУКУФОН ШАВ

Дило, аз изтироби беш месӯзӣ, шукуфон шав.
Баҳорон дар барам, чун шӯъла бархезу фурӯзон шав.

Замоне мерасад, фасли хазон ояд ба боғи мо,
Даме чун ғунча бишкуф, соҳиби ин давру даврон шав.

Надонам, дар куҷо он истгоҳи зиндагии мо,
Дами сӯҳбат ғанимат бишмар, аз карда пушаймон шав.

Басо дар зиндагӣ ҷурму гуноҳи бештар кардам.
Маро дар нимароҳ бигзор, дур аз шарри шайтон шав.

Аё эй дил, ғанимат бишмарем ин зиндагониро,
Раҳи манро чароғе бош, хуршеди дурахшон шав.

Накӯиву бадӣ маҳсули кори мост, сад ҳайфо,
Қавӣ бош, эй дило, дар дидаҳои нек Инсон шав!

## ҶОЕ ДОШТАМ

Дар ҷавонӣ рӯйи саҳна бас навое доштам,
Бо суруду рақс сад кибру ҳавое доштам.
Гоҳ дар Тирмиз, гаҳ дар саҳнаҳои Тошканд,
Бо ҷавонон, духтарон нозу адое доштам,
То ба Маскав "Роҳат"-и мо гашта буд овозадор,
Чун суруди яккахон дар саҳна ҷое доштам.
Панҷ сол андар Душанбе баски донишҷӯ будам,
Дастаи "Наврӯз"-ро гаҳ ошноӣ доштам.
Истаду Зебо, Садаф, Баҳринисою Мӯҳтарам,
Бо ҳама гулдухтарон дар саҳна ҷое доштам.
Дар ҷавонӣ баски хуб омӯхтам рақсу суруд,
Доимо лаҳни хушу зебо садое доштам.
То ҳамин дам дар дили ман ҷой ишқи санъат аст,
Бо сурудам доимо нуру сафое доштам.

## ДАР ХАЁЛИ МАНӢ

Ба ҳар куҷо, ки равам, боз дар хаёли манӣ,
Агарчи бегонапарастиву ҳам на моли манӣ.
Туро ба сад ҳавову ҳавас кардам орзу,
Вале ту дасти кас нарасида он ҳилоли манӣ.
Чу дар макони ҷунун худ гузидаам манзил,
Ту Лайлии ман, он ишқи безаволи манӣ.
Суруру шодиям аз дидани гули рӯят,
Ки ту сабаб ба ҳастию ҳам камоли манӣ.
Хазон ба он гули боғи хаёти ту нарасад,
Ту фариштаи заминӣ, ту ёри гулҷамоли манӣ.





## ШИКВАИ ЗАН

Ҳайфи умри даргузаштаи ман,
Ҳайфи ин зиндагии камҳосил.
Аз ту норозиям, эй Қодир,
Ки кунондӣ миёни нокасон манзил.

Мехӯрам таоми дилнокаш,
Бишнавам ҳарфҳои нобарҷо.
Нафасам танг гардад аз ин ҳол,
Худ надонам, куҷо занам худро.

Хоҳише ногаҳон шавад пайдо,
Ки равам дур аз ин дару хона,
Чанд рӯзе бигирам осоиш,
Гарчи бошам миёни бегона.

Чун дигар гушнаи таом наям,
Сабр созам ба косаи обе.
Кай кушад зиндагӣ маро дигар?
Худ бимирам зи ҳарфи нобобе.

Шукр гӯям, ки зиндаам ҳоло,
Мева аз боғи зиндагӣ дорам.
Шукр гӯям, ки чашми ман биност,
Ҳаргиз аз дасту по наменолам.

Лек хуб аст магар, ки ҳар соат
Ҳарфи беҷо зи нокасон шунавӣ?
Шиканад мағзи устухонҳоят,
Чӣ гуна сӯйи дигарон наравӣ?

Чӣ кунам, ки ҷойи дигареям нест,
Чорае ку маро ба ҷуз аз сабр?
Мезанам бар ҷабин муште боз,
Мекунам ба ҷони хешам ҷабр...

## ШУКРОНА

Шукри беҳад осмони софро,
Зиндагии тозаи атрофро.

Шукр бар ҳар як шаби ороми мо,
Рӯзҳову файзбахшо шоми мо.

Зиндагии пурсамар дорем мо.
Роҳи бехавфу хатар дорем мо.

Ин ҳама аз файзи Истиқлоли мо,
Шодии мо, бахти мо, иқболи мо.

Ҳаст дар рӯйи замини бекарон,
Кишвари бисёр, бебахт одамон.

Тиру таркишҳову куштори зиёд,
Умри осоиштаро орад ба бод.

Одамӣ ҳар сӯ парешон мешавад,
Дар суроғи бахт сарсон мешавад.

Ин ҳама андар назар афсона аст,
Баҳри мо як ҳолати бегона аст.

Ӯзбекистон – маркази сулҳу сафо,
Зодгоҳу хонаи уммеди мо.

Файзи Истиқлоли моён зинда бод,
Тинчию осудагӣ поянда бод.





## ҶАВОНӢ БАРНАМЕГАРДАД

Саратро гар занӣ бар санг,
Кунӣ ё бо Худоят ҷанг,
Нидо созӣ ба сад оҳанг,
Ҷавонӣ барнамегардад.

Агар ин чашму абрӯро,
Агар каммонда гесӯро,
Кунӣ сад нағмаи беҷо,
Ҷавонӣ барнамегардад.

Туро гарчи ҷавон аст дил,
Туӣ зебандаи маҳфил,
Муродат гар шавад ҳосил,
Ҷавонӣ барнамегардад.

Либосат гарчи ноёб аст,
Ду зулфатро дусад тоб аст,
Намеояд касе сӯят,
Ҷавонӣ барнамегардад.

Туро имкон дигар н-ояд,
Зи мардум шарм мебояд,
Худо сабре диҳад шояд,
Ҷавонӣ барнамегардад.

Аё эй пиразан, ҳоло
Макун худро дигар оро,
Гузашт он мавсими зебо,
Ҷавонӣ барнамегардад.

## ҶУДО МАКУН

Маро макун ҷудо зи ман,
Сарам ҷудо макун зи тан.
Ки нисфи ман дар он диёр
Ва дигаре дар ин ватан.

Замин яке, замон яке,
Раҳи бародарон яке.
Чу гӯшт, ҳамчу нохунем,
Ватан яке, забон яке.

Замини ман, замони ман,
Биҳишти ҷовидони ман.
Яке бимонд он тараф
Ва дигаре дар ин ватан.

Танам дар ин ватан ҷаро,
Чу нест ақли сар маро?
Дунима карданат зи чӣ?
Чу бисмиле миёни роҳ.

Ҷаро кашида симхор,
Фишонда чангу ҳам ғубор,
Дили маро сияҳ кунӣ,
Ба мисли шомҳои тор?

Ҷаро ҷудо кунӣ маро
Зи дӯстони бовафо?
Зи хоҳарони меҳрубон
Бародарони пурсахо.

Бикан ту симхорро
Ва дур кун ғуборро.
Ба қалб рахнаҳо мазан,
Ба бод деҳ қарорро.

Ту ҳокими замони ман,
Масӯз ошёни ман.
Маро зи ман ҷудо макун,
Дупора аст ҷони ман.





## КИСТАМ?

Гар бипурсӣ ин, ки ёри кистам?
Аз куҷо, ё зинда баҳри чистам?
Бо чӣ машғулӣ намудам солҳо,
Дар талоши чӣ дар олам зистам?

Пас шунав, ман як зани деҳотиям,
Дар талошу кӯшиши озодиям.
Гарчи дар зоҳир намоям шодмон,
Орӣ аз бахту нишоту шодиям.

Ман асиру бандии дасти касам,
Ман нидоям, ки ба кайҳон мерасам.
Гарчи дорам зӯри мардонро мудом.
Гӯиё ҳеҷам, ба монанди хасам.

Орзуе ҳаст дар қалбам ниҳон,
Дорам уммед аз ҳаёти ҷовидон.
Илтиҷо месозам аз ҳақ: – Эй Худо,
Ҷойи ман ҳаргиз макун пеши занон.

## МАРО ДИГАР НАМЕЁБӢ

Тасаввур мекунам, дар хона танҳоӣ,
Ту бо чашми ҳаросон роҳ мепоӣ.

Ба сӯйи раҳгузарҳо дида медӯзӣ,
Намеёбӣ азизат, сахт месӯзӣ.

Дареғо, як замон дилбанди ту будам,
Дари дилро ба рӯят боз бинмудам.

Мани сода ба ҳарфат кардаам бовар,
Ба чашмам менамудӣ мисли як ахтар.

Бигуфтам, бо ту умрам шод хоҳад буд,
Макону манзилам обод хоҳад буд.

Бале, хушбахт будам дар барат, аммо
Зи худ рафтиву бинҳодӣ қадам бечо.

Фикандӣ ишқи ман аз чаҳлу нодонӣ,
Кунун ҳар лаҳза аз карда пушаймонӣ.

Агар сад сол аз рӯйи чаҳон кобӣ,
Маро дигар намеёбӣ, намеёбӣ.

Ман акнун дар самои орзуҳо, аз нигоҳат дур,
Савори аспи зебо, гаштаам мағрур.

Маро дигар маҷӯ, ман мурғи озодам,
Турову ишқи "пок"-ат бар ҳаво додам.





## БА РАҚС О!

Ба рақс о, эй дили озурдаам, фасли самар омад.
Само шуд нилгуну дашту саҳро гулбасар омад.
Фишонда аз бари худ абри найсон дурру гавҳарро,
Гули насрину лола шоду хандон бар ба бар омад,
Зи қаҳри раъд ларза аз замину осмон бархост,
Зи лутфи барқ ҳафт ранг аз камоне ҷилвагар омад.
Зи кӯҳу дашт ояд накҳати гул бар машоми мо,
Ба сӯйи боғ аз нав булбули шӯридасар омад.
Ҳама ранҷу ғам аз борони раҳмат шуста гардад кош,
Ки рафт он фасли сармо, наварӯсе пеши дар омад.
Илоҳо, зинда бошем ин баҳору боз сад соле
Фараҳ дар ҷисму ҷону мурғи илҳомам ба бар омад.

## САЛОМИ МАН БАРЕД

Ситораҳои осмон,
Саломи ман баред сӯйи дӯстон,
Ман андар ин шаби дарозу пургудоз,
Бихоҳаме парам зи шавқ сӯятон.
Маро, ки рӯзу шаб яке
Ва қаҳр карда хоби шаб зи дидагон,
Даме ба ёд оваранд,
Вафову меҳр парваранд.
Басо, ки умри ман фано шуда ба ёдашон,
Дилам ба пеши пояшон,
Сарам фидои номашон.
Ситораҳо, гули шукуфта дар само,
Саломи ман баред сӯйи дӯстон.

## ЭЙ МАРДУМ!

Ту чӣ донӣ, ки дили ман чун аст,
Беху бунёд сaропо хун аст.
Гарчи ин чеҳраи ман гулгун аст,
Ҷонам аз пайкари ман берун аст.

Ба назар дур зи ҳар дарду ғамам,
Ҷонам аз тан биравад, лек дамам.
Назанам ҳарф зи ҳар бешу камам,
Дилам аз ранги дили Маҷнун аст.

Шуда бинои адолат вайрон,
Нест аз одамият ному нишон,
Шуда бар хок ҳақиқат пинҳон,
Ҳама аз ақл басо берун аст.

Зи тамаъ даст кашед, эй мардум,
То нагардед зи имон маҳрум.
Сӯхт инсофи шумо чун ҳезум,
Магар ин зиндагиро қонун аст?





## ЯК СИТОРА

Аз самои беҳудуду беканор,
Як ситора сӯйи ман чашмак бизад.
Аз миёни ахтарони бешумор,
Бо ишора сӯйи ман чашмак бизад.

Шояд ӯ мегуфт, бас кун гиряро
Рашки абри навбаҳоронро наор
Кам деҳ озор ин дили бечораро,
Дар чунин дунёи пур аз гиру дор.

Гуфтамаш, ҳамранги абри осмон,
Обҳо аз ҷӯйи чашмам меравад.
Танг гардад қалбам аз дарди гарон,
Дар рухам сад лола пайдо мешавад.

Гуфт, эй гумроҳ, умри одамӣ,
Дарҳақиқат, он қадар бисёр нест.
Ҳар дами умрат ғанимат мешумор,
Зиндагонӣ аз дигар такрор нест.

З-он ки ҳоло зиндай дар ин ҷаҳон,
Ҳар замон шукрона мебояд намуд.
Ман ба тақдирам кунун тан медиҳам,
Сабр бинмоям ба ин ғамҳои худ.

## МУНОҶОТ

Эй Худоё, соҳиби кавну макон,
Он, ки бахшидӣ ба моён рӯҳу ҷон.
Мӯъҷизотат аз замин то осмон,
Ҷон ато созӣ гаҳе бар мурдагон,
Дор фарзандони манро дар амон!

Худ бидонӣ, ғам маро овора кард,
Зиндагиям тира, дил садпора кард.
Доғи фарзандам чӣ сон бечора кард,
Дарди ӯ бар устухонам кора кард,
Дор фарзандони манро дар амон!

Ман ба ҳар як кори ту дил бастаам,
Шукр гӯям, ки дар олам растаам.
Розиам бар марги худ, дилхастаам,
Чун гадо рӯйи раҳат биншастаам,
Дор фарзандони манро дар амон!

Ҳастам аз ту некиро уммедвор,
Эй кариму эй раҳими меҳрбор,
Раҳм кун бар модари шабзиндадор,
Дардро аз ҷисми онон дур дор,
Дор фарзандони манро дар амон.

В-арна ҷони дар азобамро ситон,
То намонам зери ин чархи гарон,
Шарм месозам зи кулли одамон,
Ман набояд зинда бошам дар ҷаҳон,
Дор фарзандони манро дар амон!





# БАХШИДАҲО

## БА УСТОД ЛОИҚ

Шаҳд аст дар забонҳо ҳарфу каломи Лоиқ,
Кай мешавад фаромӯш аз ёд номи Лоиқ.
Бар ошиқони хушком, бар маъшуқи накӯном
Доруи дарди ишқ аст ҳар як каломи Лоиқ.

## БА АСАД ГУЛЗОДА

Аз Бухоро як калом ояд ҳаме,
Ҳамзабононро салом ояд ҳаме.
Номае аз шоири арзандае,
Чун нишони эҳтиром ояд ҳаме.
Аз Асад Гулзодаи маҳбуби дил,
Дӯстдоронро паём ояд ҳаме.
Гоҳ як гул ҳам нишони навбаҳор,
Он гули бо нангу ном ояд ҳаме.
Зинда медорад забони модарӣ,
Бо каломаш карда ром ояд ҳаме.
Рӯҳи Исмоил аз ӯ сарфароз,
Рӯдакӣ ҳам шодком ояд ҳаме.
Кошки аҳли Бухорои Шариф
Дур аз сад макру дом ояд ҳаме.
Ин Асад Гулзода, устоди сухан,
Рӯзи ҷашнаш хушкалом ояд ҳаме.

*27 феврали соли 2023*

## БА ЧОРШАНБЕИ ДЕҲНАВӢ

Ӯ, ки як марди шарифу хушдил аст,
Доимо дар ақл зеби маҳфил аст.
Хоксору хушкалому хушбаён,
Боғи эҷодаш саропо ҳосил аст.
Мисли Сурхони азизу Деҳи нав,
Чорбоғу боғ ӯро манзил аст.
Умри худро мекунад сарфи қалам,
Бе қалам зистан барояш мушкил аст.
Коми ӯро бо сухан бардоштанд,
Мисли гул хушбӯ варо обу гил аст.
Аз барои Чоршанбеи адиб,
Истгоҳи ҳафт то даҳ манзил аст.
Умри Саъдиро бубинад кош ӯ,
Орзуи нек моро дар дил аст.

## БА ШАРИКДАРСАМ АБДУРОФЕЪ РАБИЕВ

Бихоҳамо, ки ҳама дам шодмон бошӣ,
Азизу мӯҳтарам миёни дӯстон бошӣ.
Чу инсони хубию аз хубҳо беҳтар,
Кунам зи Худо илтиҷо, ки ҷовидон бошӣ.

## БА МАСЪУД МИРЗО

Шумо як шоири фарзона бошед,
Чу шамъе дар шаби Фарғона бошед.
Илоҳо, дар тамоми зиндагонӣ
Зи кулли дарду ғам бегона бошед.





## БА ҶАЪФАР МУҲАММАДИ ТИРМИЗӢ

Ман чун равам, ки пойҳоям равон нест,
Ҳолам табоҳу аз сиҳатиям нишон нест,
Дил дар талоши дидани дидорат, эй азиз,
Аммо чӣ чора, ки зӯру тавон нест.

## БА ДӮСТОНАМ ИНОЯТХОН ҶӮРАЕВА ВА АКОИ ДАВЛАТБОЙ МАҲМУДОВ

Эй азизон, аз сафар хуш омадед,
Нури дида, тоҷи сар, хуш омадед.
Аз тавофи хонаи Яздони пок
Шодмон бо ҳамдигар хуш омадед.

## БАРОИ ОЛИМИ ПАНҶИЗОДА

Агар ҳар фард чун Олим
Фидо созад дилу ҷонро пайи миллат,
Агар ҳар фард чун Олим
Кашад сад ранҷу ҳам заҳмат,
Намебудем мо бегона аз хешу табори худ,
Накарда бас хиёнат бар забон, номусу ори худ.
Тасанно бар ҷавоне, ки кашад бори ҳазоронро,
Зи баҳри миллаташ ҳатто фидо месозад ӯ ҷонро.
Барои мардумонаш ҳадя созад нури “Ховар”-ро,
Ки гӯё аз само меҳмонӣ орад шамсу ахтарро.
Нависад аз ҳаёти одамон сад нақли пурарзиш,
Ки то рӯзе намирад, пос дорад лафзи модарро.

## БАРОИ АСАДУЛЛО ИСМОИЛЗОДА

Ӯ марди роҳ бошаду ҳамранги офтоб,
Ӯро набошад оламе ҷуз олами китоб.

Мардум даванд аз пайи унвону тахту тоҷ,
Бар худнамоиҳо варо кай бошад эҳтиёҷ.

Ин тоҷу тахту давлаташ шеъри тари вай аст,
Унвону ному шӯҳраташ пеши дари вай аст.

Азбаски хурду бебаҳо чун пораи зар аст,
Андар назар бузургтар аз шамси Ховар аст.

Омад ба рӯйи ин ҷаҳон ним аср пеш аз ин,
Дар Чорбоғи гулбасар, он деҳи нозанин.

Номаш Асад, ёраш Худо, дар қалбу дида ҷо,
Сад сол умр бинад ӯ, ин аст дуои мо.

## БА ДӮСТ

Дасте ба дуо дорем, пурнуру сафо бошед,
Дар меҳани аҷдодӣ бо лутфи Худо бошед.
Бошед дусад соле як фарди ҳақиқатгӯ,
Аз ҳиҷрату пазмонӣ минбаъд ҷудо бошед.





## БА МУРАТТИБИ “РОЗИ ДИЛ” ШӮҲРАТИ БОБОҶОН

Солҳои сол беларво будам,
Шеъҳоям баҳри ман беқадр буд,
Аз қазо, як рӯз як инсони нек,
Бо дили пурмеҳр иқдоме намуд.

Ҳимматаш он қадр беандозае,
Ҳотам аз рафтори ӯ шарманда шуд.
Гарчи буд ӯ баҳри ман ноошно,
Бар ҳазору як сано арзанда шуд.

Бо машаққат гуфтаҳои бандаро
Ӯ китобе сохт, бо қадри баланд,
Дар назар он маҷмуа дар як замон
Байни мардум зуд гардид арҷманд.

Худ надонам, ки чӣ сон таҳсин кунам,
Ман ба подоши накӯиҳои ӯ.
Пас ба ӯ аз ин Худои муттаол
Зиндагии нек созам орзу.

## БА САОДАТ САНГИНОВА

Саодатҷон, хушу фархунда бошӣ,
Ба монанди маҳи тобанда бошӣ.
Ту бо ҳусну садои дилрабоят,
Ба таҳсини ҳама арзанда бошӣ.
Муборак зодрӯзат, хоҳари ҷон,
Ҳазорон соли дигар зинда бошӣ.

*21 январи соли 2020*

## БАРОИ ХАЙРИДДИН ЗАЙНИДДИНОВИ ФАРҒОНӢ

Ҳаме гирди лабонат ханда бошад,
Ба пешат дарду ғам шарманда бошад.
Навои чангу сетору рубобат
Ба қалби мо фараҳбахшанда бошад.
Барам дасти дуо сад соли дигар,
Илоҳо, додари мо зинда бошад.

*3 октябр*

## БАРОИ ЗУЛХУМОР НИЁЗОВА

Эй Худои меҳрубонам, гиря дорам зор-зор,
Дар паноҳи худ нигаҳ дорӣ азизам Зулхумор.
Ту каримию. раҳимӣ, мӯъчизотат бешумор,
Бахш як умри дубора, ҷони вай эмин бидор.

## БА ШОИРИ ҶАВОН ҲАСАН СУЛАЙМОНӢ:

Аҳсан! Ҳасан, туро ба ин шеъри тарат,
Оллоҳ мудом шавад нигаҳбони сарат.
Хоҳам, ки дар ин ҳаёти пуршебу фароз
Табъи хушу илҳом  шавад ҳамсафарат.

* * *

Ҳасанҷоно, Илоҳо, зинда бошӣ,
Ба меҳри мардумон арзанда бошӣ.
Нависӣ шеърҳои тозаву тар,
Ба мисли ахтари тобанда бошӣ.





## БА НАБЕРААМ ИБРОҲИМ

Эй мурғаки беболу парам, роҳи сафед,
Дур аз падару зи модарам, роҳи сафед.
Ёри ту Худо боду набӣ ҳамроҳат,
Эй сояи болои сарам, роҳи сафед.
Корат бабарору ризқи ту бод фузун,
Ҳоло ки равӣ ту аз барам, роҳи сафед.

## БОЗДИД

*Дар вохӯрӣ бо ҳамсабақонам, ки пас аз 50 сол баргузор гардид*

*(Дар пайравии шарикдарсам Давлати Султон)*

Баъди панҷоҳ соли тӯлонӣ,
Боз дар як хона ҷамъ гаштем.
Ҳасрато, дар давоми ин ним аср,
Ҷашма будему боз кам гаштем.

Нест он мактаби азизи мо,
Гашт дарвозааш ба мо баста,
Он дигар нест таълимгоҳ,
Вай қароргоҳи ҳарбиён гашта.

Сарвари он – Халилови доно,
Солҳоест аз ҷаҳон рафта.
Нусратулло – роҳбари азизи мо,
Зиндагиро то абад тарк гуфта.

Ку Ниёзову Рашидови олим?
Ҷойи Субҳонқули Хидир холист.
Нест Юсуфалии Қурбон,
Он, ки андаке дуртар мезист.

Юсуповро дигар намебинем,
Тарк гуфтаст зиндагониро,
Фозилов ҳам бирафт аз олам,
Дур афканда шодмониро.

Маргарита Степановна
Хоб дар сарзамини Белорус.
Он фариштаю зани зебо
Дарс мегуфт аз забони рус.

Мо набинем он азизонро,
Ки буданд ҳамсабақ ҳама моро.
Роҳила, Хосият ва Сайфулло,
Ҳайитмурод, Ҳадичаи зебо.

Аз Зулайхою Ҳамида ҳам дигар,
Нест бар мо хате ва ё хабаре.
Нест Рӯзикул ва Хайруллоҳ
Кай зи Мансур бинмондааст асаре?

Ҷӯрақул ҳам қаҳр карда зи мо,
Бар ҷаҳони ҳақиқие пайваст,
Орзу дошт бо шарикдарсон
Бинамояд ташкил ӯ як нишаст.

Аз хазонгашта он гулҳо
Бо ғами беш менамоем ёд,
Бо ду-се ояҳои раббонӣ
Хотири некашон бисозем шод.

Мешавем ҷамъ кампиракон,
Монда як-як ба тарс қадам.
Ҷамъ мешаванд ҳамсинфон,
То ки бошем соате ҳамдам.





Шукр гӯем зиндагониро,
Гарчи аз ӯ чӣ зарбаҳо дидем.
Чанд соат нишаста назди ҳам,
Шодиҳо мекунему механдем.

Тоҷинисо биомад аз Хуҷанд,
Ҳофизи хуби Тоҷикистон аст.
Мекунад замзама сурудеро,
Тӯҳфаи хуби ӯ ба дӯстон аст.

Меҳмон муаллимони афтода,
Бо асочӯб базӯр мегарданд.
Ёд орам он замонро, ки чӣ сон
Сӯйи синфхона шитоб мекарданд.

Эҳ! Ин рӯзи шодмонӣ аст,
Рӯзи дидорбинии ёрон,
Ҳақ бидонад, ки бори дигар боз
Медиҳад даст инчунин имкон?

## БА ШЕЪР

Чанд рӯзест, фаромӯш намудам, сад узр,
Шодиро лаҳзае оғӯш намудам, сад узр.
Қаламу коғази ман аз назарам дур шуда,
Ҷоми бода зи фараҳ нӯш намудам, сад узр.

Манзили мо буда он шаршараву кӯҳу дара,
Боди форам, бӯйи хуш, чаҳ-чаҳи мурғони сара.
Обаш аз маъдани бахшанда шифо пур гашта,
Чу бинӯшӣ, бидиҳад бар баданат хуш самара.

Се шабу рӯз зи ташвиши ҷаҳон дур будем,
Ҳама хандону фараҳманд ва масрур будем.
Баҳравар гашта даме аз хушиҳои дунё,
Гӯйӣ, аз шодию аз бахт чӣ мағрур будем.

Дӯстон, ҳар нафаси умр ғанимат шумарем,
Зи хушиҳои ҷаҳон рӯзу шабон баҳра барем.
Сайр бинмуда ватанрову ба хориҷ рафта,
Мисли як мурғаки озод ба ҳар гӯша парем.

## МУРҒИ ИЛҲОМ

Мурғи илҳом аз кафи дастам парид,
Ман надонам, ки куҷо шуд нопадид.
Ман кунун ӯро намоям ҷустуҷӯ,
То нависам чанд ашъори накӯ.
Завқи эҷод аз дили ман дур шуд.
Торҳои қалби ман ноҷур шуд.
Ҳар шабе бар осмон карда назар,
Гӯй, андар арш бинмуда сафар,
Гӯиё сатри наве мекофтам,
Мисраҳои дилкаше меёфтам.
Ман кунун андар дили шабҳои тор,
Мешавам илҳоми худро интизор.





## АГАР РӮЗЕ БИМИРАМ

Агар рӯзе бимирам, эй азизон,
Маро монанди ҳиндузан бисӯзед.
Ба бод оред пас хокистарамро,
Ба ҳар як гӯшаи олам бипошед.
Намехоҳам даруни хоки тоза
Бирезад зарраҳое аз вуҷудам.
Замини покро олуда созад,
Бинолад хок аз буду набудам.
Маро монанди ҳиндузан гузоред,
Даруни кӯраи тафсони оташ,
Ба ҷойи ҳар дақиқа сӯхтанҳо
Бисӯзад соате ин қалби саркаш.
Вуҷуди пургуноҳам зарра-зарра
Бигардад нопадид аз рӯйи олам.
Нахоҳам то ба он рӯзи қиёмат
Даруни хокдони тира нолам.
Чу ҳиндузан ба якбора бисӯзам,
Ҷаҳон аз ҳастии ман дар азоб аст,
Худоё, авф кун ин фикри ботил,
Ки умре сӯхтам, ҳолам хароб аст.

## САД КОҲИШИ ҶОН ДОРАМ

Сад коҳиши ҷон дорам,
Сад оҳу фиғон дорам.
Андар талаби рӯяш
Шӯре ба миён дорам.

Ку он гули беҳорам?
Дар рӯйи раҳаш зорам.
Пажмурдаи гулзорам,
Сад дарди ниҳон дорам.

## ШАРФАИ ПОЙҲОИ АЗРОИЛ

Шарфаи пойҳои Азроил
Аз паси дар ба гӯш меояд.
Барқосо зи ҷой мехезам,
Меҳмон пешам омадаст шояд.
Гӯямаш, хостам, ки бе таклиф
Биравам бар диёри хомӯшон.
Бинам аҳволи нури чашмонам,
Рӯзаш андар хок бигзарад ба чӣ сон?
Ёд мекарда бошад маро оё?
Ман варо ҳар дақиқа ёд орам.
Ҳар дақиқа дилам ба туғён аст,
Бахри дидани чеҳрааш зорам.
Гарчи бо зиндаҳо манам ҳамроҳ,
Ҳастиям бар замин яксон аст.
Гӯям, Азроило, бигир ҷонам,
Аз чунин рӯз марг осон аст.

## АЙ ОСМОН!

Ай осмон, ай осмон!
Ай осмони бекарон!
Ай нурбахши ин ҷаҳон,
Исторaҳои каҳкашон.

Боре ба ман ёрӣ кунед,
Як дам мададгорӣ кунед.
Бо меҳр сӯям бингаред,
Бошад, ки пеши худ баред?

Ҳоло дили ман хаста аст,
Рӯҳам зи ҳам бишкаста аст.
Ман бо шумо шодӣ кунам,
Эҳсоси озодӣ кунам...





## АРЗИ ФАРЗАНД

Ба кишварҳои бегона,
Бирафта аз дару хона.
Чаро гаштед дур аз мо,
Бимонда мо тани танҳо.
Кунад ғаш хоҳарам шабҳо,
Сияҳ карда дили моро.
Ба хилват рафта модарҷон
Бигиряд аз ғами ҳиҷрон.
Харобу хору ҳам ночор,
Зи дасти ғусса ӯ бемор.
Ба вай лозим шавад дору,
Вале пул не, илоҷе кӯ?
Шумо бошед, бепарво,
Намепурсед ҳол аз мо.
Падар доранд кӯдакҳо,
Фақат мо тоқаву танҳо.
Падарҷон, раҳм бинмоед,
Шумо бар хонамон оед.
Шуморо интизор астем,
Ҳама бо чашми чор астем.

*9.07.2018*

## ОРЗУ

Доимо дар осмони беғубор
Мекунад парвоз мурғон бешумор.
Дида медӯзам ба онон бо ҳавас,
Ашк аз чашмам бирезад шашқатор.

Оҳ, баҳри чӣ наям чун мурғакон
Болу пар афшонда андар осмон,
Мепаридам дар фазои бекарон,
Дур мебудам зи ташвиши ҷаҳон.

Пойҳоямро намонда қуввате,
Дар вуҷуди ман набошад ғайрате.
Гарчи дар ин рӯйи олам зиндаам,
З-одами гӯё, ки ҳастам сурате.

Гар будӣ зебо пару боле маро,
Мепаридам шодмон андар само.
Бо ҳавас ҳар сӯ парафшон мешудам,
Мегузидам ҷой рӯйи абрҳо.

Ҳасрато, ки ин ҳама хобу хаёл,
Ҳам хаёли ботилу амри маҳол,
Ҳеҷ натвонам шудан мурғи ҳаво,
Пас, бимонад орзуям безавол.





## НИШОНА

Ту аз ҷавонӣ як нишонаи манӣ,
Ту ишқу умри ҷовидонаи манӣ,
Илоҳӣ бехазон бимонию ҷавон,
Ту хуш калому ҳам таронаи манӣ.
Ҳанӯз дӯст дорамат зи мағзи ҷон,
Агарчи дур з-ошёнаи манӣ.
Чу гоҳ-гоҳ бинамат ба хоби хеш,
Таассуфо, на зеби хонаи манӣ.
Насиби мо нагашт гарчи ҳамраҳӣ,
Ту он муҳаббати ягонаи манӣ.
Хазон зи зиндагонии ту дур бод,
Ки ту биҳишти ҷовидонаи манӣ.

## ДИДАМ

Дӯш дар роҳи равон сояи моҳе дидам,
Гӯйӣ, пурдард, ба сад нолаву оҳе дидам.
Рӯй чун барги хазон, ранг мисоли заъфар,
Булаҷаб сурату ҳам турфа нигоҳе дидам.
Гуфтам, эй сарви равон, ин чӣ сару савдое?
Гуфт:–Дар манзили ӯ рӯзи сиёҳе дидам.
Ёри худ хондамашу ишқ зи андоза бурун,
Лек сад ҳайф, варо пур зи гуноҳе дидам.
Ишқи ӯ сохтаву ҳарфи лабаш бофта буд,
Пас зи ӯ рафтаву дар кӯча паноҳе дидам.
Ман кунун дар аҷабам, ин чӣ риёву ранге?
Ба хато рафтаву бас ҳоли табоҳе дидам.
Гуфтамаш, баски пушаймонӣ надорад суде,
Дар раҳи сабр аҷаб сулҳу салоҳе дидам.

## БАРОДАРОН

Бародарон нигаҳ ба якдигар кунем,
Ба ҳам шавему иттиҳод сар кунем,
Парид меҳру оқибат ба осмон,
Муҳаббату вафо ба ҳамдигар кунем.
Чаро талош баҳри молу мулку ҷон?
Расад даме, ки тарки симу зар кунем?
Яке бимирад аз гуруснагию мо
Либоси раҳм то ба кай бадар кунем?
Фитодаро гирифта даст бо ҳавас,
Паёми Рӯдакӣ шиори баҳру бар кунем.
Чу ворисони Саъдием, пас ҳама,
Ҳавои беғамӣ зи сар бадар кунем.
Ҷавонмард будаанд рафтагони мо,
Самак барин мадад чӣ бештар кунем.
Аз одамӣ чӣ монадо дар ин ҷаҳон?
Ба меҳр чашм сӯйи якдигар кунем.

## ЭЙ ФАЛАК

Эй фалак, аз дӯстон манмо ҷудо,
Бишнавам то ки “Садои ошно”.
Он, магар андар гулӯ печиду рафт,
Кай бипурсад дӯст боре ҳоли мо?
Меравем бар баҳри андеша фурӯ,
Бо чи раҳ бигзаштааст аз ман хато?
Ҳарфҳоямро намегӯяд ҷавоб,
Ё магар кардам ягон ҷурму гуноҳ?
Пуч буда меваи уммеди ман,
Нашнавам дигар садои ошно,
Бо хаёли хом чанде зистаам,
Шарм дорам дигар, аз баҳри Худо!





## НАМО ОЗОД

Аз дурии дуриҳо сад бор кунам фарёд,
Эй дӯст, маро як дам аз банд намо озод.
Ку меҳру вафои ту, ку нуру зиёи ту?
Ку савту навои ту, то қалб бигардад шод.
Эй он гулаки бехор, эй кабкаки хушрафтор,
Эй булбули ин гулзор, баҳри чӣ насозӣ ёд?
Эй ҷону дилам қурбон, ман мунтазири фармон,
Хоҳӣ, биситон ин ҷон, пас умр намо барбод.
Ҳоло ки мадорам не, як гул ба канорам не,
Ёд аз дили зорам не, ин хона намо обод.
Ман толиби дидорам, бар як нигаҳат зорам,
Эй он гули бехорам, як лаҳза дилам кун шод.

## НОШОД МАКУН

Дигар аз ҳоли дилам ёд макун,
Ба нигоҳат нафасе шод макун.
Чу ман андар сафи нобудонам,
Пас аз ин дарди нав эҷод макун.
Ту бирав, аз ғами ман орӣ бош,
Зи қафо нолаву фарёд макун.
Чу маро роҳи дигар мебояд,
Ба сарам машмаша бунёд макун.
Равам аз шаҳри ғуборолуда,
Раҳм бар ин дили ношод макун.

## ПИРӢ

Пойҳо бемадору нороҳат,
Дастҳоро намондааст қувват.
Хоҳам аз ҷойи хеш бархезам,
Оҳ, ин медиҳад маро заҳмат.

Мурғи дил бесаводу хомӯш аст,
Гӯиё набзро бидод аз даст.
Нест дигар тапиши беором,
Гӯӣ, шишае буду он бишкаст.

Ёд орам ҷавониро ин дам,
Ки чӣ масруру шодмон будам.
Пар фишонда дар осмони соф,
Ман ҳам аз хели мурғакон будам.

Ҳолиё ин ҷаҳон ба дигар ранг,
Нест он дилситону хушоҳанг.
Абри тира бигирадам оғӯш,
Ба сарам з-осмон биборад санг.

## ЧУ ПАРВОНА

Ҳанӯзам дил чу парвона талоши сӯхтан дорад,
Зи сӯзу сози аъзояш чароғ афрӯхтан дорад.
Агарчӣ нола хезад аз саропои вуҷуди ман,
Зи дарси зиндагӣ одоби сабр омӯхтан дорад.
Дамида лолаҳо андар тани ман сурху алвонӣ,
Ҳанӯз аз беқарорӣ чашм бар раҳ дӯхтан дорад.
Аё эй боғбон, магзор гулҳоям хазон гардад,
Зи оби зиндагӣ деҳаш, ки он майли чаман дорад.
Агарчӣ мезанад зангӯлаи дар фасли пойизам,
Дил умед аз баҳору сайр дар кӯҳу даман дорад.
Ғанимат бод ҳар як лаҳзаи умри азизи мо,
Ки рӯзе ҳастии мо аз гули армон кафан дорад.





## ФАСЛИ ҶАВОНӢ МЕРАВАД

Аз барам доманфишон фасли ҷавонӣ меравад,
Маст, бо кибру ғурури осмонӣ меравад.

Дастафшон, пофишон, афтону хезон аз паяш,
Медавам, аммо вай аз ман ҷовидонӣ меравад.

Панҷа бар дар мезанад ин лаҳза барф аз рӯйи хашм,
Гӯйӣ, аз ғам тору пуд аз ман ниҳонӣ меравад.

Лолаҳо гашта хазон, мурғон парида ҳар тараф,
Тарк гуфта манзилам сулҳу амонӣ меравад.

На мадоре, на дили пурзавқ, на зебо рухе,
Гӯиё ки аз сарам фарри каёнӣ меравад.

## БАРФ

Барф дар пайраҳаву бому дари хонаи ман,
Нафаси сард дамон аст ба кошонаи ман,
Ҳама ҷо гашта сафед аз караму лутфи Худо,
Лек чун абри сияҳ ин дили девонаи ман.
Ба чӣ навъ шод шавам, зери замин хок шуда,
Писарам, тоҷи сарам, он гули якдонаи ман.
Ду сари сол шуда, рӯйи раҳаш беморам,
Гӯямаш, зуд биё, мурғаки белонаи ман.
Шарм аз мардуми олам кунам, аз он, ки чӣ сон
Зиндаам, лек куҷо тифлаки фарзонаи ман?
Ай Худо, ғайри худат нест каси наздикам,
Бибар аз даҳр тани бесару сомонаи ман.

## ЭЙ МУНАҚҚИД

Эй мунаққид, гўй фикри хешро,
Истиҳола нест пушту пешро.
Шеърҳоро кун назар аз як тараф,
Дурри мақсуде биёяд то ба каф.
Ҳусну қубҳашро ту худ бинмо аён,
То набошад мисли тири бенишон.
Ҳамчу моҳием, бе об мондаем
Мо зи баҳри маъни дур афтодаем,
Кун ҳидоят ту маро бар роҳи рост,
Гуфтаи ҳақро набишнидан хатост.
Ҳарфи душман мисли қанд асту шакар,
Дўст месозад амал ҳамчун табар.
Пас нагардад тира дунёи сухан,
Аз ду-се алфози каммаънии ман.

## ЁР НАДОРАМ

"Дар рўйи ҷаҳон ғайри Худо ёр надорам,
Бар бешу ками ҳар ду ҷаҳон кор надорам".
Гар зиндагӣ чун қасри ҳубобист дурўғин,
Ман майл ба ин кўчаву бозор надорам.
Бо чашми тамаъ бингарад ар дўст ба сўям,
Донам, ки яке ёри вафодор надорам.
Ин умр ба наздикии ҳафтод расида,
Завқе ба дил аз пуштаву гулзор надорам.
Айб аст сухан гуфтанам аз ишқу рухи ёр,
Ин ҳарфи ҳавоист, ба он кор надорам.
Ҳаргиз набарам ҳамраҳи худ молу манолам,
Рўзе, ки дилу дидаи бедор надорам.





## ШЕЪР

Шеър маҳсули дили садпора аст,
Дарди касро ў ягона чора аст.
Шеър аз туғёни дил пайдо шавад,
Қатрае бошад, ки пас дарё шавад.
Гар набошад дар дили кас изтироб.
То нагардӣ ту ба мисли мум об,
Дил даруни сина то ҷавлон назад,
Сатрҳои хуб кай пайдо шавад?
Эй ту, оне ки қалам дар дасти туст,
Зиндагиву мардумонро дор дўст.
Кун шино бо киштӣ дар баҳри арўз,
Дурри маъние бичин шаб то ба рўз.
Гар туро лаълу гуҳар н-ояд ба даст,
Гашта хомўш, он қалам бояд шикаст!

## СУБҲИ НАВ

Боз як субҳи наве оғоз шуд,
Як дари шодӣ ба рўям боз шуд.
Рўҳи тоза медамад андар танам,
Сўйи иқболи наве монам қадам.
Дидаам аз ин мунаввар мешавад,
Зиндагии тозае сар мешавад.
Бишнавам ҳоло садои занги дар,
Аз умеди тоза меорад хабар.
Гўяд ў, эй дўст, ҳар як лаҳзаро,
Бо хушӣ бояд намой интиҳо.
Пас ғаму андўҳро ронам зи дар,
Бахту шодӣ сўйи худ хонам зи сар.
Меҳисобам хешро аз нав ҷавон,
Одами хушбахт дар рўйи ҷаҳон.

## БАРФӢ

Аз само меҳмон биёяд бар замин,
Бас дурахшон аст барфи аввалин.

Номаи барфиятон бар ман расид,
Дар вуҷудам шавқу ҳам шодӣ дамид.

Як зиёфат садқаи номи шумо,
Шӯрбою ош инъоми шумо.

Мисли барфи сап-сафед иқболатон,
Ҷовидонӣ хуб бодо ҳолатон.

Бо дили пурмеҳру бо чашмони чор,
Мешавам роҳи шуморо интизор.

## КӢ БОШАД?

Кӣ бошад меҳрубони ту? Фақат модар, фақат модар.
Сафои ҷисму ҷони ту? Фақат модар, фақат модар.

Даме бетоб мегардӣ, равад аз даст оромаш,
Бувад рӯҳи равони ту фақат модар, фақат модар.

Илоҳо, модарон поянда бошанду абадзинда,
Кӣ нури дидагони ту фақат модар, фақат модар!





## МАБОД

Ҳеч кас монанди ман овораи дунё мабод,
Ҳаргиз андар ин ду олам бесару бепо мабод.
Гарчи дар зоҳир чу моҳам, ботинам дар изтироб,
Бандае байни хилофон яккаву танҳо мабод.
Сӯхтам дар оташи ҳиҷрон, куҷо он мӯнисе,
Ҳаргизам мӯҳтоҷ кас бар ёри бепарво мабод.
Умри ман бигзашт зери чарх бо садҳо алам,
Дигаронро зиндагонӣ инчунин расво мабод.
Ҳар чӣ ояд бар сарам, дорам талаб сабр аз Худо,
Раҳм бинмо, Холиқо, дигар ғаме моро мабод!

## ДАРД

Вақте ки зи сар дард бадар рафту ниҳон шуд.
Гӯйӣ, ба назар дилкашу арзанда ҷаҳон шуд.
Дидам, ки баҳор омадаву сабза дамида,
Эҳё шуда аз нав тани фарсуда ҷавон шуд.
Гуфтам, ки тани ҳеҷ касе ранҷ набинад.
Дидӣ, ки вуҷудам зи чунин дард чӣ сон шуд.
Аз дарди гарон шохаи уммед чу бишкаст,
Аз панҷаи по то ба сарам ҷумла хазон шуд.
Сад шукр Худоро, ки бидод умри дубора,
Аз завқу фараҳ ҳар раги тан дар ҷараён шуд.

## ЭЙ ҒУБОР!

Эй ғубор, аз дил бирав, осуда бинмо қалби ман
Чун умед аз зиндагӣ дорам, фурӯ каш дарди ман.

Боз меҳоҳам бирақсам, хандаю шодӣ кунам,
Тӯйҳо барпо намоям, хонаободӣ кунам.

Боз дар минбар нишинам, гашта зеби маърака,
Умри боқӣ тай шавад бе ҳеҷ хавфу таҳлука

Бигзарад ҳар рӯзу ҳар як соатам бо дӯстон,
То кунам буду набудамро ба ёрон армуғон.

Эй ғубори дил, дигар нохонда меҳмонам машав,
Ту наё бар қалбҳо, бар дашту саҳроҳо бирав.





## ШУКР ГӮЯМ

Шукр гӯям, ки зиндаам то ҳол,
Шукр, чашмони ман ҳанӯз биност.
Қоматам рост, пойҳо сиҳат,
То кунун ақлу хуш ҳам барҷост.

Гарчи гоҳо зи рӯйи ношукрӣ
Шиква аз зиндагии худ созам,
Лек аксар бидида маҳсулам,
Шод гардам, зи бахти худ нозам.

Бахтам – осудагии ин кишвар,
Хандаи тифлакони маъсумам,
Серу пуранд, шукри беохир,
Аз чунин зиндагонӣ мамнунам.

Мешавад рӯзгори ман тира,
Ногаҳон "оҳ" гуфт фарзандам,
Ҷони худро нисор хоҳам кард.
Зинда дорад варо Худовандам.

Ман на молу манол меҳоҳам,
Тинҷии ин ватан бароям бахт.
Чун бубинам, ки мардумон шоданд,
Нест аз ман зиёдатар хушбахт.

## ИЛТИҶО

Эй Худоё, бахш бедорӣ ба кулли мардумон,
То забони модариро дӯст доранду амон.

Он, ки шири модар аст, аз чӣ залилу хору зор?
Баҳри чӣ миқдори манқуртон бигардад бешумор.

Бо забони дигарон ҳар ки намояд ифтихор,
Чун забони модараш гардад Илоҳо, хору зор.

## АГАР МАН...

Агар ман шод бошам, завқу шавқам мешавад афзун,
Дилам бо сад хурӯш ояд зи қаъри синаам берун.

Ҳамехоҳам, тамоми буду нобудам кунам ҳадя,
Ба пеши пойи мардум ин бисоти хеш афканда.

Ман, охир, он замон хушбахти рӯйи ҳар ду дунёям,
Сиҳатманду тавоноям, зи кулли дорамон боям.

Кифоя баҳри ман он кӯҳнаву нав чанд пероҳан,
Чӣ лозим бо зару зевар гирад оро вуҷуди ман?

Азизон, қадри якдигар баланд аз моли худ донем,
Худо донад, ки то кай рӯйи ин дунё қадам монем.





## ТИРАШАБ

Дар шаби сип-сиёҳи зулмонӣ,
Ки шуда нопадид осмонро моҳ.
Гашта хомӯш он чароғи барқ,
Равшаноитаре наёбам роҳ.

Дар гулӯям нафас фиғон дорад,
Ай Худо, ҳиммате, намирам ман.
Ҳаст пайванди ҷони ман бемор,
Раҳм кун, дасти ӯ бигирам ман.

Жолаҳо сар зада бар оина,
Гӯйӣ, бо хашм роҳ меҷӯянд.
То мани хастаро ҷазо бидиҳанд,
Бо ғазаб ҳарфи носазо гӯянд.

Субҳро интизораму афсӯс,
Ӯ зи ман чанд соате дур аст,
Дар шаби сип-сиёҳи зулмонӣ
Гӯиё чашмҳои ман кӯр аст.

## ҲАСРАТ

Наёбам ба худ як ёри ҳамдам,
Ки гӯям ман ба ӯ ғамҳою дардам.
Даруни синаам зардоб гаштаст,
Гувоҳи ҳол бошад ранги зардам.

## СУРУДИ НАВРАСОН

Мо насли комронем,
Фарзанди ин замонем.
Шодему сарфарозем,
Хушбахти ин ҷаҳонем.

Мо ворисони Сино,
Пурзӯру ҳам тавоно.
Дар илму дар тафаккур
Машҳури рӯйи дунё.

Дар роҳи илму дониш
Дорем ҳазор кӯшиш,
Овоздор ҳастем
Мо ғолибони варзиш.

Дорем давру даврон,
Имкони мо фаровон.
Гӯем, зинда бодо,
Сарсабз Ӯзбекистон!

Мӯҳсини навҷавон бин,
Пурзӯру ҳам тавон бин.
Бо зӯри китфу бозу,
Дар даҳр паҳлавон бин.

Мо кӯҳсор дорем,
3-он ифтихор дорем.
Ҳар пора санги ӯро
Бар дида мегузорем.





## МУНОҶОТ

Муноҷоти маро бишнав Худоям,
Ки рӯҳи тозае бахшӣ бароям.
Дили ман мисли шоми тирагун аст,
Дарунаш ғам зи андоза бурун аст.
Бихоҳам, ки даме осуда бошам,
Зи банди ғусса дур афтода бошам.
Вале бинам, ки ҳолам гашт бадтар,
Гиребонам зи оби дида шуд тар.
Худоё, меравам рӯзе ба кӯят,
Манам муштоқи дидори накӯят.
Вале бигзор ҳоло шод бошам,
Зи кулли дардҳо озод бошам,
Ғубору тирагӣ аз дил бурун кун,
Диламро шоду ғамро сарнагун кун.

## ХАЁЛ

Гоҳе ба баҳри орзу мекунам шино,
Чун мурғакони обие шӯху хушнаво.
Хоҳам, ки боз аз дигар як кӯдаке шавам,
Он волидони меҳрубон бошанд дар барам.
Меҳри падар бубинаму нозам зи модарам,
Дасти навозише гузоранд бар сарам.
Гирам баҳраҳо ман аз оғӯши гармашон,
Мӯйи маро сила кунад дасти нармашон.
Ин дам набераам ба сӯям медавад зи дур,
Бо як ҷаҳон муҳаббату бо шавку бо сурур:
– Ҷон, бибиҷон, бароятон чӣ хизмате кунам?
Гӯед, чӣ таомро баҳри шумо пазам?
Ин дам равам бурунтар аз олами хаёл,
Гӯям, ки тифл буданам бори дигар маҳол.
Пазмон гар шавам гаҳе бар модару падар,
Сӯйи наберагони худ бояд кунам назар.

## ЭҲТИРОМ

Ба кӯҳҳои пурвиқори мо салом!
Ба қуллаҳои устувори мо салом!

Салом бар гулу гиёҳҳои кӯҳ,
Ба боғҳои мевадори мо салом.

Ман омадам кунун зи дуриҳои дур,
Ба дӯстони меҳрдори мо салом.

Салом манзили хамӯшгаштаҳо,
Ба сангҳои ёдгори мо салом.

Дуруди ман қабул бод бар шумо,
Гузашта мардуми баори мо салом.

Ниҳондара, ниҳонӣ пушти кӯҳҳо,
Зи даҳр монда дар канори мо салом.

Ба Пуштаи варақ – деҳи олимон,
Ба Ўраху ба Чошу Пори мо салом.

Ба Паст ҳам Калону Кӯзияк,
Ба деҳаҳои обшори мо салом.

Ба Карсак – ошёни рафтагони ман,
Ба мурғакони беқарори мо салом.

Ман омадам, кӯҳҳо, ба сӯятон,
Ба пушти беш аз ҳазори мо салом!

*1 сентябри с. 2020.*





## ҚИТЪАҲО

Рӯзгори тозаи бе чангу тӯфон орзуст,
Дар зимистони ҳаётам навбаҳорон орзуст.
Гар Худоям бишнавад арзи дили ношоди ман,
Зиндагонии ҷавонӣ бо ҷавонон орзуст.

* * *

Гули зебои ман аз ин ҷаҳон рафт,
Фиғонам аз замин то осмон рафт,
Дилам об аст, гӯён Зебуннисо,
Ба сӯйи додараш беормон рафт.
Диловарҷон, баро бар пешвозаш,
Ки Зебоҷон бе пойи равон рафт.

* * *

Эй бор Худо, чашми сарам хоб надорад,
Ду дидаи ман хушк шуда, об надорад.
Рӯзу шаби ман ба илтиҷо мегузарад,
Бар нолаи ман санги сиях тоб надорад.

***

Офтоб аз осмон шуд нопадид,
Рӯзи равшан тира гардид аз назар.
Захм дар дил монд, хуш аз дида рафт,
Чун ту аз пешам бирафтӣ, эй падар.

***

Ҳар рӯзу ҳар шабона туро ёд мекунам,
Бо шеъру бо тарона туро ёд мекунам.
Дар ҳар қатори шеъри тарам мешавӣ аён,
Эй дӯст, мушфиқона туро ёд мекунам.

* * *

Ман шуморо шеърборон мекунам,
Оқибат безор аз ҷон мекунам.
То ки гардад куллиёт аз шеър пур,
Хоб аз чашмам гурезон мекунам.

* * *

Шабҳои дароз дидаам хоб надорад,
Ду чашми сарам хушк шуда, об надорад.
Пас аз қаламу коғази худ қасд ситонам,
Бар ҳасрати ман чизи дигар тоб надорад.

* * *

Диловарам, Диловарам,
Будӣ ту болу ҳам парам.
Кунун ту рафтӣ аз барам,
На бол монда, на парам.

* * *

Хонаам сард, манзилам холӣ,
Кас намепурсад аз ман аҳволе.
Эй муҳоҷирбачаҳои ширинам,
Кай биёед, гузашт чанд соле?!

* * *

Ба Худо, зиндагӣ дилгирам кард,
Ғаму ташвиши ҷаҳон пирам кард.
Як замон мурғаки озод будам,
Бин, чӣ сон бастаи занҷирам кард.

* * *

Абр бар рӯзгори ман монад,
Барқ бар ҳоли зори ман монад.
Чу ситезад ба сӯйи ман жола,
Ба дили беқарори ман монад.





* * *

Дод, сад дод, ҳоли ман танг аст,
Зиндагиям чӣ сарду беранг аст.
Хоҳам аз хон пораи ноне,
Нон андар гулӯи ман санг аст.

* * *

Аз чунин зиндагӣ, чӣ дилгирам,
Кош дар хокдони ӯ мирам!
Мисли ҳокистар аст ин ҷисмам,
Дар ғами навҷавон кунун пирам...

* * *

Ало ёри дерин, намоям садоят,
Дилу ҷон фидо бод дар пеши поят.
Агарчи нагаштем якҷоя боре,
Танам моли дигар, дилам аз бароят.

* * *

Шаб то саҳар ман будаму коғази беҷон,
Аз дарди дил огоҳ нашуд ҳеч як инсон.
Гуфтам ба қалам: ман чӣ гуна чора бисозам,
То духтаракам зинда бимонад ва шукуфон.

* * *

Эй ғам, бирав аз ман, ки ба ту кор надорам,
Даст аз ту кашидам, нигаҳи зор надорам.
Шав зери замин, ё ба дами баҳр биёмез,
Бегона шудам, майли чунин ёр надорам.

* * *

Шабҳои дароз дидаам хоб надорад,
Ду чашми сарам хушк шуда, об надорад.
Пас аз қаламу коғази худ қасд ситонам,
Бар ҳасрати ман чизи дигар тоб надорад.

## ДУБАЙТИҲО

Намедонам, ки ёронам куҷоянд,
Умедам, нури чашмонам куҷоянд.
Вуҷудам сӯзад аз дарди ҷудоӣ,
Сафобахшанда бар ҷонам куҷоянд?!

* * *

Намехоҳам дилам ғамнок бошад,
Даруни сина қалбам чок бошад.
Намехоҳам, ки аз дарди ҷудоӣ
Ҳамеша дидаам намнок бошад.

* * *

Баҳорон меравад, афсӯс, афсӯс,
Сад имкон меравад, афсӯс, афсӯс.
Набӯйидам гул аз гулзори умрам,
Зи тан ҷон меравад, афсӯс, афсӯс.

* * *

Расад рӯзе, маро дигар наёбӣ,
Чу ман як санги бадгавҳар наёбӣ.
Биёбӣ дӯстони ноӣ, аммо,
Рафиқи ҷоние дар бар наёбӣ.

* * *

Аё Наврӯз, дилро шод кардӣ,
Ҷаҳонро ранги нав эҷод кардӣ.
Тамоми олам аз нав гашт зинда,
Ту дунёи куҳан обод кардӣ.

* * *

Дили ман ҳамнавои сози Наврӯз,
Шавам аз шавқ ҳамовози Наврӯз.
Ҳама зебо, ҳама рангину дилкаш,
Ҷаҳон ранги дигар дорад дар ин рӯз.





* * *

Даме ки барф meборид чандон,
Ба тахти салтанат омад зимистон,
Туро бо беқарорӣ ёд кардам,
Аё Наврӯз, зеби навбаҳорон!

* * *

Шавам хоки қадамҳои ту, Наврӯз,
Ки оламро намудӣ шоду фирӯз.
Ба ҳар сӯ бингарам, сабз асту хуррам,
Илоҳӣ, бошӣ имрӯзу ҳама рӯз.

* * *

Худовандо, ба ҷисми мо ту ҷонӣ,
Ту соҳиб бар замину осмонӣ.
Ба мо бинмой лутфу меҳрубонӣ,
Ки созем рӯйи олам зиндагонӣ.

* * *

Кунун вазъи замона сахт танг аст,
Замин пур аз ғубору ғарқи ҷанг аст.
Нагашта сер бархе бандагонат,
Ба ҳар як гӯшае машғули ҷанг аст.

* * *

Намехоҳам гуле пажмурда бинам,
Вуҷуди одамӣ озурда бинам.
Дилам аз изтироби беш сӯзад,
Чу ҷисмеро залилу мурда бинам.

* * *

Барам дасти дуо бар сӯйи афлок:
– Худоё, бандагонатро намо пок.
Нарезад хуни ноҳақ ҳеҷ гоҳе,
Нагардад синаҳои мардумӣ чок.

* * *

Худоё, раҳм кун бар тифлаконат,
Ки рӯйи олам овардӣ амонат.
Намо эмин ҳама аз тиру таркиш,
Нигаҳ дорӣ мусаффо осмонат.

* * *

Дилам гум мезанад, пазмонам, эй дӯст,
Туро як лаҳзае меҳмонам, эй дӯст.
Намеёбам дару дарвозаатро,
Ба пеши хонаат ҳайронам, эй дӯст.

* * *

Чаро ноошной, эй гули ман?
Диҳӣ садҳо чафое, эй гули ман?
Маро партофтӣ дар заъфу пирӣ,
Ба аҳдат бевафой, эй гули ман?

* * *

Бигуфтӣ, ёвару ёри ту бошам,
Ба вақти тангӣ ғамхори ту бошам.
Намеёбам туро, эй вой, агарчи
Ба нақди чон харидори ту бошам.

* * *

Рабудӣ хобро аз дидагонам,
Намонда қуввату тобу тавонам.
На хоби шаб, на оромии рӯзе,
Худоё, дар сафи девонагонам.

* * *

Биё, булбул,бароям ҳамнаво шав,
Ба ҳоли қалби зорам ошно шав.
Ту аз ишқу муҳаббат гӯ, ман аз дард,
Маро то рӯзи маҳшар ҳамсадо шав.





* * *

Даруни синаам банди алоб аст,
Ки Зебо духтарам дар Теппа хоб аст.
Занам ҳарчанд фарёд аз дили реш,
Ҳазор афсӯс, ин ҳам бечавоб аст.

* * *

Худоё, раҳм бар ҳолам надорӣ,
Назар бар қомати долам надорӣ.
Зи ғам куштӣ, даме шодӣ биёвар,
Ту парвои куҳан солам надорӣ.

* * *

Чаро умре маро аҳвол танг аст?
Зи ашки дида рӯям ранг-ранг аст.
Надорам соате осойиш аз дард,
Худовандо, магар қалби ту санг аст?

* * *

Дареғо, умри ман бигзашт бо ғам,
Ба оху нолаву чашмони пурнам.
Дареғ аз қалби сӯзонам, дареғо,
Ки умре об гашта мисли як шамъ.

* * *

Ба худ гуфтам, дигар аз ғам нагӯям,
Зи ашку дидаи пурнам нагӯям.
Даме ки қалби ман метаркад аз дард,
Ғаму андӯҳи худ бар кӣ бигӯям?

* * *

Шунав арзи дили манро Худоям,
Расад бар осмон оху нидоям.
Яке рӯзи хуше деҳ аз бароям,
Накун асло зи чону дил чудоям.

* * *

Чӣ созам, ки ба ман раҳме намоӣ?
Надорам тоқати дарди ҷудоӣ.
Бисӯзад магз-магзи устухонам,
Раҳо бинмо аз ин сон бенавоӣ.

* * *

Илоҳо, ҳеҷ модар ғам набинад
Ва боре дидаҳояш нам набинад.
Илоҳо, шодиҳо бинад фаровон,
Вале намро ба ҷуз шабнам набинад.

* * *

Худовандо, чӣ тарзам офаридӣ,
Пур аз бадбахтиву ғам офаридӣ?
Надодӣ як замони бофароғат,
Маро бо чашми пурнам офаридӣ.

* * *

Худоё, раҳм кун бар ҳоли зорам,
Ки як мӯъҷизаеро интизорам.
Ба дарди духтарам бахшой дармон,
Умед аз меҳрубонии ту дорам.

* * *

Азизон, ваъдаро бишкастаам, узр,
Ду дасте бар дуо биншастаам, узр.
Даме ки ҷисму ҷон бар сӯзиш ояд,
Аз он қавлу қасам ворастаам, узр.

* * *

Худоё,аз ғами дил беқарорам,
Намонда лаҳзае сабру қарорам.
Бароям як дами шодӣ биовар,
Ки як рӯзи хушеро интизорам.





* * *

Ғубор аз қалби зорам кам нагардад,
Ғаму ғусса зи дил барҳам нагардад.
Чунон ҳам об рафт аз ҷӯйи чашмам,
Дигар аз гиря кардан нам нагардад.

* * *

Илоҳо, умри тӯлонӣ бубинед,
Илоҳо, меҳр арзонӣ бубинед.
Дар ин дунё, ки бар як ҷав наарзад,
Илоҳо тоҷи султонӣ бубинед.

* * *

На тоқат мондаву сабру қарорам,
Даруни хона ҷисми бемадорам.
Намепурсанд мардум ҳоли зорам,
Кунун ман марги худро интизорам.

* * *

Дили ман, эй дили садпораи ман ,
Мудом аз дарду ғам овораи ман.
Даруни хона умре монда танҳо,
Надорӣ кас, аё бечораи ман.

* * *

Баҳор омад, зи шодиҳо асар нест,
Яке гулғунча андар тори сар нест.
Туро гум карда будам дар баҳорон,
Биҷӯям ҳар қадар, аз ту асар нест.

* * *

Баҳоро, аз ту дидам ранҷи бисёр,
Намудӣ рӯзи некамро шаби тор.
Хазон гардид гул дар боғи умрам,
Намебинам рухи моҳаш дигар бор.

* * *

Биё булбул, ба боғи ман назар кун,
Гулу себаргаро як ҷо хабар кун.
Бишӯй аз дидагонам ашки ҳасрат,
Ғубор аз синаи ман дуртар кун.

* * *

Дилам сӯзад ба ту “Овози тоҷик”,
Ки ҳастӣ доимо дамсози тоҷик.
Ба имдодат куҷо оянд имрӯз
Кунун ин қавми беовози тоҷик?

* * *

Саҳаргаҳ аз ҷавонӣ ёд кардам,
Фиғону нолаву фарёд кардам.
Нигаҳ карда ба пайвандони ҷонам,
Дили ношоди худро шод кардам .

* * *

Хазонрез аст андар фасли пойиз,
Гузашт умри азизи мо чӣ сон тез.
Замони кӯдакию навҷавонӣ,
Намеояд, ҳазор афсӯс, ҳаргиз.

* * *

Ҳазор афсӯс, модар дар барам нест,
Чанори соябону раҳбарам нест .
Агарчи пираму солам зиёд аст,
Дареғ, он тоҷи заррин дар сарам нест.

* * *

Нигаҳбонат Худо бошад, писарҷон,
Паноҳат Мустафо бошад, писарҷон.
Сафар дорӣ ба кишварҳои дигар,
Хатар аз ту ҷудо бошад, писарҷон.





* * *

Ватан – сарманзилам, мулку маконам.
Ватан – ободу хуррам ошёнам.
Насибам бод, Илоҳо, мушти хокат,
Замоне дар заминат сар бимонам.

* * *

Маро завқи дигар дар дил намонда,
Ҳавои рафтани маҳфил намонда.
Ба чашмам зиндагӣ бе рангу бор аст,
Ба ҷуз хоки сияҳ манзил намонда.

* * *

Дарахти дӯстӣ бе решаву бар,
Самои зиндагиро нест ахтар.
Дар ин чанде, ки ман бемор ҳастам,
Намегӯяд касе: “Чунӣ ту, хоҳар?”

* * *

Дигар он қуввату дармони ман нест,
Садои шӯхи он ёрони ман нест.
Бибояд Файзбоғаш тарк гӯям,
Нишон аз дӯстони ҷони ман нест.

* * *

Даруни хонаам торик бошад,
Ҷаҳон бар чашм бетаҳрик бошад.
Тамоми ҳастиям месӯзад аз дард,
Ки шояд марги ман наздик бошад.

* * *

Пас аз маргам маро ҳам ёд созед,
Ба байте қабри ман обод созед.
Зи ман монад ду-се байти парешон,
Китобат карда рӯҳам шод созед.

* * *

Маро шояд ки як девона гуфтанд,
Ба ҳаққам ҳарфи бад, афсона гуфтанд.
Надонистанд қадри заҳматамро,
Зи ақлу ҳуши худ бегона гуфтанд.

* * *

Маро дарде ба ҷуз дарди сухан нест,
Зиёфат рафта чизе хўрдан нест.
Агар сарҷамъ бинам миллатамро,
Ҷуз ин осоише дар ҷону тан нест.

* * *

Замоне буд, ман ёри ту будам,
Ба накди ҷон харидори ту будам.
Ба нола субҳ мепайваст бо шом,
Фидои чашми хумори ту будам.

* * *

Худоям бар ману ту бас ҷафо кард,
Маро аз ту, туро аз ман ҷудо кард.
Илоҳо, сўзад ин тақдири шўрам,
Ки бо бегонагонам ошно кард.

* * *

Дарахти сабри ман ҳоло хазон шуд,
Ки дарди ишқ то бар осмон шуд.
Манам мурғи қафас, не болу не пар,
Ду чашм аз ашк ҷўйи Мўлиён шуд.

* * *

Илоҳо, дар бари ёрон бимирам,
Баҳорон бо гулу райҳон бимирам.
Ба болинам биёяд он азизе,
Ки рўзе аз фироқи он бимирам.





* * *

Даруни синаам ғам хона карда,
Маро аз ақли худ бегона карда.
Илоҳо, гум шавад номи ҷудоӣ,
Ки рўзу шаб маро девона карда.

* * *

Чаро ту беқарорӣ, эй дили ман,
Чаро тоқат надорӣ, эй дили ман?
Ҳамеша косаи сабрат шикаста,
Чаро бадрўзгорӣ, эй дили ман?

* * *

Худоё, раҳм кун бар ҳоли зорам,
Ки як мўъҷизаеро интизорам.
Ба дарди духтарам бахшой дармон,
Умед аз меҳрубонии ту дорам.

* * *

Худоё, аз ғами дил беқарорам,
Намонда лаҳзае сабру қарорам.
Бароям як дами шодӣ биовар,
Ки як рўзи хушеро интизорам.

* * *

Баҳор ояд, вале Зебо наояд,
Ба боғам он гули раъно наояд.
Накарда раҳм бар ҳоли дили ман,
Дигар он шўхи бепарво наояд.

* * *

Туро гум кардам аз ин боғу гулшан,
Туро гум кардам аз дунёи равшан.
Намебинам рухатро, духтари ҷон,
Дареғо, вой бар ман, вой бар ман!..

* * *

Дилам гум мезанад, пазмонам эй дӯст,
Туро як лаҳзае меҳмонам эй дӯст.
Намеёбам дару дарвозаатро,
Ба пеши хонаат ҳайронам, эй дӯст.

* * *

Бигуфтӣ, ёвару ёри ту бошам,
Ба вақти тангӣ ғамхори ту бошам.
Намеёбам туро, эй вой, гарчи
Ба нақди ҷон харидори ту бошам.

* * *

Аё, эй дӯст, дардамро даво кун,
Маро аз кунҷи танҳоӣ раҳо кун.
Дилам садпора шуд аз доғи фарзанд,
Биё, бо шодӣ як дам ошно кун.

* * *

Агарчи марг фармони Худованд,
Надорам тоқати доғи ҷигарбанд.
Илоҳо, ҳеҷ кас дар рӯйи олам,
Насӯзад мисли ман аз бахри фарзанд.

* * *

Чӣ бад кардам, Худоё, ин ғам аз чист?
Мудомам дидаҳои пурнам аз чист?
Бисӯзад мағз-мағзи устухонам,
Фиғони ин дили ғамгинам аз чист?.

* * *

Бигӯям дод, сад дод аз ҷудоӣ,
Кунам сад гуна фарёд аз ҷудоӣ.
Бирафта рӯҳу ҷонам, монд ин ҷо
Ҳамин як ҷисми ношод аз ҷудоӣ.





* * *

Чаро бар захми қалби ман даво нест?
Ба гӯшам ҷуз садои ошно нест.
Ба ҳар сӯ бингарам, рӯяш бубинам,
Диловар лаҳзае аз ман ҷудо нест.

* * *

Дилам гум мезанад, хоҳам бубинам,
Ақаллан лаҳзае пешаш нишинам.
Илоҳо, кош мебуд рӯзи маҳшар,
Ки паҳлӯяш даме манзил гузинам.

***

Китоби ту ба мисли номаи ту
Чунон гарм асту он сон оташин аст,
Чу ҳар боре кушоям саҳфаи он,
Дилам аз шавқ чун арши барин аст.

* * *

Худо сабрат диҳад бар ин ҳама дард,
Илоҳо, дар ҷаҳон танҳо набошӣ.
Биёбӣ ҳамнафас, як ёри ҳамдард,
Барои мо ҳамеша зинда бошӣ.

* * *

Ду дасти бар дуо сӯйи ту дорам
Тамаъ аз атри гесӯйи ту дорам.
Бикун бовар, ки то рӯзи қиёмат,
Таманнои гули рӯйи ту дорам.

* * *

Азизо, нимашаб ёди ту кардам,
Суруди ғам ба лаб ёди ту кардам.
Танам месӯхт аз доғи ҷудоӣ,
Ба садҳо тобу таб ёди ту кардам.

## РУБОИҲО

Эй чархи фалак, чӣ сон азобам додӣ,
Сад косаи заҳр ҷойи обам додӣ.
Дар ҳасрати ду шукуфтаи боғи дилам,
Аз хуни ҷигар ҷоми шаробам додӣ.

* * *

Ёрон, ёрон, зи ман бисозед ҳазар,
Ронед марову рӯйи ман пӯшед дар.
Ман зинда дар ин ҷаҳон кунам гашту гузор,
Ду кӯҳи баланди ман шуда зеру забар.

* * *

Сад дод задам, қобили гуфтор нашуд,
Бо гиряву нола ӯ падидор нашуд.
Бо он ҳама меҳрубониҳо духтари ман,
Бар модари сӯхтаҷон ғамхор нашуд.

* * *

Ёрон, ёрон, дили шумо кардам танг,
Чун ин ҳама гуфтаҳост сарду беранг.
Сад узр, ки аз ғами гарони сина,
Дунё шуда пурғубору саршор аз ҷанг.

* * *

Эй дӯст, бубин, ки меҳмон меояд,
Бо тантана моҳи рамазон меояд.
То шод шавад ин дили ғамдидаи мо,
Бо сад фараҳеву шодмон меояд.

* * *

Эй дӯст, биё, соате дил шод кунем,
Аз ҷумла ғубору дард озод кунем.
Иди рамазон чу меҳмон омадааст,
Базми хушу шодмонӣ бунёд кунем.





* * *

Моҳи рамазони пуратоpo падруд,
Он шустани сад саҳву хаторо падруд.
То соли дигар илоҳӣ, бошем ҳама,
Он санҷиши сабрҳои моро падруд!

* * *

Эй нафс, туро лаҷом кардан мушкил,
Бар зидди ту як қиём кардан мушкил.
Чун ҳосили шайтонӣ, ҳар шарри туро
Дур аз дили хосу ом кардан мушкил...

* * *

Баъд аз сари ман гоҳ-гаҳе ёд кунед,
Бо сурае хотири маро шод кунед,
Хоҳед агар зинда бимонад номам,
Аз гуфтаи ман китоб бунёд кунед.

* * *

Гар ман биравам, зи ман чиҳо мемонад?
Як хотирае зи бенаво мемонад.
Як сурати садпора аз ин ҳастии ман,
Чандин қаламии пурнидо мемонад.

* * *

Эй ҷон писарам, ба ту насиҳат дорам,
Як ҷумла ба номакат васият дорам.
Ин ҷисми маро гузор пеши акаат,
Андар бари ӯ ҳазор роҳат дорам.

* * *

Эй кошки ман мисоли Бобур будам,
Аз рафтани ҷони хеш мағрур будам.
Чанде гардам ба меҳр аз гирди сарат,
Ҷонат зи Худо харида масрур будам.

* * *

Эй кош, шавӣ саломат, эй духтари ман,
Аз марг амон бимонад он гаҳ сари ман.
Кош оҳи дилам расад ба гӯшат, ё Раб,
Пурнуру сафо бимонад ин ахтари ман!

* * *

Ёрон-ёрон, ба ҳам мудом ёр шавем,
Бар беваю, бечора мададгор шавем.
Моро чу Худо ба ҳар ҷиҳат месанҷад,
Бар меҳру муҳаббаташ сазовор шавем.

* * *

Бояд ки дар ин ҷаҳон диле шод кунем,
Ҳар гаҳ зи азизҳои худ ёд кунем.
Бо меҳру муҳаббату вафову имон,
Ҳамбастагию мурувват эҷод кунем.

* * *

Дар рӯйи ту ман баҳор бинам, чӣ аҷаб,
Сад гулшани лолазор бинам, чӣ аҷаб.
Гоҳе ки чу оина ба рӯям нигарӣ,
Худро нафасе қарор бинам, чӣ аҷаб?

* * *

Мо марди мусофирему дур аз ватанем,
Чун мурғаки паррехтаи бечаманем.
Рӯзе, ки ба мулки дигарон хок шавем,
Аз ҳасрату ормон гулгулкафанем.

* * *

Таъна мафирист сӯйи ин бому дарам,
3-он ки зи муҳити тоҷикӣ дуртарам.
Эрод чаро ба исми ман мегирӣ
Билло, ба Худо, ки аз ту тоҷиктарам.





* * *

Донам, гузарон аст ҳама рӯзи сиёҳ,
Ҳоҷат набувад ба гиряву нолаю оҳ.
Донам, ки Худои меҳрубон ёр ба мост,
Бар бандаи хеш карда бо лутф нигоҳ.

* * *

Эй дӯст, ба дидани рӯхат зор шудам,
Дар ҳасрати дидори гулат хор шудам.
Оҳам ба фалак дакка занад, суде ку?
Чун мурғаки бедона дилафгор шудам.

* * *

Омад ба сарам тариқати расвоӣ,
Бозам бишинам ба гӯшаи танҳоӣ.
Чандин маҳу рӯз дар ҳисорем, дареғ,
Зард аст рухам аз асари раҳпоӣ.

* * *

Хайём, туро тоҷи каёнӣ бояд,
Дар ҳар ду ҷаҳон-т ҷовидонӣ бояд.
Имрӯз маро зи хондани ашъорат
Гаҳ хузн ва гоҳ шодмонӣ бояд.

* * *

Ҳар гуфтаи ту зӯру тавон аст маро,
Осоиши рӯҳу ҷисму ҷон аст маро.
Хайём, чу рубоии ту мехонам,
Аз шодию ғам ашк равон аст маро.

* * *

Ман булбули саргаштаи гулзори ғамам,
Дар ёди бародарам ба ду чашми намам.
Эй кош, зи хок ӯ барорад сари худ,
Як бор бубинаму пас армон шиканам.

* * *

Моҳи рамазони пурато хуш омад,
Бар манзили мо нури Худо хуш омад.
Як моҳ ба ёди Ҳақ бигирем рӯза,
То пок шавем аз гуноҳ, хуш омад.

* * *

Эй хоб, шавад, ки меҳмонам бошӣ,
Як роҳате баҳри ҷисму ҷонам бошӣ.
Шабҳои дароз то саҳар бедорам,
Як лаҳза биё, рӯҳи равонам бошӣ.

* * *

Эй бор Худо, миллати мо сарҷамъ кун,
Шодон бинамо, мудом дур аз ғам кун.
Ҳамбастагиро зи дигарон ёд гиранд,
Бухлу ғаразу душманиро барҳам кун.

* * *

Ёрон-ёрон, аҷаб садо меояд,
Бар хонаи мо нуру сафо меояд.
Дирӯз чу таврид шуд ин тифли ширин,
Меҳмонаки нав ба сӯйи мо меояд.

* * *

Чун бехабаре зи олам, ӯ гирён аст,
Ду хоҳаракаш зи шавқи дил хандон аст.
Бо меҳр варо сахт бигирам оғӯш,
Ин ҷони ширини ман ба ӯ қурбон аст.

* * *

Ғам менахӯрам аз он, ки духтар бошад,
Аз сад писари майзада беҳтар бошад.
Шукрона кунам ба даргаҳи Яздонам,
Ин тозагули ба ҷон баробар бошад.





* * *

Ин хонаи рӯ ба рӯ ба ман бегона,
Чун нест падар ва модари фарзона.
Поям накашад яке қадам бигзорам,
Ҳарчанд, ки як замон будам парвона.

* * *

Шодӣ бикунед, меҳмон меояд,
Он моҳи шарифи Рамазон меояд.
Имону садоқату вафоро санҷад,
Имрӯз барои имтиҳон меояд.

* * *

Моҳи Рамазон – маҳи садоқат бошад,
Ҳамбастагӣ бошаду ҳамоқат бошад.
Ҳам сабр кунему ҳам саховат бисёр,
Ин тӯша ба фардои қиёмат бошад.

* * *

Бинед, ба рӯйи ҳамдигар зор шудем,
Дар кунҷи қафас ташнаи дидор шудем.
Азбаски гуноҳу ҷурми мо бисёр аст,
Бар ин гуна дардҳо гирифтор шудем.

* * *

Донам, гузарон аст ҳама рӯзи сиёҳ,
Ҳоҷат набувад ба гиряву нолаву оҳ.
Донам, ки Худои меҳрубон ёр ба мост,
Бар бандаи хеш карда бо лутф нигоҳ.

* * *

Эй хоб, чаро зи ман ту бегона шудӣ?
Дур аз ману ин манзили вайрона шудӣ?
Шабҳо ҳама дам роҳи туро мепоям,
Эй кош, ба чашми ҷори ман лона шудӣ.

* * *

Сад шукри Худо, ки дўст афзун дорам,
Қимат зи тилову ганҷи Қорун дорам.
Ҳар лаҳза ба хонаам қадам ранҷа кунанд,
В-арна бимирам, чу қалби пурхун дорам.

* * *

Эй ашк, бирав, ки аз ту безор шудам,
Ҳамдам ба ту гаштаву бас абгор шудам.
Бо хандаву шодӣ ҳамнишин хоҳам шуд,
Ҳам кушт маро, ба ҳарфи хуш зор шудам.

* * *

Мардум, мардум, чаро шумо гумроҳед?
Аз қисмати хеш аз чӣ ноогоҳед?
Осон бифурӯшед забони модар,
Манқурт будан магар шумо мехоҳед?

* * *

Эй халқи парокандаву бас савдоӣ,
Нобуд шавед бас зи бепарвоӣ.
Аз ҳарф задан ба тоҷикӣ ор кунед,
Бегонапараст, марги ин доноӣ.

* **

Имрӯз баҳор дар барам меҳмон аст,
Ҳар як гияҳаш дарди маро дармон аст,
Рафтам ба суроғи писари гулбаданам,
Пӯшида дараш, зери замин пинҳон аст.

* * *

Маънӣ набувад ба рӯзгорам дигар,
Вой аз дили оовораву садпора ҷигар,
Шабҳои дароз то саҳар нола кунам,
Эй кош, бубинам писарам бори дигар.





* * *

Эй гулписарам, ман омадам бар кӯят,
Бикшо дари худ, то ки бубинам рӯят.
Бар модари бечораи худ раҳм бикун,
То сер шавам зи чеҳраи некӯят.

* * *

Умрам ба мисоли бод андар гузар аст,
Шодӣ каму ғам ҳар нафасе бештар аст.
Эй дӯст, ба қадри зиндагӣ расидан бояд,
Ҳар лаҳзаи умр бартар аз симу зар аст.

* * *

Эй ҳамсабақон, чашми ману роҳи шумо,
Ҷону дили ман аз паи огоҳи шумо.
Эй кош, Худо насиб мегардонид,
Як бори дигар будем ҳамроҳи шумо.

* * *

Оне, ки азиз буд, маро ёр нашуд,
Бозор бирафтаву харидор нашуд.
Ман Юсуфи Канъонӣ, ғуломи Мисрӣ,
Ҷуз хоҷа касе маро гирифтор нашуд.

* * *

Аз роҳи равон ба пушти сар менигарам,
Бинам аҷаб ин зиндагии бесамарам.
Мардум ҳама бо азизи дил дар шодӣ,
Ман дар ҳаваси ёр зи худ бехабарам.

* * *

Рӯзе гузарам, дили маро пора кунед,
Бар қалби шикаста боз наззора кунед.
Аз он бичинед хорҳоро як-як,
Пас бар ҷасадам суфи кафан пора кунед.

* * *

Ман булбули саргаштаи гулзори шумо,
Ошиқ шудаам ба ҳусну рафтори шумо.
Сад зоғу заған роҳи маро мепояд,
Аммо чӣ кунам, ки ман харидори шумо.

* * *

Ҳарчанд ки дорамем ё дарбадарем,
Дар пеши аҷал чу мурғи беболу парем.
Ҳар лаҳзаи умри худ ғанимат шуморем,
Он симу заре, ки ҳаст, бо худ набарем.

* * *

Рӯзе, ки равам, зи ман чӣ монад ба нишон,
Бо чӣ сифате ёд кунандам дигарон?
Шояд ки ду-се байти парокандаву суст
Дар дафтари шеъри ман бимонад ба ҷаҳон.





# БАЙТҲО

Пас аз ин такя ба Аллоҳ кунам,
Тарки ин мартабаю ҷоҳ кунам.

* * *

Ёдаш макун онро, ки туро ёд надорад,
Аз дидани рӯйи ту дили шод надорад.

* * *

Қавл додам, ки дигар зиндагӣ аз сар созам,
Тарки бемориву ин болину бистар созам.

* * *

Дилам танг асту осоиш надорам,
Барои шодӣ як кӯшиш надорам.

* * *

Илоҳо, тоҷи давлат бар сарат бод,
Ҳама шодии олам дар барат бод.

* * *

Замин ҷунбиду ман дар хона хобам,
Худовандо, мадеҳ ҳаргиз азобам.

* * *

Ду пора қалби ман дар қаъри гӯр аст,
Чӣ созам, ки маро тақдир шӯр аст...

* * *

Бар Самарқанд зи Русия Диловар омад,
Рафт бо пойи равон, ҳайф, ки бо сар омад.

* * *

Диловарҷон, илоҳо хонаи уқбои ту пурнуртар бодо,
Дар он дунё туро ҳурони ҷаннат ҳамсафар бодо!

* * *

Афсӯс, ки ман пираму дармондаву ранҷур,
Ҳаргиз натавонам равам ин гуна раҳи дур.

* * *

Ман оҷизу нотавонаму бечора,
Кай дасти маро гирию созӣ чора?!

* * *

Бас сӯхтам зи толеи пастам дар ин ҳаёт,
Хокистарам, ки дар замин пинҳон намудаанд.

* * *

Илоҳо, роҳатон як умр бехавфу хатар бодо
Ва мурғи бахт доим ҳамнишину ҳамсафар бодо.

* * *

Ман, ки шабҳои дароз аз ғами ӯ бедорам,
Ғайри андешаи ботил дигаре кай дорам?

* * *

Будед қуввати дилу нуре ба чашми сар,
Бодо биҳишт ҷоятон, эй ҳазрати падар.

* * *

Мурғи илҳом омаду хоб аз ду чашмам дур шуд,
Нағмаҳои хуби ӯ бо тори қалбам ҷӯр шуд.

* * *

Баски бар шеъри дарӣ дил додаем,
Мо ҳама шогирди Турсунзодаем.

* * *

Маранҷ, ки шеъри таре армуғонам нест
Вуҷуди ғамзадаи ман ҳама шеър аст.

* * *

Эй Худои муттаол, ин бандаро хушдил намо,
Ҳар муроде дар дилаш бошад, варо ҳосил намо.

* * *

Соли нав бодо муборак бар шумо,
Бахт бинеду хушиҳо доимо.

* * *

Ҳаргиз ҳавасам нарафт бар рӯбаҳи зишт,
Одам бошӣ, чу одамон бояд зист.

* * *

Илоҳо, тоҷи давлат бар сарат бод,
Ҳама шодии олам дар барат бод.



## МУНДАРИҶА


Ватан ҷону забон имон....3
Дар ёди дӯстон....11
Навбаҳор аст... ....20
Дарде, ки бар ҷон кора кард....25
Дардномаҳо....33
Гар носазо бигуфтаам, сад бор узр, узр ....69
Бахшидаҳо....119
Қитъаҳо....149
Дубайтиҳо....152
Рубоиҳо....164
Байтҳо....173

*Адабий-бадиий нашр*

**ДИЛОШЎБ**
(Ўғилой ЖЎРАБОЕВА)

# ТАНИШ САДО

(Шеърлар)

**Муҳаррир:**
Асадулло ШУКУРОВ
**Мусаҳҳиҳ:**
Асалой САРХАТЗОДА,
**Техник муҳаррир:**
Муборак СОДИҚОВА

«MAHORAT» нашриёт-матбаа ижод уйи
100129. Самарқанд шаҳри,
Анҳор кўчаси, 33 уй.
Тасдиқнома: № 3278 (13.12.2021)

Теришга 2024 йил 05 январда берилди.
Босишга 2024 йил 30 январда рухсат этилди.
Бичими $84x108_{1/16}$ «Times New Roman»
гарнитурасида офсет босма усулида офсет коғозида
босилди. 11,0 шарт. б.т. 10,5 ҳисоб нашр табоғи.
Адади 200 нусха 30/01 -сон буюртма.

«RELIABLE-PRINT» босмахонасида чоп этилди.
Тошкент шаҳри, Қушбеги кўчаси, 6 уй



Китобе, ки дар даст доред, китоби сеюми шоираи дилошно **ДИЛОШЎБ (Ўғилой Ҷўрабоева)** мебошад. То ин дам ду маҷмўаи шеърии ў бо номи "Рози дил" (соли 2017) ва "Харгўшаки гурезпо" (соли 2021) чоп шудааст. Соли 2019 "Анор" ном асари Абдулло Қаҳҳорро иборат аз як қисса ва ҳикояҳо аз забони ўзбекӣ ба забони тоҷикӣ тарҷима ва нашр кардааст

ДИЛОШЎБ (Ўғилой Ҷўрабоева) 21-уми марти соли 1954 дар деҳаи Янгибоғи ноҳияи Сариосиё (ҳоло Узун) таваллуд шудааст. Хатмкардаи (соли 1975) риштаи рўзноманигории Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон мебошад. То ба нафақа баромадан (соли 2004) дар идораи рўзномаҳои "Ҳақиқати Сариосиё", "Субҳи Боботоғ" ва мактабҳои рақами 12 ва 14-и ноҳияи Узун кор кард. Ҳоло нафақахўр аст.

«MAHORAT»

ISBN 978-9910-9259-4-8

9 789910 925948